**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ВБД: 373+372.8: 78** *Бо ҳуқуқи дастнавис*
**ТКБ: 74.2+85.31**
**Р-27**

**РАМАЗОНЗОДА ДАВЛАТ СУЛАЙМОН**

# ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ МУСИҚӢ-БОЗИКУНӢ

**Ҳимояи такрорӣ**

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. – Назария ма методики таълиму тарбияи томактабӣ**
**(педагогикаи томактабӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.

**ДУШАНБЕ - 2026**

## МУНДАРИҶА

Номгӯи ихтисораҳо......................................................................................3

Муқаддима…………………………………………………….........................4-19

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ**............20-55

1.1. Инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ..............................................................................................................20-36

1.2. Хусусияти инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ..............................................................................................................36-53

Хулосаи боби якум......................................................................................53-55

**БОБИ II АСОСҲОИ АМАЛИИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДИИ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСИҚӢ-БОЗИКУНӢ..**..............................................................................................56-93

2.1. Имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон.........................................................................56-78

2.2. Заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ..........................................78-91

Хулосаи боби дуюм...................................................................................92-93

**БОБИ III. ТЕХНОЛОГИЯИ ИНКИШОФ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДӢ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСИҚӢ-БОЗИКУНӢ**..................................94-178

3.1. Омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ..............................................................................................................94-119

3.2. Кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он..........................................119-149

Хулосаи боби сеюм...................................................................................149-152

**Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ................152-153**

**Тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот........................153-156**

**Рӯйхати адабиёт.......................................................................................157-173**

**Интишорот аз рӯйи диссертатсия......................................................174-178**

**Номгӯи ихтисораҳо**

МТТ - муассисаи таълимии томактабӣ

МТМУ - муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ҚҶТ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷомеаи муосир ба шахсони дорои қобилияту истеъдод, ки ба ҳаллу баррасии мушкилоти, асри ХХ1, асри ҷаҳонишавии арзишҳои моддию маънавӣ омодаанд, бештар ниёз дорад.

Давраи томактабӣ, ки яке аз давраҳои мувофиқтарин барои тарбия ва ташаккули сифатҳои равонӣ ва зеҳнӣ, ирода ва ахлоқи кӯдакон эътироф шудааст, поягузории шахсияти инсон ба ҳисоб меравад. Вай дар тарбия ва таъмини инкишофи маҳорати қобилиятҳои эҷодии кӯдакон нақши муҳим мебозад. Барои ҳалли ин масъала бояд ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабии кӯдакон ва рушди минбаъдаи ҳамаҷонибаи неруи эҷодӣ, инчунин қобилиятҳои бадеии онҳо такя кард.

Санъати мусиқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия ва такмилдиҳандаи қобилияти эҷодӣ ва зебоипарастии кӯдакон буда, он манбаи некӣ, зебоӣ ва ҳамоҳангии эҳсосот аст. Барои рушд додани қобилиятҳои мусиқии кӯдакони тарбияи томактабӣ вазифаҳои асосии роҳбари мусиқӣ вароқи тозае мебошад, ки дар он суруди эҳсосот навишта мешавад ва ин давраи мусоидтарин барои ташаккули ҷанбаҳои бунёдии эҷодиёти мусиқӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳони муосир рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакони аз 5 то 6 - сола бо ёрии санъати мусиқӣ аҳаммияти хосса дорад. Маҳз синни томактабӣ, ҳамчун синну соли пурсамартарин буда, дар он барои ташаккули шавқу ҳавас, ақида ва завқи бадеии кӯдак асос гузошта мешавад.

Ба инобат гирифтани шароит ва меъёрҳои муосир, ки дар рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ эътироф шудаанд, муҳим аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ҷанбаҳои асосии тарбияи томактабӣ муқаррар карда шудаанд, ки ба рушди

сифатҳои умумии фарҳангӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоипарастӣ ва шахсии кӯдакон нигаронида шудаанд.

Дар ҷомеаи муосир масъалаи ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакон тавассути санъат ва бозӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Маҳз дар ҳамин синну сол иқтидори асосии рушди ояндаи дониши дуруст ва завқи эҷодии инсон гузошта мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки талаботи стандартҳои муосир дар соҳаи рушди малакаҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар "Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Стандартҳои инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз 6 то 7-сола) ба таълим, инкишоф ва ташаккули тарбия ва сифату маҳорати зебоипарастии кӯдакони синни томактабӣ диққати махсус дода шудааст.

Барномаи "Рангинкамон", ки барои таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ таҳия шудааст, ин ҳуҷҷати асосии барномавӣ ва методӣ мебошад, ки мазмуни фаъолияти тарбиявиро дар ин самт муайян мекунад.

Барнома ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳар як аз панҷ самти инкишоф ва тарбияи кӯдакон, ки ба рушди ҷисмонӣ, рушди иҷтимоӣ ва робита бо кӯдакон, рушди маърифатӣ, рушди бадеӣ ва зебоипарастӣ, рушди эҷодиро баррасӣ мекунад.

Татбиқи барнома бо дарназардошти талаботи заминаи меъёрии ҳуқуқии таълиму тарбияи томактабӣ сурат мегирад ва имкон медиҳад, ки барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Раванди инкишофи мусиқӣ ва эҷодии кӯдаки синни томактабӣ раванди муттасилест, ки дар давоми он фаъолияти мусиқӣ ва эҷодии ӯ ташаккул меёбад. Он ҳамчун асос барои ташаккули шахсияти мутаносиб ва кушодани иқтидори эҷодии кӯдак хизмат мекунад.

Дар ҷомеаи муосир масъалаи инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон торафт зарур ва муҳимтар магардад. Онро аксаран “Мушкилоти аср” меноманд, зеро он бо раванди тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдак робитаи зич дорад.

Қобилияти мусиқӣ як сифатест, ки дар фаъолиятҳои гуногун зоҳир мешавад. Онҳо махсусан, дар ҷараёни ифодаи зебоипарастӣ ва эҷодӣ равшан зоҳир мегарданд. Мусиқӣ санъатест, ки метавонад ба эҳсосоти инсон таъсир расонад. Раванди эҷод, иҷро, шунидан ва мубодилаи мусиқӣ шодӣ ва лаззат меорад.

Фаъолияти эҷодӣ барои рушди қобилиятҳои мусиқии кӯдакони синни томактабӣ уфуққҳои васеъ мекушояд. Дар раванди бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ намудҳои гуногуни фаъолиятҳои мусиқӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба рушди қобилиятҳои мусиқии кӯдакон мусоидат менамояд. Ин қобилиятҳо маҳз дар синни томактабӣ, ҳангоми бозӣ зоҳир мегардад, ки ташаккул ва инкишофи минбаъдаи онҳоро таъмин менамояд.

Санъати мусиқӣ ба рушди кӯдакон таъсири бузург расонида, ба ташаккули қобилияти мушоҳида, хотира, тафаккур ва тасаввуроти онҳо мусоидат мекунад. Ин раванд махсусан дар синни томактабӣ фаъол аст, вақте ки кӯдакон ба ҳосил намудани таҷрибаи нав омодаанд ва донишро ба осонӣ дарк мекунанд.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ташаккул ва инкишоф додани завқи мусиқӣ, кушодани рағбати онҳо ба санъат ва инкишоф додани қобилияти эҷодӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ин восита кӯдакон дар машғулиятҳои мусиқӣ боз ҳам фаъолтар мегарданд.

Таҳқиқотҳои илмӣ, амалияи педагогӣ ва таҷрибаи мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки ҳар як кӯдак дорои иқтидори беназир аст, ки метавонад ҳам дарҳол ва ҳам бо гузашти вақт зоҳир шавад.

Қобилияти дарк кардани мусиқӣ, фарқ кардани баландӣ ва суръати он дар синни томактабӣ муқаррар карда мешавад ва дар тули ҳаёт инкишоф меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ:** Коркарди масъалаи маҳорат, қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдод будан ва нобиға эътироф шудан дар илмҳои фалсафа, сотсиология, фарҳангшиносӣ, психология, педагогика яке аз масъалаҳои доманадор, печида, баҳснок, гуногунҷабҳа буда, аз тарафи муҳаққиқон дар таҳқиқоти илмӣ мувофиқи объекту предмет, мақсаду вазифаҳои фанни омӯзишӣ мавриди тавзеҳу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ҷабҳаҳои фалсафии масъалаи қобилиятнокӣ ё худ лаёқатмандӣ аз тарафи П.В. Плеханов [133], Н.Г. Куприна [81] ва дигарон баррасӣ гардида, асоси психологии он дар таҳқиқоти Л.С. Виготский [35], Б.М. Теплов [164], Б.В. Асафев [11], А.Г. Ковалёв, А.Н. Леонтев [92] ва дигарон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.

Хусусиятҳои инкишофи эҷодкорӣ дар хурдсолон аз нигоҳи педагогӣ таваҷҷуҳи олимон М.Т. Картавсева [65], Б.В. Асафев [11] ва дигаронро ба худ ҷалб намуда, масъалаҳои рушди фаъолияти эҷодӣ ва мусиқӣ аз тарафи Н.А. Ветлугина, Г.Ф. Харисова ва дигарон мавриди таҳқиқоти илмии махсус, қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки таъсири мусиқиро файласуфони қадим Пифагор, Арасту, Платон, классикони фалсафаи тоҷик Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон махсус таъкид карда, тарбияи мусиқиро дар ҳаёти инсон аз айёми хурдсолӣ зарур шуморида буданд, ки ақидаи онҳо дар таҳқиқоти муосир чун заминаи методологӣ хизмат мекунад.

Мавҷудияти муаммоҳо, мушкилотҳо ва баҳисобгирии онҳо дар назария ва амалияи тарбияи мусиқӣ ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакону наврасон низ таъсиргузор аст.

Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ба фаъолияти бозикунии онҳо зич алоқаманд аст. Дар психология ва педагогикаи муосир масъалаҳои назариявӣ ва амалии бозӣ аз тарафи А.С. Макаренко [98], Л.С. Виготский [35], Д.Б. Элконин [196], Т.П. Авдулова [4], А.Н. Леонтев [92] ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқони назария ва амалияи ташкилу роҳбарии педагогӣ ба бозиҳои кӯдакон (Л.С. Виготский [35], Д.Б. Элконин [196], А.П. Усова [168], Г.Е. Жукова [54], Т.А. Репина, Т.П. Авдулова [4] ва дигарон) бар он ақидаанд, ки намудҳои бозиҳои кӯдакон, ки онҳо дар педагогикаи томактабӣ бо гурӯҳҳои бозиҳои қоиданок (серҳаракат ва дидактикӣ) ва эҷодӣ (нақшофарии мазмундор, сохтмонӣ, аз мазмуни асарҳои бадеӣ саҳнавӣ кардашуда), инчунин дилхушиҳо (маишӣ, варзишӣ) ба тахайюлот, шавқу рағбат, маҳорату қобилияти эҷодкории кӯдакон асос ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои тарбияи мусиқии кӯдакону наврасон, назария ва амалияи он дар фаъолгардонии муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Онҳо зиёдтар дар зерхати назария ва методикаи тарбияи мусиқии хонандагон роҳандозӣ гардидаанд. Аз тарафи С.Ф. Сизикова, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии тарбияи мусиқӣ - эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст (1984). Аз тарафи М.Р. Юлдошева, дар заминаи таҳқиқи таърихи маълумоти мусиқӣ дар Тоҷикистон методологияи тарбияи мусиқӣ ва сарчашмаҳои он, нақши фарҳанги мусиқӣ-бадеии халқи тоҷик ҳамчун воситаи модернизатсияи маълумоти мусиқӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст. Ин таҳқиқоти бунёдӣ заминаи илмӣ-методологии таҳқиқоти дигари илмӣ гардидааст. Аз он ҷумла, аз тарафи А.Б. Алиев, масъалаи тарбия ва шаклгирии салоҳияти

мусиқии хонандагони муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқот оид ба тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ М. Набиева ҳиссаи сазовор гузоштааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ таъсири мусиқии халқиро дар низоми таҳсилоти мусиқӣ-педагогӣ ошкор намуд. Сипас аз тарафи Б. Хайруллоев самтҳои омодагии мусиқӣ-педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии Тоҷикистон, аз тарафи З. Назарова омода намудани омӯзгорони тарбияи мусиқӣ дар мактабҳои мусиқӣ, тайёрии онҳо ба иҷрои вазифаи тарбияи зебоипарастии кӯдакон роҳандозӣ гардиданд.

Дар таҳқиқоти Б. Шермуҳаммедов [191], Ш. Сафаров [150], Н.Н. Турсунов [167], Б.Н. Нарзуллоев [120] масъалаҳои омодагии этнофарҳангӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассисон, омӯзгорони мусиқӣ таҷдиди назар карда шуданд.

Боиси таассуф аст, ки оид ба масъалаи тарбияи мусиқӣ рушди қобилияту истеъдоди мусиқии кӯдакони синни томактабӣ, омода намудани роҳбарони мусиқӣ барои таълим ва тарбияи мусиқии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ягон таҳқиқоти муосир диққати зарурӣ дода нашудааст. Фақат ба кормандони муассисаҳои томактабӣ дастури методӣ аз тарафи А.Б. Алиев, якчанд маҷмуаи сурудҳои бачагона аз тарафи оҳангсозони тоҷик З. Ховарӣ (Зулфиқоров), Қ. Яҳёев, Х. Абдуллоев ва дигарон таҳия ва дастрас карда шудаанд.

Таҳқиқи масъалаи бозиҳои миллӣ ҳамчун воситаи таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдакону наврасон нисбат ба масъалаҳои тарбияи мусиқӣ зиёдтар мавриди таҳқиқу баррасии олимони тоҷик қарор гирифтааст. Он ҳанӯз аз солҳои 40-уми асри XX аз тарафи Л.В. Попова [135] оғоз гардида, минбаъд аз тарафи Н.Н.Турсунов [167],

М.Нарзуллоева [121], Б.Маҷидова [110], Л.М. Иматзода [62], Г.А.Қурбонова [87], А.Б. Алиев [8] ва дигарон идома дода шуданд. Аз тарафи Б.Шермуҳаммедов [191], Р.Амонов [11], М.Нарзуллоева [121] ва дигарон бозиҳои халқии мавсимӣ, серҳаракат, дидактикӣ-таълимӣ, ки онҳо дар минтақаҳои гуногуни тоҷикони Самарқанду Бухоро, Суғду Кӯлоб маълуманд, омӯхта шуданд. Ба масъалаи истифодаи фолклори бачагона (шуморакҳо, чистонёбӣ, суруду таронаҳо, байтгӯиву ҳазлу шӯхиҳо) дар бозиҳои миллӣ, ташкилу баргузории онҳо диққати махсус дода шудаанд. Муҳаққиқон бозиҳои миллиро на танҳо ҳамчун воситаи таълиму тарбия, инчунин воситаи шаклгирии маҳорату қобилияти эҷодии кӯдакон баррасӣ намудаанд.

Бозиҳои халқӣ аз тарафи Н.Х. Нурҷонов таҳқиқ гардида, он ҳамчун арзиши фарҳангии халқи тоҷик сарчашмаи пайдоиш ва рушди санъати театрӣ эътироф шудааст. Маҳз дар бозиҳои мусиқии халқӣ ҳар як хурду бузург кӯшиш менамоянд маҳорат, қобилият ва истеъдоди иҷрочигии худро ба воситаи ҳаракату амалҳо, суханрониву сурудхонӣ, имою ишора, истифодаи оҳангу лаҳни махсус намоиш диҳанд ва минбаъд онҳоро тақвият бахшанд. Бозиҳои халқӣ ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии кӯдакону наврасон аз тарафи Б. Раҳимов [143], Б. Асозода [13], А. Нуров [143], Г. Қурбонова [87] ва дигарон мавриди татқиқоти илмӣ қарор гирифтанд.

Таҳлили таҳқиқоти илмӣ, заминаҳои барномавӣ методии таълиму тарбияи томактабӣ, таҷрибаи амалии кормандони МТТ дар иҷрои вазифаҳои тарбия, инкишоф ва шаклгирии қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар раванди бозӣ зарурати таҳқиқи илмӣ ва баррасии масъалаи мазкурро ба миён овард.

Дар шароити имрӯза масъалаи истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мавҷудияти ихтилофҳои зеринро ошкор намуд:

- дар сатҳи иҷтимоӣ байни талаботи ҷомеа ба кӯдакони қобилиятнок, соҳибистеъдод ва эҷодкор дар шароити ҷаҳонишавӣ ва раванди воридшавии фарҳангу арзишҳои бегона ба олами маънавии кӯдакон, кам аҳаммият додан ба рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон;

- дар сатҳи педагогӣ мавҷуд будани роҳу усулҳои анъанавии тарбияи мусиқӣ, инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ, вале бо дараҷаи зарурӣ коркард нагардидани технологияи муосир, тарбияи мусиқӣ ва эҷодкории кӯдакон дар МТТ;

- дар сатҳи психологӣ мавҷуд будани аломат, нишонаҳои қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, вале кам истифода гардидани шароиту имкониятҳои инкишоф додани онҳо дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ дар таҷрибаи амалӣ;

- дар ҷабҳаҳои илмӣ-методӣ мавҷудияти зарури амалӣ гардидани тарбияи мусиқӣ, инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодкорӣ, вале мавҷуд будани мушкилоту муаммоҳо, норасоии таъминоти кадрӣ, дастурҳои методию таълимии аз ҷиҳати илмӣ коркарду тасдиқшуда барои роҳбари мусиқӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ.

Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои бартарафсозии ихтилофҳои номбурда, зарурати таҳқиқоти илмии мавзуи “Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти бозикунӣ”-ро ба миён овард. Масъалаи мазкур бори аввал мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, бешубҳа, дар самти инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар низоми кори таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ таҳқиқоти арзишманд хоҳад шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқию меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла, барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2020,

барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар соли 2007-2010, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” (2015), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа (2024), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» (2015), инчунин барномаи “Рангинкамон” ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанию хориҷӣ инъикос карда шуд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот:** дар асоси таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ ошкор намудани имкониятҳои истифодаи бозиҳо барои рушди кӯдакони синни томактабӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ.

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** пайгирӣ карда шуданд:

1. Таҳлили хусусиятҳои зуҳурот ва рушди қобилияти эҷодкорӣ дар давраи томактабии рушди кӯдак.
2. Баррасии имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар ташкилу баргузории омузиши ташхиси-бозикунӣ.
3. Муайян кардани шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар бозиҳо.
4. Ташкилу баргузории кори озмоишӣ, таҷрибавӣ ва ошкор кардани технологияи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ.

**Объекти таҳқиқот:** инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар тарбияи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: имконияти муайян намудани инкишофи қобилиятҳои эҷодии мусиқии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ тавассути мусиқӣ ва фаъолияти бозикунӣ.

**Фарзияи таҳқиқот**: асосҳои консептуалӣ ва методологии инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикунӣ имконпазир мегардад, агар:

- заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии рушди қобилият ҳамчун сифати фардии шахсият, ки дар таҳқиқоти олимон пайгирӣ гардидааст, ба ҳисоб гирифта шаванд;

- таъмин намудани робитаи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ дар раванди фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ, ки он ҳамчун фаъолияти асосии кӯдакон мавриди пайгирӣ қарор бигирад;

- масъалаи таълим, тарбия ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар зерхати баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар раванди ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ, тибқи талаботҳои барномавӣ-методии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ амалӣ гардонда шаванд;

- дар раванди кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар баробари талаботҳои барномавӣ роҳбари мусиқӣ, мураббия ба фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикунии кӯдакон баробари азхуд намудани асарҳои мусиқии оҳангсозон аз эҷодиёти халқӣ истифода баранд ва барои инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мусоидат намоянд;

- истифодаи самарабахши бозӣ машғулиятҳои мусиқӣ бо ворид намудани жанрҳои фолклорӣ ба рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мусоидат намоянд;

- ташаккули чорабиниҳои таълиму тарбияи мусиқӣ, фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунии кӯдакон, ки тибқи талаботҳои заминаҳои барномавӣ;

- методҳое дар МТТ ташкилу роҳандозӣ карда мешаванд, ки зуҳурот, инкишоф ва такмилёбии қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро таъмин карда тавонанд.

**Таҳқиқот дар се марҳила ба анҷом расонида шуд:**

**Дар марҳилаи аввал (солҳои 2018-2020)** вазъи таҳқиқи масъала дар асоси таҳқиқотҳои фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, фарҳангшиносӣ, фолклоршиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Заминаҳои барномавӣ-методии кори таълимиву тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ, таҳқиқоти илмии психологӣ-педагогӣ, таҷрибаи пешқадами кормандони соҳа роҷеъ ба ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти мусиқӣ-бозикунии кӯдакон омӯхта шуда, мақсад, вазифа, сарчашма, методҳои таҳқиқотӣ муайян карда шудаанд.

**Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2022)** омӯхтану таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ идома дода шуд. Роҳу усулҳои ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти мусиқӣ ва бозикунии кӯдакон ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии онҳо муайян шуда, мувофиқи шароитҳои педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ нақшаи ташкилу баргузории корҳои озмоишӣ тасдиқу амалӣ шуданро дар бар гирифт.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2023-2024)** ба ташкилу баргузории корҳои озмоишӣ хотима бахшида шуд. Натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ коркард гардиданд ва мақолаҳои илмию методӣ барои нашр намудан таҳия ва омода карда шуданд. Кори диссертатсионӣ ва автореферати он ҷамбаст ва ба расмият дароварда шуд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Таълифоти таҳқиқот дар заминаи илмӣ, асосҳои психологии омӯзиши қобилияти эҷодӣ аз Л.С. Виготский, Б.М. Теплов, Д.Б. Элконин, А.Н. Леонтев, Т.О.

Абдулова ва дигарон баррасӣ карда шудаанд. Нақши бозиҳо дар рушди сифатҳои шахсият, қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар таҳқиқоти педагогии Н.Г. Куприна, Н.С. Лейтес, А.П. Усова мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар педагогикаи ватанӣ ба масъалаҳои таълим, тарбия ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти бозикунии кӯдакон ва дар раванди он инкишоф додани сифатҳои шахсиятии иродавӣ-ахлоқӣ, маҳорату қобилиятҳо дар таҳқиқоти Н.Н. Турсунов, Ш.А. Сафаров, Б. Маҷидова, М. Лутфуллозода, Л. Иматзода, Г.А. Қурбонова таваҷҷуҳи махсус дода шудаанд, ки онҳо асоси назариявии таҳқиқоти муосир дар замони соҳибистиқлолии кишвар мебошад.

**Сарчашмаи маълумот:** Санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”, Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар солҳои 2015-2020 ва ғайраҳо, инчунин, заминаҳои барномавӣ ва методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ, дастурҳои таълимию методӣ, маводҳо аз таҷрибаи кормандони МТТ оид ба таълиму тарбияи кӯдакон баррасӣ шудаанд.

**Заминаҳои эмперикӣ:** мушоҳидаи психологӣ, педагогӣ, суҳбат бо кӯдакон, мураббияҳо, кормандони мусиқӣ, равоншиносон, сарварони муассисаҳои томактабӣ; пурсишномаи шифоҳӣ ва хаттӣ, таҳия ва истифодабарии нақша-чорабиниҳо, машғулиятҳои мусиқӣ ва бозиҳо дар раванди кори озмоишӣ, таҳлили оморӣ ва коркарди натиҷаҳо.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** муассисаҳои давлатии таҳсилоти томактабии №34-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, кӯдакистони №1-и

шаҳри Ҳисор ва кӯдакистони хусусии “Наберача”-и шаҳри Душанбе ташкил намудаанд. Дар кори озмоишӣ 157 нафар кӯдакон, 6 нафар мураббия ва 3 нафар роҳбарони мусиқӣ ҷалб карда шуданд. Онҳо солҳои 2018-2024 ба фаъолияти таълиму тарбиявӣ машғул буданд, маълумоти олии педагогӣ ва собиқаи кории тахассусӣ доштанд.

**Навгонии таҳқиқоти** илмии кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошад:

- масъалаи рушди маҳорат, қобилият, эҷодкорӣ дар кӯдакон ба воситаи мусиқӣ ва бозикунӣ дар Тоҷикистон дар асоси баҳисобгирии таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шуд;

- дар зинаи баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ғояҳои консептуалӣ коркард ва амалӣ гардидаанд;

- назария ва амалияи мувофиқат кардан ва мусоидат намудани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ ба инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон пайгирӣ карда шуд;

- барои бомуваффақият инкишоф ёфтани фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои нави ташкили онро ёфтан лозим аст. Ба раванди таълиму тарбия ворид намудани бозиҳои миллии мусиқии кӯдакон дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани онҳо мусоидат мекунад.

Барои инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони гурӯҳи таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни бозӣ исбот карда шуд, ки имконияту шароитҳоро ба вуҷуд овардан зарур аст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мафҳумҳои психологию педагогӣ қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабиро бо иҷрои амалҳои бозиҳои мусиқӣ асоснок карда, моҳирона иҷро карда мешаванд;

2. Кӯдакон аз хурдсолӣ на танҳо ба мусиқӣ шавқу рағбат пайдо мекунанд, балки дар ин бозиҳои мусиқӣ фаъолона иштирок намуда, дар ташаккул ва такмили маҳорати худ қадамҳои заруриро мегузоранд.

3. Интихоб намудани технологияи педагогии тарбия барои ташаккул додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, инчунин бедор намудани шавқу ҳаваси мураббияҳо, инкишоф додани дониш, маҳорат ва малакаҳои тақлиднамоӣ, ифшо намудани аломатҳои қобилияти фардии ҳар як кӯдак водор менамояд, ки онҳо ҳангоми ташхиси педагогӣ дар кӯдакон тазоҳур ёбанд;

4. Ташкилу баргузории машғулиятҳои мусиқӣ, чорабиниҳои тарбиявии фарҳангӣ бо истифодаи бозиҳо дар рушди қобилият ва истеъдоди мусиқии эҷодии кӯдакон мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳад:**

Дар заминаи таҳлилу баррасии таҳқиқоти илмии муосир, заминаҳои барномавӣ-методии фаъолияти МТТ, низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон муайян ва баррасӣ карда шуданд, ки онро роҳбарони мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонанд. Таҳқиқот метавонад барои коркард, таҳия ва омода намудани дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони муассисаҳои томактабӣ, махсусан, мураббия ва роҳбарони мусиқӣ мусоидат намуда, дар пешрафти назария ва амалияи психологияи бачагона, педагогикаи томактабӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои кӯдакон, таълими фанни назария ва методикаҳои тарбияи мусиқии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ ҳиссагузор гардад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: зарурати амалигардонии мақсаду вазифаҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-

эҷодии кӯдакон бо истифодаи бозиҳо ба кормандони муассисаҳои томактабӣ исбот карда шуд, инчунин имкониятҳои истифодабарии бозиҳои халқӣ, фолклори бачагон, мусиқӣ, шеъру таронаҳои кӯдакона фаъолиятҳои якҷояро дар таълиму тарбия, эҷодкорию иҷтимоишавии кӯдакон нишон дода шуд.

Дар заминаи таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ, педагогӣ таҳия ва коркард шуданд, ки онҳо ба беҳдошти раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқию бозиҳо ва инкишофёбии қобилияти эҷодию мусиқии кӯдакон мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаи кори таҳқиқотии** мазкурро таъмин намуданд: истифодаи мақсадноки асосҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда;

- интихоби дурусти методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, амалии кори таҳқиқотӣ, ки онҳо ба амалӣ гаштани мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ мусоидат намуданд;
- таҳлилу баррасии таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва шароиту имкониятҳои педагогӣ, психологияи онҳо, ки ба иҷрои вазифаҳои барномавӣ мутобиқат намуданд;
- таҳлилу натиҷагирӣ аз кори озмоишӣ, ки тибқи онҳо фарзияҳои илмӣ тасдиқ гардиданд;
- донишу маълумоти тахассусии муҳаққиқ, фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар низоми таълими томактабӣ.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мундарича ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси илмии 5.3.2. – Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ), аз ҷумла, банди 1 - назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки

тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:**

- масъалаи маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар психологияи бачагона ва педагогикаи томактабии ватанӣ бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст;

- мафҳумҳои маҳорат, қобилият, истеъдод, эҷодиёт, эҷодкорӣ мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст;

- таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабиро омӯхта, онро таҳлил намуда, дар кори озмоишии худ роҳу усулҳои самарабахши истифодаи фаъолияти мусиқӣ-эҷодиро дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон пешниҳод кардааст, ки минбаъд аз онҳо амсилаи технологияи комплексии тарбия ва инкишофи шахсияти тарбиятгирандаи бамактабраванда ва мувофиқ ба таҳсилу тадрисомада таҳия карда шудааст.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот амалӣ гардонида шуданд:**

- равиш ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар чорабиниҳои методии муассисаҳои томактабии пойгоҳӣ, ҷаласаҳои кафедраҳои педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ, инчунин кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дар маърузаю гузоришҳо, дар конфренсияҳои назариявию илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (солҳои 2018 то 2024), конфренсияҳои анъанавии донишҷӯёну устодони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, мизҳои мудаввар, семинар-тренингҳои омӯзишии кормандони муассисаҳои томактабӣ, роҳбарони мусиқии муассисаҳои томактабӣ, дарсҳои назариявӣ ва амалӣ бо донишҷӯёни ихтисоси таҳсилоти томактабӣ баррасӣ ва муҳокима карда шуданд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқотӣ 2 дастури таълимӣ, 23 мақола, аз ҷумла се мақола дар маҷаллаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия, 17 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз 178 саҳифаи чопи компютерӣ, аз ҷумла муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (197 номгӯй) иборат буда, расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳоро дар бар мегирад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

## 1.1. Инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ

Дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа дар ҳамаи давру замонҳо шахсони алоҳида, ки маҳорату қобилият, лаёқату истеъдоди эҷодкорӣ доранд, ҳиссагузор буданд ва дар ҷомеаи тезтағйирёбандаи кунунӣ низ ин падидаро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, доир ба масъалаи қобилиятноқӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодии инсон фикру ақида, муносибату баррасии андеша, назария, консепсия, роҳёфти гуногун арзи вуҷуд доштанд ва доранд.

Бояд қайд кард, ки дар як вақт омилҳои таъсиркунанда ба ин раванд: ирсият, таъсири муҳити иҷтимоӣ, таъсиррасонии мақсадноки тарбиявӣ, дар пайдоиш, зуҳурот ва рушди онҳо эътироф карда шудаанд. Он чун масъалаи муҳимму ҳалталаб мавриди омӯзишу баррасии муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмҳои муосир гардидааст.

Масъалаи рушди қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имрӯзҳо таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи психология ва педагогикаро ба худ ҷалб намудааст.

Эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи мавҷудияти кӯдак баҳисоб меравад. Яке аз зуҳуроти барҷастаи зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ санъати мусиқӣ мебошад. Тарбияи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ ҳиссагузор будан дар пешрафти ҷомеаи муосири Тоҷикистон яке аз вазифаҳои мубраму арзишманд ба ҳисоб меравад.

Онҳо дар ҳар як дастоварду комёбӣ, эҷодкориву муваффақияти фарзандон аломату нишонаҳои қобилияту лаёқатмандиро дарк намуда, кӯшиш менамоянд, ки ӯро бо ҳамсолон муқоиса намоянд, барои рушду такомули он шароиту имкониятҳо фароҳам оранд. Дида тавонистан ва баҳо додан бо маҳорат, қобилият ва лаёқатмандии кӯдак, муайян

намудани шароитҳо барои тарбия ва таълими кӯдакон дар ташаккул додани онҳо барои ҳамкорӣ кардан бо мутахассисон, инчунин вазифаи иҷтимоии аҳли хонавода маҳсуб мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид мегардад [85, с.13].

Муҳаққиқон, волидайн ва коршиносон барои ташаккул додани қобилият ва истеъдоди кӯдакон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд, ки дар ҷомеаи муосир ин хислати фард яке аз унсурҳои бунёдии ҳувияти иҷтимоӣ эътироф шудааст.

Қобилиятнок, лаёқатманд, баргузида, яккачин будани кӯдакону наврасон дар пешрафти шахсият ва ишғол намудани мақоми арзишманд як қатор имкониятҳоро таъмин менамояд. Дар илми ҷомеашиносӣ қобилиятнокӣ ҳамчун сарвати ботинии шахс шинохта шудааст ва қобили қабул гардида, он дар иҷрои фаъолиятҳо зоҳир мегардад. Маҳз қобилият имконият медиҳад, ки тарзи самарабахши иҷрои фаъолият таъмин карда шавад ва минбаъд он мавриди такмилёбӣ қарор гирад.

Аз нигоҳи сотсиологӣ ҳамон вақт қобилияти одам арзишманд ва муваффақона ҳисобида мешавад, ки муҳити фарҳангӣ-иҷтимоӣ онро ба таври мусбат қабул намояд, иҷрои фаъолият мусбат баҳодиҳӣ гардида, минбаъд ифодагари лаёқатмандӣ бошад.

Ба андешаи Н.А. Аминов: аз нигоҳи физиологӣ қобилиятҳои инсонро ҳамон вақт арзёбӣ намудан мумкин аст, ки агар дар синни барвақти рушди ҳаёти он зуҳур гардида, аз айёми кӯдакӣ дар рушди ҷисмонӣ, маърифатӣ ва эмотсионалӣ аз ҳамсолон пешрафта гардидааст [10, с.42].

Омӯхтани санъати мусиқӣ ва бадеӣ таъсири мустақим ва тавонои ҳаловат бурдани кӯдакон мебошад. Онҳо дар ҳолате эҷодкор мешаванд, ки агар аз оҳангҳои хуб истифода баранд, аз уҳдаи иҷро кардани мусиқӣ баромада тавонанд, хуб гӯш карда тавонанд, фаъолияти эҷодӣ дошта бошанд, барои инкишоф додани рушди мусиқӣ эҷодкорона кор карда,

имкониятҳои арзишманд фароҳам оранд. Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ қобилияти мусиқӣ ва эҷодкорӣ дар иҷрои бомуваффақият азхуд кардани намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ бояд таъмин карда шавад.

Дар таҷриба ва андешаи мардумӣ қобилият тарзи иҷрои амал аст, ки он на содаю маъмулӣ, балки бунёдӣ бошад. Тарзи иҷрои амалро ҳар як инсон ба таври фардӣ азхуд мекунад ва онро ба таври фардӣ зоҳир менамояд. Бинобар ин, ҳар як одам тарзи ба худ хоси иҷрои амалҳоро дорад. Фарқият дар он аст, ки яке онро тез, дигаре суст, сеюмин ба таври эҷодӣ, чорумӣ дар заминаи фаҳмишу тавоноии шахсӣ интуитсия азхуд менамояд. Табиатан қобилияти худро ҳар як хурду бузург бо таври ба худ хос дар заминаи таҷрибаи шахсӣ, дониш, маҳорату малакаҳо, зери таъсири муҳити иҳотакардаи таълиму тарбиявӣ ташаккул медиҳад.

Лаёқатмандӣ истеъдоднокӣ, дараҷаи рушдёфтаи қобилият буда, ба сатҳи иҷрои амалҳои фикрӣ такя менамояд. Аз ин рӯ, зиёдтар онҳоро ба қобилиятҳои ақлӣ мутааллиқ дониста, одамон такрор менамоянд: “шахси соҳибистеъдод, дар ҳама ҷо соҳибистеъдод аст”. Масалан, кӯдаконе, ки лаёқатмандии математикӣ доранд, метавонанд соҳиби дараҷаи баланди инкишофи нутқ, забондонӣ ҳам гарданд.

Мавзуи таҳқиқоти мо мафҳуми «эҷодкорӣ» мебошад, ки тавассути қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ошкор мешавад. Мо ба чаҳор категория тақсим кардани шартии ин мафҳумро пешниҳод менамоем, ки ҳар яки онҳо назари хоси моҳияти фаъолияти эҷодиро ифода мекунанд:

1. иштироки фаъолонаи кӯдакон дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ;

2. фаъолияти боғайрат, ки ба муайян кардан ва ҳалли ихтилофот нигаронида шудааст;

3. мустақилият дар ифода, амалиёт ва пешниҳоди ғояҳо ва ақидаҳои худ;

4. кори фаъолона барои эҷоди арзишҳои нави дорои аҳаммияти иҷтимоӣ.

Эҷодкорӣ як намуди фаъолияти инсон буда, бо коркард ва табдил додани таҷрибаи гузашта чизи комилан нав эҷод мекунад. Эҷодкорӣ пеш аз ҳама, ҳамчун хусусияти фарққунандаи инкишофи руҳии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи хусусиятҳои фардии онҳо ба ҳисоб мерафт.

Таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки маълуумот ва рағбати кӯдакони таҳсилоти томактабӣ омили муайянкунандаи раванди инкишоф ва ташаккули қобилият мебошад. Аммо, сарфи назар аз эътирофи ин, пайдо кардани далелҳои равшан душвор аст, зеро ҳиссиёт ва эҳсосот ҳолати зудгузар мебошанд.

Мафҳуми қобилият мутааллиқ ба амалу сифатҳои шахсии инсон-қобил будан, яъне қобилиятманд будан асос ёфта, он қабулкунанда, пазиранда, истеъдод доштан, омода будан ба эҷоду эҷодкорӣ, сазовор будан ба эътирофу эҳтиром ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар ривояти Таврот номи яке аз писарони Одам, дар адабиёти классикии форсу тоҷик Қобила чун доя, момодоя истифода шудааст. Қобилият, истеъдод, қариҳа хусусияти азхуд намудан дар инсон, инчунин “қобилӣ - қабул будан, истеъдод” мавриди шарҳдиҳӣ қарор гирифтааст [16, с.8].

Қобилият - сифати фардӣ, психологии шахс буда, пайдоиш, зуҳурот ва рушди он яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогика ва психологияи муосир мебошад. Истеъдод - қобилияти худодод, фитрӣ аст, ки комёбиҳои назаррасро дар фаъолият таъмин мекунад. Дар “Словарь иностранных слов” чунин омадааст: “истеъдод (аз калимаи юнонӣ talant) сифати барҷастаи модарзодӣ буда, дар қобилияти махсуси фардӣ зоҳир мегардад” [39, с.94].

Аз ин рӯ, истеъдодро ҳамчун дараҷаи баланди лаёқатмандӣ вобаста ба зуҳуроти он ҳисобидан мумкин аст. Бо сабаби он ки қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабиро ҳамчун ҷузъи

муҳимтарин ва зарурии рушди мусиқӣ ва эҷодии ӯ таҳқиқ мекунад [39, с.257].

Дар илми муосири тоҷик муҳаққиқон зиёдтар ба “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, ки он иборат аз ду ҷилд буда, тақрибан 45000 ҳазор калима ва ибораҳоро бо иловаи истилоҳи арабӣ дар бар мегираду соли 1969 дар нашриёти “Советская энсиклопедия” нашр гардидааст, такя менамоянд. Ин фарҳанги забони классикии тоҷик, ки мафҳумҳои тавзеҳшаванда аз асарҳои адабиёти асри Х то асри ХХ интихоб карда шудаанд, арзишмандии худро то имрӯз гум накардааст. Бинобар ин, аз ғановати он маҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, педагогика, психология низ васеъ истифода бурда, таваҷҷуҳи моро низ роҷеъ ба тавзеҳи мафҳуми “қобилият” ба худ ҷалб намуд. Аз ин лиҳоз, олимоне, ки дар соҳаҳои гуногуни илм, аз қабили педагогика ва психология фаъолият менамоянд, аз натиҷаҳои таҳқиқоти он фаъолона истифода мебаранд. Ин, дар навбати худ, моро водор кард, ки ба саволи он ки мафҳуми «қобилият»-ро чӣ гуна муайян кардан мумкин аст. Дар тавзеҳи ин мафҳум кӯшиш намудем ба нигоҳи фарҳанги арзишманди илмӣ муроҷиат намоем [193, с.455].

Ба андешаи мо, дараҷаи болотари қобилиятнокӣ ва лаёқатмандӣ истеъдод аст, ки дар навбати худ, он ифодагари дар сатҳи олӣ иҷро намудан ва ба дараҷаи арзишманд ноил гардидани шахс дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, касбӣ, эҷодии кормандро дар соҳаи адабиёт, санъат (тасвирӣ, иҷрокунандагӣ) ва кулли одамони касбу кори гуногун аст. Он маҷмуи маҳорату қобилиятро ба вуҷуд оварда, минбаъд рушд меёбад ва такмил мегардад. Дар навбати худ, қобилият такя менамояд ба зеҳн, умқи фикр, хулосаю ҷамъбасткунӣ ва дигар амалҳои фикрӣ, ки барои шаклгирии лаёқати шахсӣ ё худ лаёқатмандӣ замина мегузорад. Чунки қобилият дар раванди таъсиррасонии мақсадноки кори таълимиву тарбиявӣ, муҳити эҷодии иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Нишонаю аломатҳо, хусусиятҳои анатомию физиологии майна, фаъолияти

системаи марказии асаб, узвҳои ҳискунӣ, маҳорату малака ва ғайраҳо ба раванди шаклгирии қобилияту лаёқатмандӣ ва зуҳуроти он ба рафтор ва фаъолияти шахс таъсир мерасонад.

Лаёқат ба тараққиёти бомуваффаққияти шахс мусоидат мекунад ва дар муассисаҳои таҳсилоти муосир дар ҳамкорӣ бо мутахассисону волидон ба дарёфт, такмил ва ташаккулдиҳии лаёқатмандии кӯдакону наврасон ба таври ҷиддӣ диққат медиҳанд. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “лаёқат чун сифати шахсиятӣ, сазоворӣ, шоистагӣ, аҳаммият ва арзандагӣ омадааст» [193, с.90].

Дар даврони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои беназири таълимӣ таъсис дода шуданд, ки ба рушду такмили қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакону наврасон нигаронида шудаанд. Ин муассисаҳо тамоми шароитҳои заруриро барои таҳқиқот ва ташхис, инчунин барои тарбия ва ташаккули шахсиятҳои дорои тафаккури эҷодӣ ва равишҳои навоварона фароҳам овардаанд. Раванди рушди бомуваффақияти илму маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисони сатҳи баланд қарор дошт. Дар забони тоҷикӣ вожаи “истеъдод” ду маънои асосӣ дорад:

1. Қобилияти иҷрои чизе, мавҷудияти қобилиятҳо;
2. Қобилиятҳо, дастовардҳо, қувват ва қудрат, ки ба шумо имкон медиҳанд, ки чизе ба даст оред.

Аммо аз нуқтаи назари психология ва педагогика истеъдод дараҷаи олии инкишофи маҳорат ва қобилият, инчунин маҷмуи қобилиятҳое мебошад, ки ба кӯдак имкон медиҳад, ки ҳар як кори мураккабро бомуваффақият, мустақилона ва беназир иҷро намояд.

Намунаҳои истеъдоди ибтидоии мусиқӣ одами баландистеъдод, одами барҷаста ва бузургмартаба ҳамчун нобиға тавзеҳ дода шудааст. Чунин нобиғаҳо дар «тамаддуни тоҷикон Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, дар Аврупо ва Россия, В.А. Мотсарт»: қобилиятҳои барҷаста дар сесолагӣ «Ф. Ҳайдн дар чорсолагӣ, Ф. Менделсон дар панҷсолагӣ,

қобилиятҳои наққошӣ ва ҳайкалтарошӣ дар С.С. Пронофев дар синни ҳаштсолагӣ қобилиятҳои наққошӣ ва ҳайкалтарошӣ ва С. Рафаэл дар синни ҳаштсолагӣ, Б. Микеланджело, дар сездаҳсолагӣ, қобилияти суханварӣ-шеъргӯӣ, А. Дурер дар синни понздаҳсолагӣ дорои истеъдодҳои гуногун гаштаанд. Тибқи гуфтаи Р.С. Немов»: «Ташаккули қобилиятҳои махсус дар синни томактабӣ": ба фаъолона, Мирзо Абдулқодири Бедил дар даҳсолагӣ зоҳир гардидаанд" [152, с.75], [175, с.16], [111, с.135], [125, с.379].

Иқтидори эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ бештар аз он вобаста хоҳад буд, ки ин имкониятҳо чӣ гуна истифода мешаванд. Тавассути шиносоӣ бо санъати мусиқӣ дар кӯдакон неруи эҷодӣ фаъол мегардад, дар онҳо рушди оғози зеҳнӣ ва ҳассосӣ ба амал меояд.

Ташаккули завқи мусиқӣ ва ҳассосияти эҳсосӣ дар кӯдакони синни томактабӣ заминаи рушди фарҳанги мусиқии онҳост, ки минбаъд ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги маънавии онҳо мегардад.

Олимон, роҳбарони мусиқӣ, мутахассисон ба хулосае омаданд, ки ҳар як кӯдак дорои қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ мебошад. Дар баъзеҳо қобилиятҳои асосии мусиқӣ ва эҷодӣ фавран зоҳир мешаванд, дар дигарон баъдан инкишоф меёбанд. Фаъолияти навохтани мусиқӣ ба воситаи бозӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки асолати инкишофи мусиқии ҳар як кӯдакро дар синни томактабӣ ба назар гирифта, дар асоси он мазмуни машғулиятҳои мусиқӣ ва фаъолияти мустақилонаи кӯдакон танзим карда шавад.

Аён будани далелҳои масъалаҳои таҳқиқшаванда имкон медиҳад, ки зиддият байни талабот ва зарурати эҷодӣ таҳияҳои методологӣ барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар шароити фаъолияти мусиқии бозӣ аз набудани дастгирии методии ташкили ин раванд хуб ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло дар назди мо барои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда таҳқиқҳои нав оғоз меёбанд. Барои ин бояд равишҳои методологие, ки ба

ташаккули маҳорату малакаҳои зарурӣ нигаронида шудаанд, равона ва татбиқ карда шаванд. Дар шароити иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ чунин муносибатҳо муҳим мегардад. Чӣ тавре ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, сермаъно будани мафҳумҳои қобилият, лаёқатмандӣ, истеъдод муносибати комплексӣ-маҷмуиро дар таҳқиқи масъала талаб менамояд. Баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фаъолиятҳои кӯдакон муайянкунандаи самтҳои инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо шуда метавонад.

Исбот намудани мавҷудияти аломату нишонаи қобилиятҳо аз нигоҳи анатомӣ-физиологӣ, таҳлилу баррасии хусусиятҳои системаи маркази асабро, ки асоси табиӣ-биологии қобилиятҳо эътироф шудааст, талаб менамояд. Масалан, ҳамчун хусусияти модарзодӣ аломату нишонаҳои қобилиятро дар фаъолияти узвҳои ҳиссии анализаторҳо дидан мумкин аст. Хусусият ва имконияҳои маърифатии узви шунавоӣ (ҳамчун анализатор) метавонад асоси рушди идрок ва қобилияти мусиқӣ гардад. Аломату нишонаҳои қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ ба фаъолияти функсионалии мағзи сар вобаста буда, мутаассиршавӣ - ба ҳаяҷон омадан, серҳаракатии торҳои асаб, ба вуҷуд омадани робитаҳою бо ҳам мувофиқаткунии онҳо ва ғайраҳо алоқаманд аст. С.В. Пазухина, Г.Н. Абдураҳмонов онҳоро генотип, яъне хусусиятҳои модарзодии системаи асаб номидаанд [131, с.17].

Дар соҳаи илми психологияи тафриқавӣ гурӯҳбандии 12 ченаки системаи асаби одам қабул гардидааст, ки онро олими рус В.Д. Небилитсин пешниҳод намудааст. Ба он 8 хислати аввалиндараҷа ва 4 хислати дуюмдараҷа ворид гардидааст, ки метавонад ба кулли системаи асаб ва инчунин анализаторҳо мутааллиқ бошанд.

Рушди аломату нишонаҳои қобилият самти иҷтимоӣ доранд ва ҳатто метавонанд мувофиқи таъсири шароит, фаъолияти касбӣ инкишоф ёбанд ва дигаргун шаванд, махсусан шунавоии мусиқӣ.

Истеъдод ва маҳорат дар зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин тавассути тарбия ва таълим метавонанд инкишоф, такмил ва дигаргунӣ ёбанд. Мо онро имрӯз на танҳо мутааллиқ ба имкониятҳои зеҳнӣ - ақлӣ (Q), инчунин дар бораи ба вуҷуд омадани назарияи бисёрзеҳнӣ (Г. Гарднер), зеҳни эмотсионалӣ ( EQ), зеҳни сунъӣ (Ai), зеҳни иҷтимоӣ (1S) мебинем. Дар заминаи аломату нишонаҳои қобилият, рушду такмили он истеъдодҳои нав ба вуҷуд омада инкишоф меёбанд, ки онҳоро VFDSELBZNB имконият ва талаботҳои ҷомеа ҳисобидан мумкин аст. Гуфтаҳои боло чунин хулосаро тасдиқ мекунанд, ки қобилияту лаёқатмандӣ ва истеъдод сифати шахсияти фардӣ буда, шаклгирӣ ва рушди он ба фаъолияти иҷтимоии шахс алоқаманд аст [123, с.419].

Андешаҳо, ғояҳо, муҳокимаронӣҳо дар бораи қобилият гуногунанд, ки онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

**Андешаи аввал:** кӯдакони маҳрум аз қобилият вуҷуд надоранд. Табиат ба ҳар як фард аломат, нишонаҳо ё худ заминаҳои анатомӣ-физиологии онро медиҳад, ки минбаъд метавонад инкишоф ёбад ва ё нобуд гардад. Дар баъзе кӯдакон аломату нишонаҳо ба қобилият мубаддал шуда наметавонанд. Аломату нишонаҳои қобилият бояд дар шароит ва вақти муайян инкишоф дода шаванд. Аз даст додани вақту шароити муайян сабаби инкишоф наёфтани қобилияту лаёқатмандӣ шуда метавонад.

**Андешаи дуюм:** истеъдоднокӣ табиатан вуҷуд дорад, онҳо хеле зиёданд. Он қобилияту истеъдод инкишоф меёбад, ки агар ба шароити имрӯзаи тарбия мувофиқат намояд. Вобаста ба хусусиятҳои фардию шахсиятии кӯдакон дар заминаи аломату нишонаҳои қобилияту истеъдод инкишоф дода мешаванд, ки он қулай ва осон ҳисобида мешаванд. Ин амалро таҷрибаи кори тарбиявӣ исбот намудааст.

**Андешаи сеюм:** чунин кӯдакони соҳибистеъдоди хуб ҳастанд, ки хислати онҳо аз рӯйи одат ба талаботҳо ҷавобгӯй бошанд. Бисёр

роҳбари мусиқӣ дар он ақидаанд, ки барқарор намудан, муошират бо кӯдакони соҳибистеъдод ҳаловатбахш ва қулай аст.

**Андешаи чорум:** бачагони истеъдоднок хуб мехонанд, вале онро як намуди истеъдоднокӣ ҳисобидан мумкин нест. Масалан, Алберт Эйнштейни бузургро бисёриҳо сустхон меҳисобиданд ва аз гимназия хориҷ карда шуда буд. Вале бо интизоми намунавӣ сазовори эҳтиром гардида, дар синфҳои ибтидоӣ сифати истеъдоднокиро муваффақ гардид, чунки асоси пешравиро омӯзгорон дар интизомнокӣ медонанд. Омӯзгорон фақат дар синфҳои миёна ва болоӣ қобилияту истеъдоднокиро эътироф мекунанд [195, с.135].

**Андешаи панҷум:** ҳама вақт дар кӯдакони соҳибистеъдод дастовардҳо арзи вуҷуд доранд. Вале ин ақидаро комилан нодуруст ҳисобидан мумкин аст. Ба ин табақаи хонандагоне, ки дараҷаи худназораткунии суст доранд ва на ҳама вақт кори саркардаи худро ба анҷом мерасонанд, аз ноомадиҳо тез руҳафтода шуда, ба муваффақияти худ тез бовариро гум мекунанд, аз кори якранг дилгир мешаванд, дохил шуда метавонанд.

Барои муйаян кардани қобилияту истеъдоднокӣ интуитсия (ҳисси пешакӣ, фаҳму фаросат) ва таҷрибаи бойи психологӣ доштан муҳим аст, махсусан, агар истеъдоди эҷодкорӣ, ки инкишоф додани он мушкил аст. Масалан, ҳал кардани чанд мисолу масъалаи математикӣ ё донистани 2-3 забон ин ҳоло истеъдод набуда, балки заминаҳои он аст, ки аз табиати фаъолияти шахсӣ бояд вуҷуд ояд.

**Андешаи шашум:** барои рушди истеъдод-меҳнат ва сабру тоқат муҳимтарин замина аст. Бисёр донишомӯзон зиёд китоб мехонанд, кӯдакону наврасон нота азёд мекунанд, ба онҳо репетиторҳо дарс мегузаранд, вале на ҳама истеъдоднок шуда метавонанд. Хоҳиш, саъю кӯшиш ва меҳнат асоси рушди қобилияту истеъдод аст.

**Андешаи ҳафтум:** барои рушди қобилият кӯдакро барвақт ба коре омӯзондан лозим аст, ки он ҷиддӣ бошад, пеш аз ҳама, хондан. Дар баробари хондан кӯдак маънои онро дарк намояд, фаҳмад.

**Андешаи ҳаштум:** барои он ки қобилият инкишоф ёбад, ӯро (кӯдакро) зиёдтар таъриф кардан зарур аст, ки ин амал қобили қабул нест. Муҳим он аст, ки кӯдак аз дониши гирифтаи худ қаноатманд гардад [195, с.137].

Дар пайдоиш, шаклҳои зуҳурот, рушд ва такмилёбӣ, шаклгирии қобилияту истеъдод зеҳн нақши муҳим дошт, дорад ва мемонад. Зеҳн-ақл, хосияти шахс аст, ки дар қобилияти бо таври амиқ ва аниқ инъикос намудани ашё, ҳодисаҳои воқеият, инчунин дар дигаргунсозии эҷодии таҷриба ифода меёбад.

Дар илми муосир дар заминаи таҳқиқотҳои илмӣ, махсусан, бо истифода аз тестҳо, дараҷаҳои қобилиятнокии ақлии одамони синну соли гуногун муайян карда мешаванд, вобастагии ақл аз хусусиятҳои эмотсионалию иродавӣ ва шароитҳои иқтисодӣ - иҷтимоии ҳаёт нишон дода мешавад.

Равоншиноси амрикоӣ Говард Гарднер назарияи бисёрзеҳниро пешниҳод намуд, ки бо ёри онҳо сабабҳои омӯзиши самарабахш ба ин ё он фан, майлу рағбат, қобилият доштани донишомӯзон таҳқиқ карда мешуд. Ӯ ба чунин хулоса омад, ки кӯдакон дараҷаи гуногуни фаҳмидану идрок намуданро доранд ва онро зеҳн номидан мумкин аст. Г. Гарднер чунин навъҳои зеҳнро тавсиф намудааст:

**Зеҳни шифоҳию забонӣ** қобилияти дӯст доштани адабиёт ва эҷодкорӣ, доштани хотираи хуб ва захираи ғании луғавии кӯдакро ифода мекунад.

**Зеҳни мантиқӣ-математикӣ** ба кӯдак имкон медиҳад, ки мафҳумҳои математикиро дарк кунад ва масъалаҳоро тавассути бозиҳои математикӣ ҳал кунад.

**Зеҳнӣ биноӣ-фазоӣ** ба кӯдак имкон медиҳад, ки ба харитаҳо, расмҳо ва диаграммаҳо диққат диҳад, ба санъат машғул шавад ва аз матн бештар маълумот гирад.

**Зеҳни моторӣ** қобилияти лаззат бурдан аз варзиш, фаҳмидан ва тақлид кардан ба имову ишора ва ҳаракатҳои дигарон, машғул шудан ба фаъолияти ҷисмонӣ ва мубориза мебошад.

**Интеллекти мусиқӣ-ритмикӣ** ба шумо имкон медиҳад, ки мусиқиро хуб дар хотир дошта бошед, асбобҳои мусиқӣ навохта, навозанда ё сарояндаи боистеъдод гардед.

**Интеллекти байнишахсӣ** ба шахс имкон медиҳад, ки дар муошират ва бозӣ муваффақ бошад ва нисбати дигарон ғамхорӣ ва ҳамдардӣ зоҳир кунад.

**Интеллекти натуралистӣ** ба одам имкон медиҳад, ки ба табиат ва ҳодисаҳои табиат таваҷҷуҳ намояд, аломату хусусиятҳои онҳоро дарк намояд ва онҳоро тасниф намояд [41, с.220].

Дар раванди кори таълиму тарбия яке аз навъҳои зеҳн мавқеи қавиро ишғол намуда, кӯдак метавонад нишонаҳо, аломатҳои қобилияту истеъдоди шахсии худро зоҳир намояд ва инкишоф диҳад. Эҷодкорӣ як намуди нодири фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки дар ҷараёни он аз нав дида баромадани таҷрибаи гузашта ва эҷоди чизи нав сурат мегирад. Дар синни томактабӣ қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун хусусиятҳои фарқкунандаи инкишофи равонии кӯдак ва сифати шахсияти фардӣ ба ҳисоб меравад.

Маъмултарин назарияҳо ин андешаҳои психологи варзидаи рус Б.В. Теплов оид ба асосҳои физиологии қобилият ва лаёқатмандӣ мебошад. Ӯ дар солҳои 40-уми асри гузашта масъалаҳои қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, зеҳнӣ-амалӣ, сохтори психофизиологии қобилияту лаёқатмандии шахсиятро коркард намуд. Минбаъд диққати ӯ ба масъалаҳои шахсӣ-психологии одам, фишангҳои биологии фардияти инсон мутамарказонида шудааст. Асосҳои назариявӣ, натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои ӯ ҳамчун таҷриба барои ба вуҷуд омадани консепсия, равия

ва равандҳои нави таҳқиқотӣ дар шинохт ва рушди қобилиятҳо гардиданд [166, с.14-16].

Дар натиҷа консепсияҳо ва таҳқиқоти илмии В.Д. Небилитсин ва дигарон рӯйи кор омаданд, ки онҳо асосҳои физиологии фарқиятҳои фардӣ ва нақши онҳоро дар қобилияту лаёқатмандии инсон баррасӣ намудаанд [125, с.403].

Дар ин таҳқиқотҳо асосҳои физиологии фарқиятҳои фардӣ, ки мутааллиқ ба системаи марказии асаб ҳастанду зери таъсири омилҳои ирсӣ ҳанӯз дар батни модар рушд меёбанд ва зери омилҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбия ташаккул меёбанд, барои илми физиология ва психологияи инсон баррасӣ карда шуданд. Амалӣ гардидани ғояҳо, консепсияҳо оид ба сифатҳои шахсӣ-фардиятӣ ба таҳқиқу баррасии назария ва амалияи қобилиятнокӣ таъсир расонда тавонист, таҳқиқотҳои илмии педагогӣ низ ба он такя менамоянд. Инчунин, омӯзишу баррасии қобилияту лаёқатмандӣ аз тарафи олимони хориҷӣ Ф. Галтон, Д.И. Фелдхусен ва дигарон амалӣ гардидаанд” [38, с.61], [171, с.133].

Дар заминаи таҳқиқотҳои илмӣ А.М. Матюшкин консепсияи лаёқатмандии эҷодиро коркард намудааст. Аз тарафи И.С. Кон модели лаёқатмандӣ пешниҳод шудааст. Д.Б. Богоявленская масъалаи лаёқатмандиро дар зерхати назарияи таълимӣ инкишофдиҳанда арзёбӣ намудааст, ки он ба андешаҳои Д.Б. Богоявленская оид ба робитаи лаёқатмандӣ ва фаъолнокии ақлию зеҳнии бачагон шабоҳат дорад. Дар таҳқиқотҳои номбаргардида қобилият ва лаёқатмандӣ ҳамчун сатҳи баланди рушди тафаккури мантиқӣ баҳодиҳӣ гардидааст [103, с.12], [77, с.132], [14, с.45].

А.Г. Маклаков дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои худ солҳои охир кӯшиш намуд, ки қобилиятҳои эҷодиро дар зерхати зерин тавзеҳ диҳад:

1. Қобилиятҳои биологӣ, ки ба ҳамаи одамон ва ҳайвонҳо хос мебошад, заминаи онҳоро ҳамчун аломату нишонаҳои модарзодӣ ташкил менамояд, вале аломат ва нишонаҳои модарзодии инсон аз

ҳайвон фарқ менамояд. Онҳо дар одамон дар натиҷаи таъсири муҳити иҳотакардашуда, таъсиррасонии мақсаднок ва кори таълиму тарбиявӣ, азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ рушд ва ташаккул меёбанд ва инчунин метавонад шакл гиранд. Ба монанди қобилияти идрок кардану дар хотир нигоҳ доштан, нутқ рондан ва муошират намудан мусоидат менамояд.

Дар заминаи аломату нишонаҳои биологӣ бошад қобилият дар одамон бо қобилиятҳои махсус инкишоф меёбанд ва ҳамчун қобилиятҳои умумӣ ва олию махсуси ақлию зеҳнӣ ҷудо карда мешавад.

2. Ба қобилиятҳои умумӣ бошад қобилиятҳое дохил карда мешаванд, ки пешрафту дастовардҳои инсон дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳо таъмин менамоянд. Ба монанди қобилияти фикррронӣ, идора карда тавонистани ҳаракати дастҳо, инчунин дар хотир нигоҳ доштан, азхуд кардани нутқи гуфтугӯӣ ва ғайраҳо, ки дар дараҷаи муайян ва ба одамон хос мебошад.

3. Қобилиятҳои махсус метавонад, қобилиятҳои одамро дар иҷрои босуръат, махсус, самарабахш ва эҷодӣ таъмин менамоянд. Ба монанди қобилиятҳои мусиқӣ-бадеӣ, бадеӣ-эҷодкорӣ, математикӣ, забономӯзӣ ва ғайраҳо. Умумият ва ягонагии қобилиятҳо аз он гувоҳ медиҳанд, ки мавҷудият ва рушди қобилиятҳои умумӣ ва махсус бо ҳам мухолифат намекунанд, балки онҳо бо ҳам алоқаманд буда, замина барои рушду нумуи ҳамдигар мегарданд ва дар ҷараёни фаъолият бою ғанӣ мегарданд. Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ қобилияти барқарор намудани муошират ва ҳамкорӣ, таъсири мутақобила бо одамон қобилиятҳои иҷтимоӣ буда, он дар раванди муошират ва муносибатҳо дар ҷомеа шакл мегирад. Бе нутқ ҳамчун воситаи муошират дар ҷомеа зиндагӣ кардад ғайриимкон аст. Он омили муҳимми иҷтимоишавӣ ва аз мавҷудоти биологӣ гузаштан ба одами иҷтимоӣ мебошад.

4. Қобилиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҷудо карда шудаанд. Қобилиятҳои назариявиро ба назар гиред, инҳо қобилиятҳои фаъолиятҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба кӯдакон барои ба даст овардани

натиҷаҳои баланд кумак мерасонанд. Истеъдодҳо дар соҳаи санъат пеш аз ҳама, дар фаъолияти мусиқӣ зоҳир мешаванд. Бояд зикр намуд, ки кӯдакон дар синни панҷсолагӣ фаъолтарин инкишофи қобилиятҳои мусиқиро эҳсос менамоянд. Ин аз он вобастаги дорад, ки дар ин давра хотираи мусиқии кӯдакон фаъолона ташаккул меёбад.

5. Қобилиятҳои таълимӣ ва эҷодиро низ ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо чунинанд:

-қобилияти таълимӣ муваффақияти пешравии кӯдакро дар омӯхтан, ёд гирифтан ва аз худ кардани фанҳои омӯзишӣ таъмин мегардонад. Ба воситаи онҳо аз худ кардани дониш, маҳорат ва малакаҳои фаннӣ пайгирӣ менамояд.

- қобилияти эҷодӣ имконияти кашфиётҳои махсус дар пешрафти илму техника, инчунин дар ҳаёти моддию маънавӣ ба миён меоварад.

Албатта, инсоният маҳз бо кашфиёту эҷодкории худ пеш меравад. Ба ӯ дар ин раванд кулли қобилиятҳо дар заминаи азхудкунии дониш маҳорат, малака ва қобилиятҳо мададрасон мебошанд. Ҳамаи истеъдодҳои кӯдакон на танҳо барои нашъунамо ва эҷодкорӣ мусоидат мекунанд, балки бо якдигар алоқамандии қавӣ доранд, зеро дар навбати аввал ба фаъолиятҳои онҳо дар ҷараёни ҳаёт мусоидат хоҳад кард [97,523].

Дар заминаи омӯхтану таҳлил намудани таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ С.В. Пазухина ва Г.Н. Абдураҳмонов чунин намудҳои қобилиятнокиро арзёбӣ намудаанд: 1) ақлию зеҳнӣ; 2) эҷодӣ; 3) академикӣ; 4) бадеӣ-тасвирӣ; 5) мусиқӣ; 6) адабӣ; 7) ҳунармандӣ; 8) техникӣ; 9) сарварӣ (лидерӣ, ташкилотчигӣ) 10) варзишӣ, ки кулли онҳоро ҳангоми фаъолияти касбӣ бояд равоншиноси муассисаи таҳсилотӣ ба ҳисоб гирад [131, с.55].

А.Н. Леонтев муқаррар намудааст, ки дар баробари ба дунё омадани кӯдак рушди қобилияти мусиқӣ бедор мешавад ва ин метавонад минбаъд асоси ташаккули истеъдоди мусиқӣ ӯ гардад. Агар бо ёрии

машқҳои махсус ба кӯдакон фарқ кардани овозҳо, яъне баланд бардоштани равшании онҳо ёд дода шавад, ин боиси баланд шудани ҳассосии садо мегардад. Дар натиҷа, кӯдакон метавонанд садоҳои баландии гуногун, аз ҷумла овози худро беҳтар фарқ кунанд [91, с.251].

Мо нуқтаи назари М.Т. Картавсевро тарафдорӣ менамоем. Ба ақидаи ӯ қобилиятҳои мусиқӣ дар синни томактабӣ инкишоф ва ташаккул ёфта, якчанд ҷузъҳои муҳимро дар бар мегиранд:

- садоҳои баланд, оҳанг ва тембри овоз, барои анализатори шунавоӣ қобилияти фарқ кардани онҳо;

- қобилиятҳои мусиқии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат-ин барои азхуд кардани хотираи мусиқӣ;

- ҳисси дарк кардани ритми мусиқӣ - қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ [65, с.328].

Масъалаи мазкур ҳатто дар комитет оид ба таҳсилоти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (1972) мавриди муҳокима қарор дода, истеъдоди эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ба манфиати ҷомеа арзишманд мавриди қабул дониста шуд. Кӯдакон ҳангоми шинохтани оҳанг, муайян кардани садоҳо мусиқиро дарк менамоянд. Барои инкишоф додани тарбияи зебоипарастӣ, бедор кардани муҳаббат ба мусиқӣ, инчунин бедор намудани завқу рағбати мусиқӣ вазифаи роҳбари мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин таҳдиди назар намуда, чунин арзёбӣ мегардад:

- вокуниш ба машғулиятҳои мусиқӣ, ки ҳангоми дарки он ба вуҷуд меояд ва бо эҳсосоти гуногун ҳамроҳӣ мекунад;

- намоишҳои мусиқӣ ва шунавоӣ барои кумак ба кӯдакон ҳаракат мекунад, токи мусиқиро хубтар дарк намоянд чӣ гуна ҳаракат мекунад.

Барои бо овози худ ё дар асбоби мусиқӣ такрор кардани оҳанг, шумо бояд фаҳмед, ки чӣ гуна садоҳо дар фазо ҳаракат мекунанд. Онҳо метавонанд ба болою поён ҳаракат кунанд, дар як сатҳ бимонанд ё ҷаҳиш кунанд.

Ин категория ҷанбаҳои мусиқӣ ва шунавоии хотираи кӯдакони таҳсилоти томактабиро ва тасаввуротро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, образҳои мусиқӣ-шунавоӣ қобилияте мебошанд, ки ҳангоми шунидан ва такрори асарҳои мусиқӣ инкишоф меёбад. Дараҷаи баланди инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ барои хотираи мусиқӣ ва тахайюли асосӣ хизмат менамояд.

Ҳисси ритмӣ-ин қобилияти фаъолона ҳис кардани мусиқӣ тавассути ҳаракат, ҳис кардани ритми он ва такрор кардани он дар асоси аксуламали эҳсосӣ ба вуҷуд меояд. Ҷавоби эҳсосӣ ба мусиқӣ метавонад дар ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ ҳангоми дарк, иҷро ва эҷоди он инкишоф ёбад. Барои ин шумо бояд мазмуни мусиқиро эҳсос ва дарк намоед, инчунин нисбати мафҳуми суруд тасаввурот дошта бошед.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки аҳаммияти инкишоф додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ таъкид шудааст, ки дар ин давра кӯдакон ба омӯзиш бештар завқ доранд, таваҷҷуҳи нокифоя ба таълими мусиқии онҳо метавонад боиси иҷро нашуда мондани истеъдоди эҷодии онҳо гардад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар муҳити таълимӣ равоншиносон пешниҳоди истифодаи чунин таснифро ҳамчун васила барои дастгирӣ ва кумак ба кӯдакони лаёқатманд пешниҳод кардаанд. Ворид шудани равоншинос ба низоми муосири маориф муоина, ташхис ва дастгирии кӯдакони оқилу қобилиятнокро дар бар мегирад, ки онҳоро метавон ганҷи тиллоии афроди лаёқатманд арзёбӣ кард.

## 1.2. Хусусияти инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ

Назария ва амалияи рушди шахсият ошкор намудааст, ки дар давраҳои синнусолии кӯдакон маҳорату қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодие мавҷуданд, ки онҳо зери таъсиррасонии мақсадноки калонсолон

инкишоф меёбанд. Бо истифода аз воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ рушди минбаъдаи неруи эҷодӣ таъмин гардида, он ба шаклгирии сифатҳои зеҳнию эҳсосотии кӯдак таъсир мерасонад.

Таҷрибаи таърихии инсоният, таҳқиқотҳои илмии гузаштаю муосир исбот кардаанд, ки одам аз батни модар то охири умр майл ба фаъолияти мусиқӣ дорад, ки маҳз майлу хоҳиш, шавқу рағбат асоси маҳорату қобилиятҳои мусиқиро ташкил медиҳад. Қобилиятҳои асосии мусиқӣ ва эҷодкорӣ дар баъзе кӯдакон дар айёми бачагии барвақт (то 3 - солагӣ) зоҳир мешавад, дар дигарон баъдтар зуҳур гардида, оҳиста-оҳиста рушд меёбанд.

Масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон махсусан, дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳо қайд карда мешавад, ки таълиму тарбияи мусиқӣ, масъалаҳои такмили маҳорати мусиқӣ ва эҷодӣ дар афкори адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти инсон, аҳаммият ва зарурати он дар ташаккули ҷаҳони маънавии кӯдакон, роҳу усулҳои таълими мусиқӣ, инкишофи мусиқию эҷодӣ аз нуқтаи назари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон мавқеи хосса дорад. Масалан, Абуалӣ ибни Сино дар баробари файласуф буданаш, дар борои масъалаҳои фарҳанги мусиқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар асарҳояш “Рисолатун фи-илм-ал-мусиқӣ”, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Боби дувоздаҳуми “Китоб-уш-шифо” махсус ба масъалаи назариявии мусиқӣ бахшида шуда, дар китоби худ “Ал-қонун фи-тиб” аҳаммияти тарбиявии мусиқӣ, махсусан, сурудҳои алларо махсус таъкид менамояд. Ӯ барои қонеъ гардондани хоҳиши кӯдак ду василаро ба кор бурданро тавсия медиҳад: аввал гаҳвораи ӯро мавзун ҷунбондан, сонӣ, то ин ки хобаш барад, алла сароидан. Вобаста ба қобилияташ дар замири кӯдак майлу рағбате ба варзиш ва мусиқӣ ба амал меояд. Аввалин барои ҷисм ва дигаре барои руҳ арзишманд аст” [152, с.300].

Мутафаккири шинохтаи машриқзамин Ал-Форобӣ дар асари худ “Китоби бузурги мусиқӣ” сеҳри мусиқии халқӣ ва таъсири тарбиявии онро дар ҳаёти инсон ва тарбияи ӯ махсус таъкид намудааст.

Асосгузори ширкати (компанияи) SONY дар аввали солҳои 50-ум дар кишвари Ҷопон Масару Ибука дар асари худ «То сесолагӣ ва баъд дер мешавад»-ро («После трех уже поздно») навишта, ғояи таълимдиҳии кӯдакони то сесоларо пешниҳод намуд. Дар як вақт ташкилоти «Омӯзонидани истеъдодҳо»-ро («Обучение талантов») таъсис намуд ва ба он ҳамаи кӯдакистонҳои ба ширкати худ мутааллиқ бударо муттаҳид намуд. Диққати Масару Ибукаро дар аввал на масъалаҳои педагогикаи томактабӣ, психологияи синнусолӣ ба худ ҷалб мекард. Ӯ ҳамчун соҳибкор фаҳмидан мехост, ки чаро дар кишвари Ҷопон норозигии ҷавонон аз дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Сабаби чунин ҳодисаҳоро дар он медид, ки ҷомеа ба ҷавонон, барои истифодабарӣ ва инкишофдиҳии қобилияту истеъдодҳояшон имконият намедиҳад. Масару Ибука дар аввал таҷрибаи кори таълиму тарбиявии университетҳои кишвари Ҷопонро омӯхт ва ба хулосае омад, ки донишҷӯёнро университетҳо мувофиқи талабот ба фаъолияти касбӣ омода намекунанд, талабаҳоро мактаб вайрон мекунад, барои дар кӯдакистон кӯдаконро аз нав тарбия намудан аллакай дер шудааст ва ба худ савол дод: Чӣ бояд кард?” [100, с.14].

Дар ҳамон солҳо оид ба методи омӯзонидани навохтани асбоби мусиқии скрипка, ки доктор Ишичи Сузуки пешниҳод намуда буд, баҳсу мунозираҳо авҷ гирифта буданд. Мувофиқи пешниҳоди ӯ, ҳамаи кӯдаконро ба навохтани асбоби мусиқӣ, аз ҷумла, скрипка раҳнамун кардан имконпазир аст. Принсипи асосии ин методро ташкил мекард:

- модоме ки кӯдак нутқи атрофиёнро шунида ва онро азхуд карда метавонад, ӯ оҳанги мусиқиро низ шунида бояд навохтанро азхуд намояд. Нутқи инсон нутқи садодиҳанда аст ва кӯдак онро бо узви шунавоӣ мешунавад, сипас дар хотир нигоҳ медорад. Ӯ оҳанги мусиқиро

низ мешунавад ва дар хотир нигоҳ медорад;

- агар калонсол оҳанги мусиқиро якчанд маротиба такрор намояд, кӯдак чӣ тавре ки калимаҳои лафзи модариро дар хотир нигоҳ дошта метавонад, оҳанги мусиқиро низ ҳамон тавр дар хотир нигоҳ медорад;

- ба мо дар бораи он ки кӯдак қобилияти мусиқиомузӣ дорад ё не, муҳокимаронӣ кардан шарт нест, чунки мо на барои дар оянда лингвист (илм дар бораи маънои калимаҳо) шудани ӯ, лафзи модариро меомӯзонем, фақат муҳим он аст, ки нишонаҳои қобилиятҳои кӯдакро рушд диҳем» [173, с.134].

Ишичи Сузуки дар иҷрои амали омӯзонидани нутқ, мусиқӣ муҳиммияти таъмин намудани шароитҳои омӯзишӣ дар муҳити иҳотакарда, кӯшишу ғайрат ва кори мунтазами таъсиррасонӣ ба раванди ёдгирии кӯдакро дар назар дорад. Масару Ибука дар ҳаёту фаъолияти худ сараввал таҷрибаи Ишичи Сузукиро омӯхта бохабар шуд, сипас онро на барои таҷрибаи ташаккули истеъдоди мусиқӣ, балки дар маҷмуъ дар тарбия ва рушди қобилиятҳои ақлӣ ва зеҳнии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ барои истифода бурдан, пешниҳод намуд: «Кӯдакон аз рӯзи таваллуд боистеъдод ва беистеъдод таваллуд намешаванд. Ҳар як кӯдак аз рӯзи таваллуд то сесолагӣ чун Леонардо да Винчи истеъдоднок аст ва ба донистагирию азхудкунии донишҳо талабот дорад. Донишро чун обкашак ба худ ҷаббида мегирад. Агар то сесолагӣ пойдевори устувору қавӣ гузошта нашуда бошад, минбаъд ба кӯдак омӯзонидани он кори бефоида аст. Ин амал монанди он аст, ки дар компютери баду куҳна кор карда истода, натиҷаи хуброинтизор шудан ғайриимкон мебошад» [101, с.12].

Усули мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо бо мураббиҳо, роҳбари мусиқӣ ва падару модарон нишон медиҳанд, ки на ҳамаи кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ба мусиқӣ шавқу рағбат зоҳир мекунанд. Бо вуҷуди ин,

аллакай дар синни томактабӣ аломатҳо ва зуҳуроти аввалини эҷодиёти мусиқиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар аввал шавқу рағбат ва маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодкории кӯдак зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ, генетикӣ, афзудани маромнокӣ метавонад зудтар ва ё дертар зуҳур кунад ва инкишоф ёбад.

Олимон Б.М. Теплов, А.Г. Ковалев, М.А. Михайлова ва дигарон чунин хулоса баровардаанд, ки "Фаровонии мусиқӣ як қисми фаровоние мебошанд, ки дар бозии мусиқӣ рушд мекунад. Б.М. Теплов чунин иброз менамояд, ки фаъолияти қобилияти мусиқӣ, аз қабили ҷавобгӯии эҳсосоти ҳаяҷон ба мусиқӣ, бо тасвири мусиқӣ ва шунавоӣ фаъолият мекунанд. Барои он ки эҷодиёти кӯдакони таҳсилоти томактабӣ пурмазмун, фаъол ва бо эҳсосот бошад, роҳбари мусиқиро мебояд, ки дар машғулиятҳо лаҳзаҳои бозиро истифода барад. Бозӣ барои ташаккули маҳорати корҳои эҷодӣ, ки ба талаботи таълимӣ мувофиқанд, асос хоҳад шуд.

Усул ва шаклҳои корро истифода бурдан зарур аст, ки барои эҷодкорӣ фазо фароҳам оварда, шавқу рағбати кӯдакони таҳсилоти томактабиро бедор кунанд. Бояд роҳҳои ворид намудани унсурҳои эҷодӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ ҷустуҷӯ карда шавад. Дар асоси мавзуи дарс бозиҳоро гуногунранг кардан ва байни намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳо робитаи мантиқӣ барқарор кардан лозим аст. [165, с.14], [69, с.42], [115, с8].

Дар таҳқиқотҳои психологӣ роҳу воситаҳои муайянсозии қобилияту истеъдоди кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Дар кӯдакони соҳибистеъдод фаъолнокӣ, шавқу рағбати махсус дар фаъолиятҳои эҷодиашон зуҳур мегардад, ки онҳо ифодагари ин ё он намуди қобилият мебошанд.

Бояд қайд кард, ки қобилияти эҷодӣ-суханварии кӯдакон дар давраи томактабӣ ба фаъолияти азхуд кардани лафзи модарӣ, нутқи

шифоҳӣ асос меёбад ва он дар зерхати азхудкунии тарзи дурусти талаффузи овозҳои кӯдакон ва риояи меъёри адабии суханронӣ; луғатомӯзӣ (бой гардидани захираи луғавии кӯдакон, фаҳмидани мазмуни калимаю ибораҳои онҳо ва дар нутқи фаъол истифодабарии қобилияти мусиқӣ); услуби баёни фикр дар нутқи мураттаби гуфтугӯӣ ва монологӣ; таҳия ва нақли мазмуни ҳикояву афсонаҳо, азхуд намудани шеъру сурудҳо; ибрози андеша ва мазмуни матнҳои адабӣ бо риояи қоидаи синтаксисӣ (ташаккулёбии сохти грамматикии нутқи адабӣ) ифода мегардад.

Барои кӯдакони соҳибистеъдоди таҳсилоти томактабӣ имкониятҳои тез ба таври махсус иҷро намудани вазифаҳои маърифатӣ ва эҷодӣ хос мебошад. Доштани тасаввуротҳои амиқ, тафаккури махсуси эҷодӣ, дарёфти роҳу усулҳои табиӣ, ҳалли масъалаҳои гуногуни фикрӣ имконпазир мегардад. Дар кӯдакон имкониятҳо ва истеъдоди ақлию зеҳнӣ вобаста ба рушди тафаккури аёнӣ-амалӣ ва хаёл шакл мегирад ва дар раванди он қобилияти амсиласозӣ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми дар фикри худ сохтани нақшаи бозӣ кашидани расм, сохтани тарҳи бино (бозии сохтмонӣ), нақл кардани образи қаҳрамонони афсонаҳо кӯдак ба тасаввуротҳои худ такя менамояд.

Қобилияту истеъдоди ақлию зеҳнии кӯдакон зиёдтар дар инкишофи нутқ, дар хотир нигоҳ доштани теъдоди зиёди мазмуни афсонаҳо, шеърҳо, иҷрои амалҳои фикрӣ, рушди тафаккури образноки мантиқӣ, хаёлу тахайюлоти эҷодӣ ва ғайраҳо зоҳир мегарданд. Барои ташхиси қобилияту истеъдоди онҳо дар психология методикаи зиёди ташхисии махсус коркард кардашуда дар таҳқиқот истифода бурда шуд. Маълум аст, ки тестҳо барои муайянсозии имкониятҳои ақлию зеҳни кӯдакон аз тарафи равоншиноси фаронсавӣ А. Бине бори аввал таҳия карда шуданд. Минбаъдстҳои ақлию зеҳнӣ аз тарафи Л.Н. Галигузова, К.В. Тарасова таҳия карда шуданд, ки онҳо ба муайянсозии малакаҳои маърифатӣ таҳлили идрокӣ, қобилияти ҳисобкунӣ, хотира қобилияти

вербалӣ (нутқронӣ) ва идроки фазоӣ, тафаккури индуктивӣ ва дедуктивӣ мусоидат менамуданд. Дар солҳои 60-70 асри XX назарияи бисёрзеҳнии Говард Гарднер дар муайянсозии қобилияту истеъдодмандии инсон ба миён омад [17, с.125], [37, с.87], [163, с.128], [41, с.55-56]

Б.М. Теплов таъкид менамояд, ки “шароити (шарти) асосие, ки барои эҷодиёти кӯдакон таъмин намудан лозим аст, ин таъмин намудани самимият дар муоширату муносибат аст. Маҳз ҳамин шароити самимият талаботро ба эҷодкорӣ, ки дар кӯдак мустақилона аз талаботҳои ботинии ӯ бармеояд, қонеъ мегардонад ва зарурияти ҳавасмандгардонии мақсадноки педагогиро аз байн мебардорад” [165, с.19]. Агар мо кӯдакро ба эҷодкорӣ маҷбур намоем, маромнокии моддию маънавиро пешниҳод нанамоем, арзиши табиии маҳорату қобилияти эҷодкории ӯ аз байн меравад.

В.А. Левин таъкид менамояд, ки “кӯдакон худ табиати соҳибистеъдоду қобилиятманд шудан доранд, чунки “эҷодиёт” ба таври табиӣ, ба таври стихиявӣ ба вуҷуд меояд. Шеъру тасвирҳо, шаклҳои (фигураҳои) аз пластилин сохташуда, сохтмонҳои аз регу кубикҳо офаридаи кӯдакон натиҷаи фаъолияти бозикунии онҳо чун фаъолияти инсонӣ маромнокии худро дорад. Маҳз дар бозикунӣ кӯдак зери таъсири эҳсосоту тасаввуротҳои худ имконият, маҳорату нишонаҳои қобилиятнокиро арзёбӣ менамояд. Шояд эҷодкории кӯдак дар ҷараёни бозикунӣ арзишмандии адабию бадеиро пайдо накунад, вале он олами ботинӣ, шавқу рағбати ӯро ифода менамояд” [90, с.26].

Ба андешаи С.Л. Рубинштейн, “раванди инкишофи қобилиятҳо дар одам ин раванди инкишофи инсон аст. Аз тарафи одам азхудкунии дониш ва тарзи иҷрои амалҳо замина, шарти ботинии дараҷаи муайяни инкишофи ақлӣ ва қобилиятҳои фикрии вай аст” [147, с.122]. Зимнан С.Л. Рубинштейн навишта буд: “Ташаккули эҳсосот ва дарки бошууронаи мусиқӣ, инчунин муносибат ба эҳсосоти мусбӣ ҳангоми дарк кардани он боиси пайдо шудани майлу хоҳиши шунидани мусиқӣ, махсусан, шоҳасарҳои санъат, рағбати машғул шудан ба фаъолияти

эҷодӣ ба амал меоваранд”. Дар асоси назарияи А.Н. Леонтев бошад, дар тавзеҳи қобилиятҳо бояд ба нуқтаи зерин такя намуд: “ҳангоми муайян кардани қобилиятҳо чунин сифатҳои индивидро ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки кулли онҳо барои иҷрои фаъолиятҳои муайян мусоидат менамоянд. Чунин сифатҳоро бояд дар назар дошт, ки онҳо ба таври онтогенетикӣ (мансуб бо онтогенез) дар худи фаъолиятҳо арзи вуҷуд доранд ва табиатан ба муҳити берунӣ вобаста мебошанд [92, с.85].

Чунин нуқтаи назарро ба ҳисоб гирифта, олимон мавҷудият ва рушди қобилиятро дар соҳаи мусиқӣ (Б.М. Теплов); математика (В.А. Крутетский); расмкашӣ (Г.В. Бикова); химия (Д.А. Эйнштейн) ва дигарон ҳамчун сифати шахсиятӣ исбот намуданд [164, с.334], [80, с.176], [19, с.82], [195,135-137].

Масалан, муҳаққиқ И.Я. Зимняя чунин ҷузъҳои таркибии қобилияти адабӣ-эҷодиро ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст:

1). осебпазирӣ (таъсирбахшӣ);

2). фаъолию, ҳозирҷавобию ҳушёрӣ;

3). Хотираи хуби биноӣ ва нутқӣ-мантиқӣ;

4). Қобилияти эҷод намудани образҳо;

5). Суръати тези ба вуҷуд омадани ҳолати ҳамдардӣ;

6). Боигарии луғавӣ ва ассотсиатсияҳоро бо калимаю ибораҳо тасвир кардан [60, с.146-147].

Аз чунин ҷузъҳои таркибӣ иборат будани қобилият аз он далолат мекунад, ки дар шаклгирии он сифатҳои шахсиятии инсон таъсирпазир буда, дар як вақт таассуротҳо ба ҳолатҳои психикӣ алоқаманд мебошад.

Фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар синни томактабӣ ба худ хусусиятҳои хос дорад, зеро дарки мусиқӣ, фаҳмидан ва айнан такрор кардани он ба инкишофи асабу психикаи онҳо алоқаманд аст. Идроки мусиқӣ дар шунидан, фаҳмидан ва ҳаловат бурдан зуҳур меёбад. Он дар заминаи эҳсосоти кӯдакон ба вуҷуд омада, ба инкишофи ақлу фаросат, зеҳну заковатмандӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, фаъолияти мусиқӣ

кӯдакон як шакли фаъолияти маърифатӣ буда, он барои азхудкунии ҳаҷми муайяни донишҳо, таассуроту ҳодисаҳо ба воситаи шунидан мусоидат мекунад.

Сатҳи иҷтимоии идроки мусиқӣ дар кӯдакон тибқи дараҷаи азхудкунии образҳои мусиқӣ муайян карда мешаванд ва ин раванд ба роҳёфти иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ба монанди:

а) нақши мусиқӣ дар ҳаёти кӯдак чун шахсияти арзишманд ва аъзои ҷомеа дар якҷоягӣ муайян карда шавад;

б) мусиқӣ барои иҷтимоишавии кӯдак мусоидат намояд,

в) мусиқӣ замина барои эҷодкорӣ ва рушду нумӯи зеҳн ва қобилияти кӯдакон гардад.

Сарчашмаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қобилияти эҷодии кӯдакон ҳамчун маҷмуи се меъёри баҳам алоқаманд муайян карда мешавад ва ин меъёрҳо аз чунин қисматҳо иборат мебошад.

1) инкишоф додани соҳаи эҳсосотии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ, инчунин имконияти эҷодии онҳо дар асарҳои аслии мусиқӣ ва мустаҳкамнамоии муносибатҳои байнишахсӣ дар эҷодиёти гурӯҳ, экспрессия дар имову ишораҳо, дар ифодаҳои рӯй, дар пантомима, дар интонатсияи овозӣ, доштани доираи эҳсосоти гуногун ва нақши бозингарии тасвир, ки дар қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ ифода меёбанд;

2) инкишоф додани муносибатҳои байнишахсӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар эҷодиёти гурӯҳӣ дар хайрхоҳӣ, ошкорбаёнӣ, хоҳиши бо кӯдакон будан, бо воситаи бозӣ бадеҳахонӣ, малакаи муошират ва муносибат кардан бо калонсолон мусоидат менамояд. Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мувофиқи синну сол ба ороиш ва иҷрои эҷодкоронаи импровизатсияҳои пластикӣ ва интонатсия-нутқ зоҳир мешавад;

3) инкишофи эҷодии кӯдакон дар даврони мусиқии ибтидоӣ дар хусусиятҳои сершумор ва аз ҷиҳати равонӣ равшангардидаи тасвири

мусиқии ба вазифаи бозӣ дохилшуда, дар кӯдакон доштани садо, баланд шунидани маҳорати ритмӣ ва тембрӣ, интонатсияи хати оҳанг, садои табиӣ зоҳир мешавад.

Бояд иброз намуд, ки кӯдакон ҳанӯз аз айёми тифлӣ садою овозҳои гирду атрофро мешунаванд, бо тағйир додани руҳия ва ҳолати эҳсосотии худ ба он аксуламали ҷавобӣ мегардонанд. Ба оҳанги мусиқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро бодиққат гӯш мекунанд. Ҳолати қаноатмандии худро ҳангоми бедорӣ бо баровардани овозҳои ифодакунандаи болидаруҳию хушҳолӣ зоҳир менамоянд. Ба овози меҳрубононаю навозишкоронаи модар тақлид менамоянд. Дар ин замина барои ташаккули рушду нумӯи мусиқӣ кӯшиш мекунанд ва онро фаҳмида мегиранд. Сипас дар зери оҳанги мусиқӣ рақси мудаввар мекунанд. Масалан, дасту пойҳои худро ба ҳаракат медароранд ва кӯшиш мекунанд, ки дар ҷараёни фаъолияти худ таҳти навозиши мусиқӣ ширкат варзанд. Инчунин, таҳти оҳангҳои садоҳои ҳархелаи мусиқӣ (ба монанди шӯх, ботамкин, ором ва тез) ба суръату сифати онҳо муносибати интихобӣ барқарор менамояд. Ба монанди дар рафти мусиқӣ ором шудан, ба ҳаяҷон омадан, бозӣ кардан, майлу рағбати муоширaт намудан ва ғайраҳоро аз худ менамоянд.

Робитаи мутақобилаи кӯдакро бо мусиқӣ дар солҳои аввали ҳаёт мусиқӣ-ашёӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар ин давра таваҷҷуҳи ӯро бештар ашё ва бозичаҳои рангаи садодиҳанда ба худ ҷалб менамоянд ва кӯдак кӯшиш мекунад онҳоро ба даст гирад, тела диҳад, ҳаво диҳад ва дигар амалҳоро иҷро намояд. Аз ҳаракатдиҳию садобарории ашёҳо, бозичаҳо, шунидани оҳангу навоҳои мусиқӣ ҳаловат бурда оҳиста-оҳиста ба иҷрои фаъолияти нав, фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ ворид мегардад, муносибатҳои нави иҷтимоӣ бо ашё, бозичаҳои садодиҳандаю мусиқӣ барқарор созад. [107, с.422].

Иҷрои ин амалҳо ба сарчашмаи бою ғанигардонии ҳамкориҳои эмотсионалӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, муоширату мубодилаи ҳиссиёту робитаҳои наву фараҳбахш мубаддал мегардад. Минбаъд мазмуни

бозиҳо мураккаб шуда, замина барои бозиҳои накшофарии эҷодӣ мегардад.

Дар давраи таҳсилоти томактабӣ, яъне 3-7-солагӣ фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ шакл мегирад. Барои кӯдак дар ин давра на танҳо раванди бозӣ, балки сифату натиҷаи бозикунӣ зери оҳанги мусиқӣ арзишманд аст.

Соҳиб шудан ба таҷрибаи эмотсионалӣ ба ӯ имконият медиҳад ҳиссиёту эмотсияҳои махсусро аз сар гузаронида, ба фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ ва эҷодии худ баҳо диҳад, аз ҷониби ҳамсолон ва калонсолон баҳои мусбӣ гирад, қувват ва имкониятҳои шахсии худро барои эҷодкорӣ истифода бурда, дар як давраи муайян онро такмил ва тағйир диҳад.

Кӯдакони синни томактабӣ на танҳо қобилияти мусиқӣ ва эҷодиро инкишоф медиҳанд, балки малакаҳои мушоҳидакорӣ, хотираро такмил медиҳанд, тафаккур ва тасаввуротро васеъ мегардонанд. Ин синну сол, хусусиятҳои хоси кӯдакона дорад: ҷавобгӯии эмотсионалӣ, диққатнокӣ ба вазифаҳои ҳаяҷонбахш ва эҷодӣ, бо шиддати тафаккур ташаккул дода мешавад. Бинобар ин, кӯдакони таҳсилоти томактабӣ омӯхта шуда, нисбат ба асарҳои мусиқӣ шавқу рағбати онҳо бедор мешаванд.

Ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ эҷодкорӣ омӯзонида мешавад ва фаъолияти ботиниашон инкишоф дода мешавад. Мусиқӣ аз рӯи хосиятҳои худ метавонад ба рушди хаёлот, ки асоси эҷодиёт, фаъолона таъсир расонад.

Азхуд кардани фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имконият медиҳад, ки сазовори эҳтирому эътироф гарданд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони 5 - 7 - сола на танҳо асарҳои мусиқиро гӯш мекунанду ба онҳо баҳо дода метавонанд, балки дар атрофи ин масъала муҳокимаронӣ менамоянд, муаллифони оҳангу суруд, иҷрокунандагон рақсу бозиҳоро дар хотир нигоҳ медоранд.

Дар илми муосир ва таҷрибаи таълиму тарбиявӣ оид ба вуҷуд омадан, рушд ва такмилу амалӣ гардондани қобилияту истеъдод дар раванди фаъолиятҳо баҳсу мунозираҳои доманадору печида роҷеъ ба аломатҳо, нишонаҳо, осори аввалини қобилиятмандии кӯдакон арзи вуҷуд доранд. Аломату нишонаҳо чун заминаи табиии қобилият эътироф гардида, хусусиятҳои анатомӣ-физиологии системаи асаб ва фаъолияти майнаи одамро ташкил намуда, асоси табиии рушди қобилиятро таъмин мегардонад. Лекин дақиқ карда нашудааст, ки ин аломатҳо нишонаҳои табиии қобилият, хусусияти системаи асаб аст ва ё махсус моил будан ба рушди қобилиятҳо мебошад. Дар кӯдакон аломату нишонаҳои қобилияти асосии табиидошта махсусияти ба худ хос надорад ва нисбати мазмун ва шаклҳои фаъолиятҳои амиқ муҳим дониста нашудаанд.

Дар як вақт аломату нишонаҳои табиии қобилиятро нисбати рушди онҳо бетафовут ҳисобидан мумкин нест. Аломату нишонаҳои фардии қобилият то андозае интихобӣ ва дахолатнопазир нисбати намуди фаъолиятҳо мебошанд. Маълумотҳои амиқи илмӣ оид ба аломату нишонаҳои қобилият дар таҳқиқотҳои психологии мактаби Б.М. Теплов ба миён омаданд. Ҳангоми омӯхтани хусусиятҳои модарзодии системаи асаб ва аҳаммияти онҳо дар фарқияти фардӣ-психологии қобилияти бачаҳо арзёбӣ гардиданд [165, с.235].

Мусиқӣ хусусияти шахсиятест, ки аз ҷиҳати таърихӣ кӯдакони таҳсилоти томактабӣ тадриҷан бо садоҳои нутқи худ, табиат, хосиятҳои гуногун баландӣ, давомнокӣ фарқ мекунанд. Дар асоси он аввалин тасвирҳои бадеӣ ба вуҷуд омада, услубҳои мусиқӣ ташаккул меёбанд. Кӯдак бо гузашти солҳо дорои қобилияти дарки мусиқӣ, эҷод ва иҷро кардани он мегардад. Мутаассифона, аксари волидайн дар бораи қобилияти мусиқии фарзандонашон нодуруст хулоса мебароранд, ки дар натиҷа онҳо робитаи зич бо ҳунар ва олами зебоиро ҳис намекунанд. Ин онҳоро аз имконияти фаъолона инкишоф додани олами маънавӣ ва неруи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ маҳрум мекунад.

Мусиқӣ, аз рӯи ақидаи Б.М. Теплов, ҷузъи истеъдоде мебошад, ки барои машғул шудан ба ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ зарур аст. Хусусияти асосии ин қобилияти ҷавобгарии эҳсосот ба мусиқӣ ва дарк кардани он ҳамчун ифодаи мундариҷаи муайян мебошад. Инҳо ба ҳаракатҳои мусиқӣ ва ритмикӣ, ки барои шунаванда аз ҷиҳати равонӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ягонагии ҷонибҳои эҳсосӣ ва шунавоии мусиқӣ зарур аст.

Б.М. Теплов се намуди қобилияти асосии мусиқиро, ки ӯ аз равоншинос ва роҳбари мусиқии машҳур К. Сишор омӯхтааст, муайян мекунад: Ҳисси модарзодӣ-ин таҷрибаи эҳсосоти ҳаяҷон қобилияти эҳсосотӣ мебошад. Дар ҳақиқат, дар эҳсоси модарзодӣ, ягонагии паҳлуҳои эҳсосотӣ ва шунавоии мусиқӣ зоҳир мешавад. Ҳисси аҷиб ҳангоми дарки мусиқӣ ҳамчун таҷрибаи эҳсосӣ, "дарки ҳис" зоҳир мешавад. Б.М. Теплов онро "ҷузъи идрок, ҳисси гӯш барои мусиқӣ" меномад” [165. с.163].

Бояд қайд кард, ки маҳорату қобилият бунёди ғояҳои нав, амалӣ гардондани онҳо, дурравӣ аз қолабҳои анъанавӣ, ҳалли мушкилоту иҷрои тези супоришҳо, мустақилона ва саривақтӣ бартарафсозии масъалаҳои аз тарафи одами тезҳуш, соҳиби неруи ақлию зеҳнии қавӣ чун шахсияти креативӣ таҳқиқ ва пойбарҷо шуда истодааст.

Дар омӯзиши психологию педагогӣ (В.Д. Шадриков, Е.С. Жукова) мо таҷрибаи амалии оилаҳои рассомон, бастакорон ва дигар одамони эҷодкорро дар бобати ҷалб намудани кӯдакон ба расмкашӣ, эҷодӣ мусиқӣ ва сурудхонӣ, маҳорати бадеӣ ва нутқ якҷоя бо падару модари онҳо мебинем.

Чунин раванд на танҳо ба омилҳои ирсӣ, балки ба муҳити иҳотакарда алоқаманд мебошад, ки дар он кӯдакон донишу тасаввуротро сайқал дода, фаъолияти эҷодии худро такмил медиҳанд” [184, с.7-21], [54, с.16].

Дар чараёни таҳқиқотии мо мафҳумҳои “эҷодиёт”, “эҷодкорӣ”, “эҷодӣ”, “эҷод намудан” - дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ хеле муҳим аст.

Марҳилаҳои инкишофи эҷодиёти мусиқии кӯдаконро метавон ба марҳилаҳои зерин тақсим кард:

Марҳилаи 1. Зуҳуроти ибтидоии фаъолияти эҷодии кӯдак, ки дар хоҳиши эҷод кардани чизи нав, инкишоф ё тағйир додани чизи мавҷуда зоҳир мешавад.

Марҳилаи 2. Азхуд кардани усулҳои фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои эҷодӣ.

Марҳилаи 3. Фаъолияти мустақилонаи эҷодии кӯдакон, аз ҷумла эҷоди оҳангҳо ва композитсияҳои рақсӣ дар ҳаёти ҳаррӯза.

Барои ба муваффақиятҳо ноил шудан ба фаъолияти эҷодии ин кӯдакон қобилияту истеъдод, ҳиссиёту лаззати онҳо таъсир мерасонад ва тавассути санъати мусиқӣ, инчунин равшанӣ ва ифодаи оҳанг он иҷро карда мешавад.

Ин малакаҳо одатан, дар кӯдакон дар синни калони томактабӣ ташаккул меёбанд, аммо инкишофи онҳо бояд хеле пештар бо истифода аз супоришҳои махсуси эҷодӣ барои кӯдакон оғоз шавад (номи худро хонед ва ғ.). Бояд гуфт, ки дар илм ва таҷрибаи ҳаётӣ эҷодкорӣ ҳамчун фаъолият шарҳ дода мешавад, ки ба эҷод ва рушди арзишҳои моддию маънавӣ нигаронида шудааст.

Вақте ки мо натиҷагирӣ аз фаъолияти эҷодии кӯдакон мегӯем, шояд шубҳае пайдо гардад, ки тибқи он кадом натиҷаи моддию маънавиро интизор шудан мумкин аст. Ба андешаи Л.С. Виготский, дар он ҷое, ки инсон хаёл менамояд, тағйир медиҳад, аз одатҳо даст кашида, заррае бошад ҳам, навгониро барои худ ва дигарон бунёд месозад, эҷодкорӣ зоҳир мегардад” [30, с.23].

Зимни таҳлилу баррасии таҳқиқотҳои илмии психологӣ-педагогӣ (Б.М. Теплов, Л.С. Виготский, А.А. Ветлугина ва дигарон) зимни таҳқиқоти худ мафҳуми эҷодкориро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудаанд:

1. Зуҳуроти иҷрои махсуси амалҳо дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳо.

2. Фаъолияти мақсаднок оид ба муайян кардан ва бартараф сохтани мушкилоту зиддиятҳо.

3. Мустақилият дар баён намудан ва амалисозӣ, пешниҳоди ғоя ва андешаҳои шахсӣ.

4. Фаъолияти мақсадноку арзишманди дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, ки дар он маҷмуи амалҳо бо тезӣ, бошуурона ва фаъолона иҷро карда мешаванд [164, с.14], [30, с.38], [26, с.233].

Маълум аст, ки инсон, махсусан, кӯдакону наврасон дар фаъолияти худ ба лаҳзаҳои ҳаловатбахшу таассуротҳои эҳсосӣ зиёдтар талабот доранд. Ҷисму руҳи онҳо дар рушду камолёбӣ қарор дорад. Қонеъ гардондани ин ниёзмандӣ ба кӯдакон на танҳо ҳаловатбахш аст, инчунин воситаи муҳимми муайянкунии қобилиятнокӣ, лаёқатмандии онҳо дар роҳи эҷодкорӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ (шунидану дарк намудани оҳанги мусиқӣ, садои асбобҳои мусиқӣ ва оҳангу услуби истифодаи асбобҳои мусиқӣ, хондани суруд, тақлид ба роҳбари мусиқӣ, рақсидан ва такрор кардани ҳаракатҳо, омӯхтани оҳангу асарҳои бачагона ва ғайраҳо), ба инкишоф ва қобилияти мусиқӣ, эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

Албатта, ба шахсияти кӯдаки синни томактабӣ мо мафҳумҳои “оҳангсоз”, “сароянда”, “ҳунарманди”, “эҷодкор”-ро мутлақо мутааллиқ намедонем. Чунки ҳоло ӯ соҳиб ё худ муаллифи эҷод кардани асарҳои мусиқию саҳнавӣ, ашёву неъматҳои арзандаи моддӣ нест ва кӯшишу ғайрат накардааст. Вай фақат дар заминаи дарку тақлидкорӣ маҳорату қобилияти эҷодкории худро на танҳо дар санъати мусиқӣ, балки дар

рассомӣ, суробсозӣ, тахти роҳбарии роҳбари мусиқӣ, мураббия ва калонсолон инкишоф ва ташаккул дода метавонад.

Фаъолияти эҷодкорӣ фаъолиятест, ки амалу ҳолатҳои тозаеро ба вуҷуд меоварад ё мушоҳидаи онҳо иртиботҳои тозаеро дар тафаккур ва ёдгирӣ имконпазир месозад. Арзишмандии қобилияти эҷодкорӣ дар мусиқӣ аз он бармеояд, ки он санъатест, ки ҳақиқатро дар асарҳои бадеии овозӣ инъикос мекунад.

Роҷеъ ба қобилияти мусиқии модарзодӣ, махсусан дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ-адабӣ низ далелҳои раднопазир дар адабиётҳои илмӣ оварда шуданд. Масалан, таъкид гардидааст, ки дар оилаи оҳангсози олмон И.С. Бах: қобилияти мусиқӣ ҳанӯз дар соли 1550 ифшо шуда буд, ки асосгузори он соҳиби дӯкони нонфурӯшӣ, сарвари хонавода нонпаз И.С. Бах буд. Ин далел дар асари Т. Рибо "Наследованность душевных светев" (Хислатҳои меросии руҳӣ) ифода гардидааст. Ӯ таъкид менамояд, ки нонвой И.С. Бах ду писар дошт ва баъди кор вақти худро ба мусиқӣ ва суруд мебахшид. Минбаъд онҳо сулолаи оҳангсозони худро дар давоми ду аср дар Германия идома доданд. Дар хонаводаи И.С. Бах зиёда аз 60 нафар оҳангсозон ба воя расидаанд, ки 20 нафари онҳо шахсони шинохтаи ҷаҳонӣ гардидаанд" [146, с.592].

Инчунин муайян карда шудааст, ки бибикалони Л.Н. Толстой-Олга Трубетская ва бибикалони А.С. Пушкин - Евдокия Трубетская хоҳарон буданд. Ақидае вуҷуд дорад, ки шояд аломату нишонаҳои қобилияти эҷодию адабии онҳо зиёдтар тибқи хешовандон аз тарафи модарӣ ба Л.Н. Толстой ва А.С. Пушкин гузашта бошанд.

Р.С. Немов таъкид менамояд, ки ташаккули қобилиятҳои махсус дар синни томактабӣ фаъолона оғоз мегардад. Яке аз қобилиятҳои махсус, ки ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ зоҳир мегардад ва рушд меёбад, ин қобилияти мусиқӣ мебошад, ки таваҷҷуҳи олимони шинохтаи соҳаи тиб, психология ва педагогикаро ба таври ҷиддӣ ба худ ҷалб менамояд. Аз нигоҳи тиббӣ ба вуҷуд омадан, зуҳурот ва шаклгирии қобилияти мусиқӣ

ба фаъолияти узвҳои шунавоӣ ва хотираи мусиқӣ зич алоқаманд аст. Баъди ба дунё омадани кӯдак дар ӯ ҳассосияти узвҳои шунавоӣ ба дарку дар хотир нигоҳдории овозу садоҳои гирду атроф зиёд мегардад. Бо ёрии машқҳои махсус ба кӯдак омӯзонидану дар хотир нигоҳ доштани садоҳо имконият медиҳад, ки ҳассосияти узвҳои шунавоӣ зиёд шавад, хотираи мусиқӣ беҳтар шавад ва минбаъд ӯ садоҳоро шунавад ва аз онҳо лаззат барад, ҳассосияти худро такмил диҳад [125, с.216].

Инчунин, ҳассосияти узвҳои шунавоӣ зиёд мешавад, хотираи мусиқӣ беҳтар мешавад ва минбаъд ӯ садоҳоро мешунавад ва аз онҳо лаззат мебарад, ҳассосияти худро инкишоф медиҳад.

Тамоми қобилиятҳои мусиқӣ зери мафҳуми мусиқӣ муттаҳид мегарданд, ки тибқи пешниҳоди М.Т. Картавсева “маҳорату қобилияти мусиқӣ маҷмуи қобилиятҳоест, дар заминаи майлҳои фикрӣ дар фаъолияти мусиқӣ ташаккул ёфтаанд ва барои бомуваффақият татбиқ намудан зарур мебошанд”. Инчунин, ба ақидаи ӯ, кори баланд бардоштани сатҳи рушди қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ва вазифаи роҳбари мусиқӣ оғоз меёбад, ки кор дар ин самт идома ёбад. Дар робита ба ин, зарурати ҷустуҷӯ ва татбиқи таълимӣ ба миён омадааст. Раванди таълимии муассисаи таҳсилоти томактабӣ воситаҳо ва усулҳои самараноки рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакон мебошад. Фаъолияти бозии мусиқӣ яке аз намудҳои дастраси ошно кардани кӯдакони синни томактабӣ ба эҷодиёт, ба санъати мусиқӣ буда, оҳанги онҳо, хотираи мусиқӣ - дарозмуддативу кӯтоҳмуддатии садоҳо, ҳис намудани вазну усулҳо (ритми) иҷроиши дақиқу маъмули оҳангро дар бар мегирад. Ин фаъолият мусиқӣ, ҳаракат ва калимаро дар бар мегирад, ки ин роҳи инкишофи кӯдакон аст. Фаъолият раванди фаъоли азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, дастовардҳои фарҳангӣ мебошад” [65, с.74].

Таҳлили назария ва амалияи тарбияи мусиқӣ нишон медиҳад, ки қобилияти мусиқӣ ва мусиқидонӣ - мусиқашиносӣ дар инсон аз айёми тифлӣ ба вуҷуд меояд. Ӯ бо нидою оҳанги нутқи модар, садои бозичаю дигар ашёҳои атроф, парандаю созҳои мусиқӣ ва ҳатто ба нутқи худ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш менамояд онро дар хотир нигоҳ дорад, ба он тақлид намояду аз нав бо лаҳну садои махсус руҳия ва ҳолати эҳсосотии худро иброз созад. Бо мурури замон тасаввуроту фаҳмиши худро амалӣ гардонда, қобилияти мусиқишиносӣ: шунидан, фаҳмидан ва фарқ кардани садои овозҳо, азхуд кардани мусиқӣ дар эҳсосу идроки он, такрор кардани эҷодиёти оҳангу нағамот ва намудҳои гуногуни мусиқӣ азхуд карда мешавад, кӯдакони таҳсилоти томактабӣ соҳиби қобилияту истеъдоди мусиқӣ мегарданд ва дар ҷомеа ҳамчун шахси мусиқидон ва эҷодкор эътироф мешаванд.

Дар раванди машғулияти махсус ташкилкардашудаи мусиқӣ завқи кӯдакон ангезиш ёфта, майлу рағбаташон ба машғулиятҳои мусиқӣ бедор гардида, малакаи иҷрокунияшон ба асарҳои мусиқӣ инкишоф ёфта, инчунин қобилияти эҷодашон ташаккул хоҳад ёфт. Рушд ва шаклгирии қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдак дар идроки оҳанги мусиқӣ ва мувофиқат кунонидани ҳаракатҳои мавзун ҳангоми рақскунӣ, шунидан ва ҳаловат бурдан аз оҳанги мусиқӣ, пайравӣ ва тақлид намудан ба он ва ғайраҳо ифода меёбад.

## Хулосаи боби якум

Масъалаи ҷиҳатҳои асосии дараҷаи инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ барои инкишоф додани сифатҳои бадеӣ ва идроки зебоипарастии онҳо имкониятҳои калон фароҳам месозад. Ин махсусан, дар шароити фаъолияти мусиқӣ ва эҷодии онҳо дуруст ба роҳ монда мешавад.

Ҳаёти маънавии кӯдак танҳо вақте мукаммал мешавад, ки агар вай дар олами бозӣ, афсона, мусиқӣ, хаёлот, эҷод кардан зиндагӣ кунад. Ин раванд дар илми муосир низ бо истифода аз мисолу далелҳои ҳаётӣ, таҷрибаи зиндагӣ, натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои илмӣ идома дорад.

Дар пешрафти назария ва амалияи инкишофи қобилият, лаёқатмандиро чун сифати шахсияти фардии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар рисолаи илмӣ баробари гурӯҳбандӣ намудани намудҳои қобилиятҳо, нақши фаъолиятро дар рушди қобилияту лаёқатмандӣ вобаста ба хусусиятҳо ва имкониятҳои синнусолии кӯдакону наврасон баррасӣ намудем.

Муайян карда шуд, ки қобилияту лаёқатмандии кӯдакон ҳанӯз аз давраи томактабӣ (то 7-солагӣ) зоҳир мегарданд ва зери таъсиррасонии мақсадноки калонсолон инкишоф меёбад. Лаёқатмандӣ ягонагии қобилиятҳои умумии инсон аст, ки фосилаи байни имкониятҳои зеҳнӣ, сатҳи иҷро намудан, дараҷа ва хусусиятҳои фаъолияти ӯро муайян мекунад.

Истеъдод бошад, дараҷаи олии рушди қобилияти кӯдакон буда, дар иҷрои фаъолияти муайян (эҷодӣ, мусиқӣ, созандагӣ, омӯхтани фанҳо ва ҳоказо) ифода мегардад. Аз таҳлили сарчашмаҳои илмӣ маълум гашт, ки масъалаҳои қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ бештар ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ тааллуқ доранд, зеро тафсирҳои гуногунро дар бораи истеъдоди кӯдакон баррасӣ карда шудаанд. Дар аксари мавридҳо онҳо аз рӯи шартҳои ирсӣ ва модарзодӣ меоянд.

Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ қобилияту лаёқатмандӣ ин ҷараёнест, ки тағйир меёбад ва такмил дода мешавад. Он метавонад зери ин ё он омилҳо ҳатто хомӯш гардад ва ё дар наслҳои дуюму сеюм зоҳир гардад, такмил ёбад ва ба соҳибаш эътирофу нуфузи махсус бахшида, ӯро ба шахсияти шинохтаи ҷаҳонӣ дар ҷодаи эҷоду бунёдкорӣ мубаддал созад.

Дар боби мазкур мафҳумҳои “эҷодиёт”, “эҷодкорӣ”, “эҷодӣ”, “эҷод намудан” барои аз худ кардани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ муҳим ба ҳисоб рафта, инкишофи эҷодиёти мусиқии кӯдаконро ба марҳилаҳои гуногун тақсимбандӣ карда шуд. Барои пайдоиши аломатҳои ибтидоии эҷодкорӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, ки хоҳиши эҷоди объектҳои як чизи навро доранд такмил ё тағйир додани он яке аз масъалаҳои мубраб маҳсуб меёбад. Барои азхудкунии усулҳои фаъолияти эҷодӣ кӯдакон бояд фаъолиятиро тарзе ба роҳ монанд, ки хусусияти эҷодкорӣ дошта бошад.

Зимни мушоҳидаи фаъолияти бомуваффақияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ ва эҳсосӣ, инчунин истеъдоди онҳо муайян карда шуд. Ин фаъолият тавассути санъати мусиқӣ амалӣ гардид, ки ин бо равшанӣ ва ифоданокии сохторҳои оҳанг хос буд. Ташаккул додани малакаҳои қобилияти эҷодӣ маъмулан дар охири синни томактабӣ сурат гирифт. Инчунин ба роҳбарони мусиқӣ тавсия дода шуд, ки рушди онҳоро хеле барвақттар бо истифода аз вазифаҳои махсуси эҷодӣ, ки ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва эмотсионалӣ нигаронида шуда буд ба роҳ монанд. Дар заминаи илмию амалӣ эҷодкорӣ ҳамчун фаъолияте баррасӣ гардид, ки ба эҷод ва рушди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ нигаронида шудааст.

# БОБИ II. АСОСҲОИ АМАЛИИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ - ЭҶОДӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСИҚӢ-БОЗИКУНӢ

## 2.1. Имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон

Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар он Созмони Милали Муттаҳид ҳуқуқ ба бозикунӣ доштани кӯдаконро ҳамчун ҳуқуқи арзишманд ва дахлнопазири ҳар як кӯдак эълон намудааст, қонунан вазифаи инкишоф додани шахсияти ӯро муаррифӣ намуд. Ин омил ба зиёд намудани таваҷҷуҳ ва имконияти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои нақши бозиҳо дар ҳаёти кӯдакон мусоидат менамояд.

Дар низоми таълиму тарбиявии кӯдакони кулли халқҳои дунё бозӣ ҳамчун фаъолияти арзишманд мақоми меҳвариро ишғол менамояд. Дар тасаввурот ва таҷрибаи амалии инсоният бозӣ на танҳо воситаи вақтхушкунӣ, вақтгузаронӣ, ҳаловату хушҳолибахшӣ, балки воситаи тарбияи зеҳнии кӯдаки бунёдкори оянда, давомдиҳандаи насли инсоният, аз насл ба насл дастраскунандаи таҷрибаи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ эътироф гардидааст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мафҳуми бозӣ аз рӯи мафҳумҳо ба ду зербоб ва шаш зерсатр ҷудо мешавад, ба бозӣ ташвиқ кардан, бозӣ муайян кардан, дар бозӣ иштирок кардан, ба бозӣ ҳамроҳ шудан, бозӣкор ва амали бозӣ, шарҳ дода мешаванд, ки ҳамаи онҳо ба мазмуну моҳияти бозӣ, бозии кӯдакон мувофиқат мекунанд. Дар таҳқиқотҳои олимони соҳаҳои психология (Л.С. Виготский, Д.Б. Элконин, А.Н. Леонтев, Т.А. Репина, Т.П. Абдулова ва дигарон) бозӣ чун омили пешбаранда дар инкишофи психикӣ тасдиқ шудааст ва онҳо давраи томактабиро давраи махсуси бозикунӣ меҳисобанд [193, с.197], [30, с.40], [196, с.309], [92, с.322], [145, с.255], [5, с.82].

Бозӣ чун фаъолияти махсуси инсонӣ аз ҷабҳаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, таълимиву тарбиявӣ иборат аст. Он бо тағйиру такмилёбии худ вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ба рушди маҳорату қобилиятҳои бозингарон, махсусан, кӯдакону наврасон таъсир мерасонад. Дар заминаи баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, барнома, дастурҳои таълимӣ, суруду оҳангҳои бачагона мувофиқ ба синнусоли кӯдакон, зарурияти истифодаи намудҳои зерини бозиҳо барои кӯдакони то 7-сола пешниҳод карда шудаанд, аз ҷумла: сюжетию нақшофарӣ, намоишӣ ё худ саҳнавикардашуда, бозиҳои сохтмонӣ, серҳаракату дидактикӣ истифода бурда мешавад. Дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакон вобаста ба қобилиятҳои мусиқӣ ва инкишофдиҳӣ ташкилу роҳбарӣ карда мешаванд. Дар ташкилу баргузории бозиҳо инкишоф меёбанд.

Таҳқиқу баррасии масъалаи бозиҳои эҷодӣ зиёда аз шаш аср мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таълимоти кунунӣ оид ба бозӣ аз андешаҳои фалсафии пешин сарчашма мегиранд. Файласуфи асримиёнагӣ Августин Бланженний таъкид кардааст: “Дилхушиҳои калонсолон чӣ қадаре ки ҷиддӣ бошанд, бозии кӯдакон низ ҳамин тавр ҷиддӣ мебошанд”

Психологҳо дар он ақидаанд, ки агар кӯдак дар синну соли муайян бозӣ накарда бошад, дар ҳаёти оянда дар ӯ ҳиссиёти қаноатманд набудан аз ҳаёти реалӣ боқӣ мемонад. Баъзе аз калонсолон дар чунин ақидаанд, ки бозӣ фаъолиятест, ки аз раванди он кӯдак ҳаловат мебарад, аз амалҳои худ қаноатманд мегардад ва барои қувваи худро харҷ кардан кӯшиш менамояд. Инчунин, олимон бозӣ кардани кӯдакро чун рисолати фарҳангии кӯдак шарҳ медоданд. Ба ин ақида зарба зада, олими рус Л.С. Виготский таъкид намуд, ки бозӣ неруи бузурги иҷтимоӣ дорад ва маҳз ба воситаи он ба “фарҳанги таърихи иҷтимоӣ” ворид мегарданд. Ба андешаи А.Н. Веракса кӯдак дар бозии худ ҳаёти калонсолонро қолабсозӣ менамояд. Инсон дар бозӣ худро эҷод менамояд. Шояд

табибони беҳтарин дар айёми кӯдакии худ зиёдтар ба “Духтурбозӣ”, омӯзгорон ба “Мактаббозӣ”, ронандаҳо бо тоб додани чанбараки нақлиёт машғул шуда, ҳанӯз барвақт нерую лаёқатмандӣ, истеъдоди худро дар ин ё он самти фаъолият зуҳур карда бошанд” [30, с.49], [25, с.74].

Дар мобайни асри XX олимон ба чунин хулоса омаданд, ки бозӣ ба кӯдак рисолати қонеъ гардондани талаботҳо, ҳаловатбахшӣ ва азхудкунии фазои иҷтимоиро таъмин менамояд. Минбаъд доираи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба нақши бозӣ дар рушди сифатҳои шахсиятию иҷтимоии кӯдакон васеъ гардид ва он чун фаъолияти пешбаранда, яъне таъминкунандаи инкишофи психикию ҷисмонӣ (А.Н. Леонтев) ва ташкили ҳаёту фаъолияти кӯдак (А.П. Усова) эътироф гардид. Исбот карда шуд, ки аёми кӯдакӣ ва бозиро аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест ва онҳоро аз ҳамдигар дар алоҳидагӣ омӯхтану таҳқиқ намудан ҳам номумкин аст [91, с.35], [168, с.46].

Барои кӯдак бозӣ падидаи ҳайратоваре аст, ки дар он воқеияти ҳаётӣ ва тахайюлот бо ҳам омехта гардида, неру ва қобилияти фитрии ӯро рушд медиҳад. Дар зиндагӣ кӯдакеро, ки чӣ гуна бозӣ карданро намедонад, маъмулан ҳамчун кӯдаки руҳафтода, худпараст ва ба зиндагӣ номувофиқ дониста мешавад, қабул карда мешавад, яъне маҳорати иштирок кардан дар бозӣ далели иҷтимоӣ дониста мешавад. Дар ҷараёни дараҷаи инкишофи ҷамъиятии кӯдак ба сатҳи рушди иҷтимоӣ, муоширату муносибатҳои ӯ дар бозӣ баҳо дода мешавад.

Роҷеъ ба фаъолияти бозӣ кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, ҷабҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, инкишофдиҳандагии он аз тарафи равоншиноси олмонӣ В. Вунд, файласуфи рус Г.Б. Плеханов ва дигарон баҳои арзишманд дода шудааст. В. Вунд бозиро фарзанди меҳнат эътироф намудааст. Г.В. Плеханов бошад, дар маърузааш, ки бо номи “Мактуби бенишона” дар заминаи таҳлили маводҳои мардумшиносӣ, антропологӣ таъкид намудааст, ки бозӣ мисли фарҳанги мусиқӣ дар асоси фаъолияти

кӯдак ба вуҷуд омадааст. Бозикунӣ ба фарзанди инсон имконият медиҳад ҳиссиёту ҳаяҷонҳои гуногунро аз сар гузаронад, сифатҳои чусту чолокӣ, пурқувватӣ, маҳорату қобилияти ноил гардидан ба мақсади дарпешгузошташуда ва ғайраҳоро шакл диҳад [34, с.451, [134, с.87].

Дар пешрафти назарияи бозӣ таҳқиқоти бунёдии Д.Б. Элконин "Психологияи бозӣ" нақши муҳим бозид. Дар кулли таҳқиқотҳои минбаъдаи олимони ватанӣ (Н.Н. Турсунов, Ш.А. Сафаров, Б. Маҷидова, Б. Асозода, Г.А. Қурбонова ва дигарон): ва рус (Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, Л.И. Божович, А.П. Усова, Т.П. Авдулова ва дигарон масъалаҳои нақши бозӣ дар рушди психикии кӯдакон, таълиму тарбия ва ташаккулдиҳии шахсияти онҳо мусоидат намуданро баррасӣ намудаанд [196, с.78], [167, с.42], [150, с.112], [106, с.153], [13, с.110], [82, с.12], [30, с.55], [92, с.306], [18, с.58], [168, с.96], [5, с.187].

Нақши тарбиявии бозиро асосгузори амалияи тарбияи томактабӣ дар Олмон Ф. Фребел (1838) ба ҳисоб гирифта, ӯ фаъолияти кӯдаконро дар бозиҳои таълими ба назар гирифта, таҳия намуда, онҳоро ҳамчун шакли фаъолияти таълимӣ барои кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ҷорӣ кардааст. Ф. Фребел чунин мешуморид, ки "ҷараёни бозӣ дарёфт намудану зоҳиршавии сифатҳои худододаи инсон аз давраи кӯдакӣ ағоз меёбад. Кӯдак тавассути бозӣ асрори гузаштагони ҷаҳон ва миллату маҳалли худро дониста мегирад" [174, с.217].

Педагоги рус К.Д. Ушинский дараҷаи муайяни рушди шунидани мусиқӣ аз рӯзи таваллуд эҳсосоти кӯдак бедор шуданро изҳор намудааст (ин гуна шунавоӣ одатан ҳамчун амонати худодод барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ ҳисобида мешавад). Агар шумо бо ёрии машқҳои махсус ба кӯдакон омӯхтани садоҳоро омӯзонед, яъне тозагии онҳоро бо ёрии кори бошуурона назоратшавандаи риштаҳои овоз баланд бардоред, дар натиҷа ҳассосияти садо баланд мешавад ва кӯдакон қодиранд овозҳои баланди гуногунро нисбат ба худашон хеле беҳтар фарқ кунанд" [170, с.251].

Дар таҳқиқу баррасии бозиҳои кӯдакон, таъсири онҳо дар инкишофи хурдсолон нақши Л.С. Виготский ва пайравони ӯ, ки мактаби илмии бузургро ташкил менамоянд, хеле назаррас аст. Махсусан, баъди солҳои 40 ва 90-уми асри гузашта қисми зиёди таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаи бозиҳои кӯдакон аз тарафи А.Н. Леонтев (1944) ва дигарон пешниҳод шудааст [30, с.59], [92, с.55].

Муҳаққиқон кӯшиш намудаанд ба масъалаи дар раванди бозӣ, ки дар он барои кӯдакон амал кардан дар вазъияти тасаввуркардашуда муҳим аст, диққати махсус диҳанд. Яъне, бозиҳо бо он асос меёбанд, ки кӯдакон бояд вобаста ба вазъияти тасаввуршуда амал намоянд, ҳолату вазъиятҳои гуногунро бо чусту чолокӣ ва ба таври эҷодӣ тасвир намояд, мувофиқи мақсаду вазифаҳо мушкилотҳоро ҳал созанд. Калонсол бояд ба рафти бозӣ диққати махсус дода, роҳу усулҳои таъсиррасонии педагогӣ ва иҷрои вазифаҳои тарбиявиро ба роҳ монанд.

Бозиҳои халқӣ ҳамчун арзиши фарҳангии халқи тоҷик аз тарафи санъатшинос, профессор Н.Х. Нурҷонов воситаи муҳимми тарбияи сифатҳои иродавӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии кӯдакону наврасон дар таҳқиқотҳои олимон Б. Раҳимов, А. Нуров ва дигарон ҳамчун мероси этнопедагогии халқи тоҷик мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст [124, с.11], [143, с.117].

Профессор Б. Маҷидова хусусиятҳои бозиҳои кӯдаконро таҳлилу баррасӣ намуда, фаъолияти мустақилонаю эҷодии онҳоро махсус таъкид намудааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки кӯдаки саркарда-лидер кӯдакест, ки ӯ соҳиби фаъолиятнокии махсус, ташаббускорӣ буда, қобилияти тағйир додани муҳити мавҷуда, ташкил намудан ва идора кардани фаъолияти ҳамсолон, аз паси худ бурдани онҳоро дорад. Чунин мақому манзалат метавонад самти ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад” [107, с.89-90].

Муҳаққиқ И.Е. Емелянова таъкид менамояд, ки ба неруи лидерии кӯдаки синни томактабӣ мавҷудияти чунин маҳорату қобилиятҳо таъсир мерасонад:

1. Малакаҳои нутқӣ ва муошират вобаста ба таъсис ва идомаи муошират, риояи қоидаҳо ва меъёрҳои одоби муошират, суханронӣ, таҳлил ва баҳодиҳии афкор ва андешаҳои ҳамсолон баррасӣ мегардад.

2. Тафаккури эҷодӣ, ки он ба рушди хаёл ва тахайюлот алоқаманд буда, барои эҷоди ғоя, андешаҳои наву гуногуну шавқовар хизмат мекунад. Асоси тафаккури эҷодии кӯдаконро шавқу завқи донистагирӣ-таҳқиқотӣ, самтгирӣ намудани амалҳои якҷоя, ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷавоб ба саволҳои нав ва ҳалли масъалаҳои ҷиддӣ ташкил менамояд. Ӯ ташаббускор дар ташкилу роҳбарӣ бо бозиҳо, машғулиятҳо, муошırату муносибатҳои нав мегардад.

3. Рафтори мутобиқшавӣ доштан, яъне қобилияти амал кардан дар шароити муайян, идора кардани рафтори шахсӣ, ҳаллу бартараф намудани низоъҳо, худбаҳодиҳии арзишманд, мустақилона қабул кардани қарорҳои дуруст, дурӣ ҷустан аз муқобилияту таҳдидҳо ва ғайраҳо.

4. Самаранокӣ, боғайратӣ ва ташабускории кӯдакони таҳсилоти томактабӣ аз шуурнокии баланд ва мустақилияти онҳо зоҳир мегардад. Чун қоида, ташаббус ва вазифаҳои мусбати роҳбаронро ҳамсолон ва калонсолон дастгирӣ мекунанд.

5. Мустақилият, ки ӯро муҳтоҷ ба дигарон намегардонад. Аз мурочиати атрофиён барои мададу дастгирии атрофиёни кӯдак рӯй нагардонда, балки аз амали мусбату арзишманди хеш ифтихор менамояд, хоҳиши бо дигарон ҳамкорӣ намуданро зоҳир карда, таҷрибаи иҷтимоии худро бо ҳам мебинад.

6. Худбаҳодиҳии арзишманди мусбӣ ҳамчун ҷузъи таркибии худшиносӣ, ифодагари қобилиятҳои шахсӣ, сифат ва амалҳои ахлоқӣ, ки омили муҳимми идоракунии рафтор мебошад, шакл мегирад.

7. Маҳорати фаҳмидани ҳолати эҳсосотии шахси дигар ё худ ҳамдардию меҳрубонӣ (эмпатия) - аксуламали ҷавобӣ ба мушкилоти шахси дигар, фаҳмидан, ба онҳо имконият диҳад, ки бо ҳисси

хушмуомилагӣ, дилсӯзӣ, мушфиқӣ ба ҳамаи ҳамсолону калонсолон эҳтиром гузоранд.

Бояд ҳамаи маҳорату қобилият ва сифатҳои шахсиятии мусбати лидерӣ дар бозӣ зиёдтар зоҳир гардида, онҳо доимо тағйиру такмил меёбанд [53, с.193].

Дар таҳқиқоти худ Б.Ҷ. Асозода истифодаи бозиҳои халқиро ҳамчун анъана ва воситаи иҷтимоишавии кӯдакон дар муҳити хонавода баррасӣ карда, ба самти арзишмандии онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд [13, с.88].

Масъалаи тасвири бозиҳои серҳаракати миллӣ дар таҳқиқоти Г.А. Қурбонова ифшо карда шудааст. Муҳаққиқ мақоми махсус доштани жанрҳои хурди фолклорӣ: бозикунӣ-қуръапартоӣ, шумуракҳо, шеъру таронаҳо, қофиябозӣ ва ғайраҳоро дар ташкилу раванди бозикунии кӯдакон таҳқиқ намуда, исбот кардааст, ки онҳо доимо зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ зарурияти бо таври эҷодӣ истифодабарии бозиҳои серҳаракати миллиро талаб менамоянд [87, с.25].

Дар таҳқиқотҳои Ф. Фребел, Ш.А. Сафаров, А.Х. Нурҷонов, Н.Н. Турсунов, Б. Маҷидова, Г.А. Қурбонова ва дигарон ин масъаларо коркард ва пешниҳод намудаанд. Мо дар таҳқиқоти худ бозиҳои аз тарафи профессор Б. Маҷидова пешниҳодшударо мавриди интихоб, истифодабарӣ ва баррасӣ қарор додем, ки онҳо чунинанд [174, с.77], [150, с.13-134], [124, с.10-11], [167, с.69], [108, с.32], [82, с.13].

1) **<u>Бозиҳои эҷодӣ:</u>**

Бозиҳои пурмазмуни лоиҳавӣ (сюжетӣ, нақшбозӣ);

Бозиҳои сохтмонӣ;

Бозиҳои театрӣ.

2) **Бозиҳои қоиданок:**

Бозиҳои серҳаракатӣ;

Бозиҳои таълимӣ.

Ин гурӯҳи бозиҳо на танҳо дар фаъолияти фароғатӣ-истироҳатии кӯдакон бо иштироки волидону кормандон баргузор мегарданд, инчунин онҳо фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ буда, дастовардҳои мусиқӣ-бадеӣ, эҷодӣ-мусиқӣ, рақсию суханварии кӯдаконро нишон медиҳанд. Сатҳу сифати фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ дар сурудхонии яккаю гурӯҳӣ, рақсҳои якка ва гурӯҳӣ, шеърхонӣ, маҳорату қобилияти нақшофарӣ ва дигар фаъолиятҳои эҷодкорию навоварии ҳар як кӯдак мавриди таваҷҷуҳ ва баҳодиҳии хурду бузург мегардад. Маҳз дар ташкилу баргузории бозиҳо чеҳраҳои қобилиятноку лаёқатманд рӯйи об баромада, мавриди дастгирӣ ва рушддиҳии волидону мутахассисон мегарданд.

Эҷодиёти кӯдакон як намуди фаъолияти мустақил аст, ки дар давоми он кӯдак чизи нав эҷод мекунад. Қобилияти эҷодии ҳар як кӯдак вобаста ба хусусиятҳои фардӣ ва сатҳи инкишофи маҳорати мусиқии онҳо метавонад ба таври худ зоҳир шавад. Баъзе кӯдакон метавонанд истеъдоди мусиқӣ дошта бошанд, дигарон метавонанд иҷрогарони боистеъдод ё навозандагони эҷодкор бошанд. Хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдаконро ба назар гирифта, ба инкишофи қобилияти эҷодии онҳо дар синни томактабӣ диққати махсус додан зарур аст.

Таҳқиқот имкониятҳои кӯдаконро дар иҷрои вазифаҳои эҷодӣ дар доираи фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозӣ баррасӣ мекунад. Муайян карда шудааст, ки барои инкишофи неруи мусиқию эҷодии кӯдакон таассуротро аз дарки санъати мусиқию бадеӣ, ки манбаи камолоти касбӣ ва меъёри инкишоф аст, фаъолона дарк кардан ва ҷамъ кардан лозим аст. Дар ҷараёни дарки расмкашӣ, асари адабӣ ё мусиқӣ кӯдак воситаҳои бадеӣ ва шифоҳиро меомӯзад, ки муаллиф бо онҳо нияти эҳсосотии худро баён мекунад. Ба ин муносибат барои ғанӣ гардондани таҷрибаи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ аз асарҳои бадеӣ истифода бурдан лозим аст. Аз ҷумла, аз хурдӣ кӯдакон бояд мусиқии классикӣ гӯш кунанд, бештар дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок варзанд,

адабиётҳои бадеӣ зиёдтар хонанд ва оинаи нилгунро тамошо бинамоянд [115, с.56].

Дар асоси таҳқиқоти олимон ва таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ ҳангоми таҳқиқоти худ мо ду моделро таҳия намудем, ки яке аз онҳо рушди қобилиятҳои мусиқию эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ва дигарӣ истифодаи фаъолиятҳои бозӣ ба қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдаконанд. Ин моделҳо санҷишҳоро дар унсурҳои қаблан таҳияшуда талаб мекунанд. Яке аз ҷанбаҳои асосии ташаккули шахсияти мусиқии эҷодкор - ин азхудкунии кӯдак тавассути фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаест, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки таассуроти худро аз асарҳои мусиқӣ ба воситаи тасвирҳои биноӣ озодона баён созад.

Пас аз таҳлили таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ кӯшиш намудем, ки ду модели консептуалиро кор карда бароем. Модели аввал мо барои ташаккул додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодиёти онҳо, дигаре намунаи истифода бурдани фаъолияти бозӣ, ки ин низ барои инкишофи маҳорат ва малакаи мусиқӣ дар эҷодиёти кӯдакони таҳсилоти томактабӣ. Барои бомуваффақият татбиқ кардани ин моделҳо, санҷишро дар асоси меъёрҳои пешакӣ муқарраршуда гузаронидан лозим аст.

Илова бар ин, як ҷанбаи муҳимми рушди фаъолияти мусиқӣ ва эҷодӣ азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурии кӯдак дар раванди фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ мебошад. Ин донишу малака ба ӯ имкон медиҳад, ки таассуроти аз мусиқӣ ва тасвирҳои дарккардаашро озодона баён кунад.

Мо баъди таҳқиқот амсила барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ омода намуда, онро дар таҳқиқоти худ ҷой додем.

**Амсилаи 1**

**Инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ**






Амсилаи якум “Инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ” номгузорӣ гардида, дар машғулиятҳои мусиқии МТТ ҳамчун фаъолияти кӯдакон истифода бурда шуд. истифодаи мусиқӣ моҳияти барномаи таълимӣ, бозиҳои таълимӣ ва тарбиявиро ташкил менамояд. Қисми таркибии ин намуди фаъолият бозиҳои мусиқии таълимӣ мебошанд, ки дар аввали машғулият ва анҷоми машғулият мувофиқи мақсаду вазифаҳои тарбия истифода мешаванд. Ғайр аз ин, инкишофи қобилияти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ на танҳо дар раванди таълим, балки тавассути чорабиниҳои гуногун, аз қабили озмунҳо, бозиҳо, барномаҳои рақсӣ ва дигар шаклҳои фаъолият сурат мегирад.

**Амсилаи 2**

**Сохтори таркибии бозиҳо дар инкишофи мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ**

**Бозиҳои эҷодӣ**



Амсилаи мазкур гувоҳи он аст, ки бозӣ на танҳо як шакли ташкилу роҳбарӣ ба ҳаёту фаъолияти кӯдакон аст. Он инчунин, воситаи муҳимми таълим, тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ, бадеӣ-эстетикии кӯдакон дар давраи томактабӣ мебошад. Маҳз бозӣ фаъолиятест, ки кӯдак имконияти эҷодкории худро амалӣ гардонда метавонад. Арзишмандии бозӣ боз дар он аст, ки бозиҳои дидактикӣ, бозиҳои тақлидии ҳаракатӣ (бо истифодаи матнҳои адабӣ) дар ҳамаи машғулиятҳо истифода мегарданд. Бозиҳои театркарда бошанд, натиҷаи фаъолияти мураббия аз машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ ва санъати театрӣ мебошанд ва онҳо метавонанд дар ҷашнвораю идҳо низ ба барномаи чорабинӣ ворид карда шавад.

Дар таҳқиқот ба бозиҳои эҷодӣ, яъне нақшофарӣ диққати махсус дода шуд. Кӯдакон метавонанд ба рафти бозиҳо тағйироту дигаргуниҳо ворид намуда, онҳоро номгузорӣ намоянд. Ба бозиҳо ашёву воқеаҳои арзишманди ҳаётиро ворид созанд, аз имою ишора ва ҳаракату амалҳои мувофиқ истифода баранд, санъату маҳорати суханвариро истифода намоянд, сухану иборaҳои ҳамрадифро интихоб намуда, симою амал ва рафтору одоби инсониро инъикос намуда, ба олам муносибати шахсию эҷодии хешро барқарор созанд.

Айёми кӯдакиро бе бозиҳои мазмундори нақшофарӣ тасаввур кардан мумкин нест. Хусусияти эҷодӣ доштани ин бозиҳо чунинанд:

- онҳо маҳсули фикрронӣ, ақлу фаросат, ҷаҳонбинию муҳокимаронӣ ва таҷрибаи иҷтимоии кӯдак мебошанд;

- дар давоми бозӣ кӯдакон фикру ақидаҳои худро, ҳам воқеӣ ва ҳам афсонавӣ таҷассум мекунанд;

-бозӣ ба рушди тасаввурот мусоидат мекунад, шавқу рағбатро бедор мекунад ва равандҳои тафаккури кӯдакони синни томактабиро фаъол мегардонад, инчунин маҳорат ва эҷодкориро инкишоф медиҳад [123, с.19].

Таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, таҷрибаи кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ нишон медиҳад, ки бозиҳои саҳнавикардашударо ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Бозӣ-саҳначаҳо, ки мувофиқи матни адабӣ, сенарияи тайёркарда ва мусиқии интихоб намудани мураббия дар ҳамкорӣ бо роҳбари мусиқӣ кӯдакон нақшҳоро иҷро менамоянд; дар иду чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ин бозиҳоро пешкаши тамошобинон мегардад, нақши муайянро бозӣ намуда, маҳорати нақшофариро ҳамчун намуна намоиш медиҳанд. Масалан, дар ҷашни Наврӯз-Бобои деҳқон, дар иди солинавӣ-Бобои барфӣ, Барфакдухтар ва ғайраҳо.

2. Бозиҳои саҳнавии рӯимизӣ, ки онҳо бо истифодаи расм-тасвирҳои қаҳрамонони асарҳои бадеӣ мавриди намоишдиҳии мураббия, минбаъд худи кӯдакон қарор мегирад;

3. Театри бозичаҳо, ташкил ва дар намоиш нишон додани лӯхтакбозӣ, бозӣ бо панҷаҳо онро театри бибабо низ меноманд; бозиҳои ангуштӣ, театри соягӣ, ки мазмуни худро аз асарҳои бадеӣ, ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон мегиранд [88, с.37].

Ташкилу баргузории бозиҳои саҳнавикардашудаи номбаргардида ягона ва ҳатмӣ набуда, набояд фаромӯш кард, ки технологияи муосири иттилоотӣ-муоширатӣ ба ҳаёту фаъолияти кӯдакону кормандони МТТ ворид гардида, қисми зиёди вақти онҳоро ба худ мегирад. Кӯдакони синни томактабӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса доранд, зеро онҳо дар айни замон барои дарки воситаҳои гуногуни техникӣ, аз қабили рангҳо, тарҳрезӣ, тағйироти динамикии ҷойгиршавӣ, мавзуъҳои гуногун ва ғайра дастрасро қобили қабул меҳисобанд. Имрӯз таъмини МТТ оид ба таъмини технологияи иттилоотӣ - иртиботӣ ва истифодабарии онҳо дар кори таълиму тарбиявӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст.

Дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои мусиқӣ азхуд кардани инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ бештар бозиҳои ангуштон, нақшофарӣ, бозӣ-зери ҳамсарой,

ки ба ин бозӣ якҷоя бозингарон суруд месароянд ва дар рақс иштирок меварзанд, сурудҳо ба воситаи бозӣ ва таронаҳои навозишӣ фолклорӣ, бозикунӣ ва дигар жанрҳои хурди фолклорӣ мумкин нест. Қисме аз онҳо аз тарафи муҳаққиқон, ба монанди Р. Амонов, Д. Обидзода, Б. Шермуҳаммедов ва соҳаи педагогика М. Нарзуллоева, Б. Маҷидова, Г.А. Қурбонова мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд [11, с.74], [190, с.28], [121, с.17], [108, с.274].

Аз тарафи олимон А.Г. Куприна, С.М. Занковская исбот шудааст, ки ҳангоми бозиҳои ангуштӣ бо ҳаракату молиш додани кафи дастон бо панҷаҳо дастрасонӣ ба узвҳои бадани кӯдак (шикам, манаҳ, рӯй, гӯш, китф) кори ретсепторҳо фаъол мегарданд, ба ҳаракат овардани панҷаҳо, оромона молиш додани дасту кифтҳо дар кӯдакон ҳолати гуворо, ҳаловатбахш оромию осудагии руҳию равониро ба вуҷуд меоранд. Иҷрои ҳаракату амалҳо бо ангуштони даст барои саломатии кӯдакон манфиатбахш ва воситаи рушди қобилият ва имкониятҳои ақлию зеҳнӣ мегардад. Шояд аҷдодони мо арзиши чунин бозиҳои ангуштӣ ё худ панҷагиро дар таҷрибаи ҳаёти худ дарк намуда ва истифода бурда теъдоди муайяни онҳоро эҷод ва ба насли имрӯз мерос гузоштаанд [81, с.28], [56, с.259].

Бедор кардани шавқу рағбати кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, истифодаи бозиҳои ангуштӣ аз тарафи Б. Маҷидова мавриди омӯзиш ва баррасӣ гардидааст. "Дар бозиҳои ангуштӣ фарҳанги маънавию тарбиятии ҳар як халқ, аз ҷумла, тоҷикон ифода гардида, истифодабарии матни адабӣ (мувофиқи анъана ба лаҳҷаю усулҳои мутааллиқ ба мардуми маҳалли зист) он як саҳначаи хурди театриро ба хотир меорад. Матни истифодашаванда бо оҳангу лаҳни хоси бозиҳои ангуштӣ сарчашмаи бедор намудани шавқу рағбати кӯдак ба шунидану такрор намудани матну оҳанг мегардад, ки маҳз шавқу ҳавас, майлу хоҳиш, завқу рағбат ба шаклгирии қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ мусоидат менамоянд" [104, с.34].

Ба андешаи мо, яке аз онҳо бозӣ зери ҳамсарой мебошанд, ки дар онҳо кӯдакон ҳама якҷоя суруд мехонанд ва бо навбат ин ё он нақшро иҷро мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар байни кӯдакон зиёдтар мо бозӣ зери ҳамсароиро бо номи “Харгӯшакҷон-харгӯшак”, ки ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ хос аст дучор мешавем, ки дар онҳо духтарон ва писарони синну солашон гуногун фаъолона иштирок намуда, заковат, маҳорати мусиқӣ ва эҷодиёти худро нишон медиҳанд.

Имрӯз зарурияти ҷустуҷӯ, дарёфт, таҳлили бозиҳо зери ҳамсарой ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имкон медиҳад, ки сарватҳои фарҳангии миллиамонро баҳри ғанӣ гардонидани доираи маънавию ахлоқии ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, инчунин рушди қобилиятҳои эҷодӣ истифода барем.

Дар таҳқиқоти фолклоршиноси тоҷик Б. Шермуҳаммедов ҳангоми таҳлилу баррасии фолклори бозикунӣ онҳо вобаста ба бозиҳо, ки мутааллиқ ба фаслҳои сол дар муҳити деҳот ташкилу баргузор мегарданд, гурӯҳбандӣ гардидаанд. Мушоҳидаи бозиҳои кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имконият медиҳад, ки дар ҳаёти кӯдакони муосир низ дар шароити деҳот бозиҳои халқӣ мутааллиқ бо фаслҳои сол (сангчабозӣ, чиликбозӣ, рустшавакон ва ғайраҳо) мавқеи хосса доранд, ки дар ташкилу роҳбарии онҳо аз фолклори бозикунӣ истифода мегарданд [191, с.17].

Имкониятҳои таъсиррасонӣ бо истифодаи суруду таронаҳои бачагонаи халқӣ ба бозиҳои кӯдакон ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодкории онҳо аз инҳо бармеояд:

1. Матни ин суруду таронаҳо фаҳмою дастрас ва ҳаҷми онҳо хурд буда, дорои савту оҳанги махсус мебошанд, ки барои бахотиргирӣ ва дархотирнигаҳдорӣ, ба тағйир додани оҳангу овозҳо эҷод кардани матни суруди нав барои кӯдакон хеле қулай аст. Онҳо барои кӯдаконе, ки

шавқу ҳаваси эҷодкорӣ доранд, замина барои хотираи мусиқӣ ва эҷодкории мусиқӣ шуда метавонанд. Ин маводро онҳо метавонанд барои қофиябозӣ, нақарот ҳангоми сурудхонӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд.

2. Такрор омадани калимаю ибораҳои ҳамқофия, барои дар хотир нигоҳ доштану сароидани онҳо ба кӯдак хеле қулай ва ҳаловатбахш аст. Ба монанди:

Шопариё, шопарӣ !
Моро куҷо мебарӣ? (7 ҳиҷо)
Шаҳри калон мебарам,
Кафши калон мехарам. (7 ҳиҷо)

Чунин хусусиятҳо аз он бармеояд, ки кӯдакон ҳама вақт дар заминаи такрор кардан меомӯзанд, эҷод менамоянд, инкишоф меёбанд. Кӯдакон метавонанд вобаста ба ҳар як ҳиҷо, ки дар асбоби мусиқӣ як зарб иҷро мегардад, қарсак зананд, ҳаракатҳои мавзуни рақсиро ба таври фардӣ ва эҷодкорӣ иҷро намоянд.

3. Сурудҳои бачагонаи халқиро кӯдак метавонад мувофиқ ба сатҳи инкишофи забондонӣ, нутқ, оҳангнокӣ ва имкониятҳои шунавоии худ хонад. Ин хусусиятро бо он ҳам вобаста намудан мумкин аст, ки ҳангоми хушҳолию хурсандӣ муваффақ шудан ба хоҳишу дархости худ нутқи одиро низ бо оҳангу савт ва лаҳни махсус ҳамчун суруд ба атрофиён пешниҳод мекунад. Масалан: “Бубинед, ман чиҳо дорам!” ва ғайра.

Калонсолон на ҳама вақт чунин амали кӯдакро дастгирӣ менамоянд. Вале хеле хуш аст, ки кӯдак хушҳолию эҷодкории худро бо оҳангу суруди ба худ хос ифроз менамояд.

Дар шеъру сурудҳои бачагона оҳангнокӣ (интонироварися), зиёд истифода бурдани овоз, ҳиҷо ва садоҳои тақлидӣ, овозҳо дида мешавад, ки онҳо ба инкишофи маҳорату малакаҳои сурудхонӣ, эҷодкории мусиқӣ мусоидат менамоянд.

Тақлид ба овози ҳайвоноту парандаҳо, садои ашёҳои атроф, асбобҳои мусиқӣ, оҳангҳои халқию эҷоди оҳангсозон ба ҳамаи давраҳои

синнусолии инкишоф хос буда, омӯзгорон дар тарбия, таълим ва инкишофдиҳии маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодкории кӯдакон метавонанд аз он истифода баранд. Маҳз рушди хаёл ҳамчун фаъолияти тафаккур ба кӯдак имконият медиҳад ба таҷрибаи эҳсосотии худ (хурсандӣ, хушҳолӣ, дӯстдорӣ, дилбастагӣ, ҳаловатбахшӣ ва ғайраҳо) такя намояд. Матни қофиябозӣ, шумуракҳо, шеъру таронаҳо, ки кӯдакон дар бозиҳо истифода мебаранд, имконият медиҳад онҳо худро бунёдгар ва эҷодкори фаъолияти бозикунӣ тасаввур намоянд.

Кӯдакон ҳамеша бо бозиҳои гуногун (бозиҳои серҳаракат, нақшофарӣ, сохтмонӣ ва ғайра) машғуланд. Равоншиносон бозиро яке аз фаъолияти пешбарандаи инкишофи равонии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти эҷодӣ мешуморанд. Зеро кӯдакон дар ин синну сол вақти зиёдро ба бозиҳои шавқовар сарф менамоянд ва ба фаъолияти меҳнатӣ кам машғул мешаванд. Кӯдакони таҳсилоти томактабӣ чунин ақида доранд, ки бозии онҳо бешуурона буда, онҳоро ба ҳаёт тайёр карда наметавонад, аммо ин хатои маҳз аст. Баръакс, бозӣ амалиёти инстиктивӣ ва механизми биологӣ буда, дар рафти бозӣ онҳо меҳнат карданро меомӯзанд. Дар рафти бозӣ кӯдакон қобилияти мусиқию эҷодии худро дар зинаи таҳсилоти томактабӣ инкишоф дода, ҳаётро дарк карда, тарзи зиндагии калонсолонро омӯхта, донишу маҳорату малакаи худро ташаккул медиҳанд. Ҳангоми бозӣ дар психикаи кӯдак тағйиротҳо ба вуҷуд меояд ва талаботи кӯдак қонеъ гашта, барои мутобиқ шудан ба мактабу ҷомеа омода мешавад.

Намудҳои фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дар кӯдакистон гуногунанд, аз ҷумла фаъолияти мусиқавӣ барои онҳо диққатҷалбкунанда буда, дар вақтҳои фориғ аз машғулиятҳо мушоҳида менамоянд, ки баъзан бозикунон худ ба худ суруд сароида истодаанд ва ё ба садои ягон сози мусиқӣ тақлидкунон бозӣ ё рақс менамоянд. Маълум мегардад, ки хушҳолии худро ба кори калонсолон тақлид менамоянд.

Аз гуфтаҳои боло чунин савол ба миён меояд: «Барои чӣ ҳангоми машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ мо ба бозиҳои дидактикӣ ва умуман, ба бозиҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоем? Барои он ки бозиҳо самтҳои фаъолияти кӯдаконро васеъ мекунанд, шавқу ҳавасро ба машғулияти мусиқӣ меафзояд, хотираи мусиқӣ, диққат ва тарбияи ахлоқиро инкишоф медиҳад, қобилияти мусиқию эҷодии худро такон медиҳад ва ин боиси барҳам задани шармгинӣ мегардад. Бо ин роҳу восита тарбияи зебоипарастии кӯдакон низ сайқал дода мешавад.

Дар ҷараёни бозӣ хусусиятҳои фардии ҳар як иҷрокунанда мавҷудияти ирода, ҳиссиёт бодиққат будан аён мегардад, қобилияти мусиқӣ инкишоф ва такмил меёбад. Дар бозӣ кӯдакони тарбияи томактабӣ барои худ ҷаҳони мусиқиро мекушоянд. Дар ин ҳолат, онҳо шуури нафосати садодиҳии мусиқиро фарқ карда метавонанд. Дар онҳо сифати сурудан ва ҳаракати мусиқию зарбӣ беҳтар мегардад. Барои кӯдакони таълимии томактабӣ бозӣ имкон медиҳад, ки ҳиссиёт, олами ботинии худро зоҳир намоянд. Ин яке аз воситаҳои беҳтарини инкишофи фардӣ, тафаккур, қобилияти эҷодӣ ва муносибатҳои бошуурона байни кӯдакон мебошад. Бинобар ин, дар кори худ мо ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоем.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо созҳои мусиқӣ бонавбат ҳар як бозичаро ворид намуда, вазъияти бозиро ба вуҷуд меоварем. Мисол, роҳбари мусиқӣ бо ҳамкорӣ бо мураббӣ ба кӯдакон рӯ оварда мегӯяд, ки ба кӯдакистони мо сагча туҳфа овардаанд, ки ин туҳфаро мо шақ-шақа мегӯем. Дар ин ҳолат, кӯдакон онро бошавқ тамошо мекунанд, ламс менамоянд ва чӣ тавр ба он муносибат карданро аз мураббӣ ва ё роҳбари мусиқӣ меомӯзанд.

Сагча ба кӯдакон бозӣ ташкил мекунад. Ба воситаи шақ-шақа садоҳои пасту баланд навохта мешаванд, худи ин амалиётро сагча ташкил менамояд. Кӯдакон ҳангоми садои паст шақ-шақаро дар пеши худ дошта меомӯзанд, ҳангоми садои баланд, онро ба боло бардошта

сахт меафшонанд. Ин бозӣ ба кӯдакон хурсандӣ оварда, онҳо садои пасту баландро фарқ карда метавонанд.

Дар машғулияти оянда кӯдакон бо хирсча вомехӯранд. Вай таблак оварда, мехоҳад бо кӯдакон бирақсад. Роҳбари мусиқӣ таблак менавозад, аммо хирсак хеле оҳиста мерақсад. Яке аз кӯдакони фаъол барои бо хирс рақсидан ба саҳна даъват мешавад ва бозӣ то анҷом ҳамин тавр идома ёбад.

Дар машғулияти оянда ҳамаи кӯдакон ба нақши хирсак даромада, монанди он оҳиста мерақсанд. Сипас, хирсча аз кӯдакон хоҳиш менамояд, ки таблакро навозанд, албатта кӯдакон ҳама зарби муайянеро метавонанд иҷро кунанд.

Дар бозии дигар, Шукрона ном духтар мунтазам ба назди кӯдакон омада, ба бозии онҳо ҳамроҳ мешавад. Кӯдакон бо Шукрона бозӣ карданро дӯст медоранд. Ҳангоми қадам задани Шукрона таблак оҳиста, вале вақте ки ӯ тез ҳаракат мекунад, таблак тезтар садо медиҳад. Вазифаи роҳбари мусиқӣ ва ё мураббӣ инкишоф додани зеҳн ва ҳушёрии кӯдак бояд бошад. Кӯдакон инро бояд тез пай баранд. Ба ҳамин тариқ, кӯдакон ҳис кардани зарб ва фарқ кардани ивазшавии онро меомӯзанд.

Барои инкишофи ҳисси шунавоии кӯдакон бозиҳои мусиқӣ-дидактикии оркестри «Ман чӣ менавозам?» гузаронидан самараи хуб медиҳад. Кӯдакон тавассути ин бозӣ бо дойра, таблак, зангӯла, шақ-шақа шинос мешаванд. Дар аввал ду зарби бо ҳам монадни ҳар яке аз ин асбобҳо навохта мешавад ва то чор зарб зиёд мешавад. Аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки созеро, ки навохта шуд (номбар накунанд) дар аввал на ҳамаи кӯдакон сози навохташударо нишон дода метавонанд, вале баъд аз чанд машғулият микдори онҳое, ки нишон додаанд, метавонанд зиёд гарданд.

Барои инкишофи зарб мо чунин машқҳоро тавсия медиҳем: ба ҳамаи кӯдакон ду кубик медиҳем ва пешниҳод менамоем, ки дар курсиҳо монанди «қатора» ҷой гирифта нишинанд. Қатора ба ҳаракат медарояд, кӯдакон ба кубикҳо зарбҳои оҳиста-оҳиста мезананд. Суръати қатора

баланд мешавад, ки кӯдакон ҳам тавассути зарб суръати садоро ба кубикҳо тез намуда, баландтар мезананд. Қатора меистад ва ҳамроҳи истодани он зарби кӯдакон ҳам қатъ мегардад. Кӯдакон ҳамеша машқҳоеро, ки ба инкишофи ҳисси зарб равона шудааст, бошавқу завқ иҷро мекунанд.

Ин ҷо ба назди кӯдакон духтараке ба меҳмонӣ меояд ва бо худ шақ-шақае кубик меорад. Вай мехоҳад бирақсад, аммо мусиқӣ нест. Роҳбари мусиқӣ дар якҷоягӣ бо мураббӣ аз кӯдакон хоҳиш менамояд, ки барои духтарак оҳангеро навозанд ва духтарак бирақсад. Кӯдакон бо шавқ таҳти навои рақсӣ ба шақ-шақаю кубик оҳангеро иҷро мекунанд. Бо ин роҳ, роҳбари мусиқӣ ё мураббӣ метавонанд барномаеро таҳия ва амалӣ созанд, ки ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон нигаронида шудааст.

Чӣ гуна вазъияти проблемавӣ дар кӯдакистон ҳангоми машғулияти мусиқӣ ташкил намудан мумкин аст? Вазъияти проблемавӣ ҳангоми машғулияти мусиқӣ дар кӯдакон эҷодкорӣ ва тахайюлотро ривоҷ медиҳад. Барои мисол, намунаи тахминии чунин вазъиятҳои мушкилотро пешниҳод намудан мумкин аст.

**Машғулияти якум**

Ба меҳмонии кӯдакон хирсак ва заргӯш меоянд. Барои онҳо туҳфа овардаанд. Онҳо дар созҳо менавозанд ва кӯдакон аз рӯи оҳанг номи ин созро муайян мекунанд. Ҳар касе, ки аз рӯи оҳанг номи созро ёфт, ба ӯ туҳфа дода мешавад.

Сипас, дар нақора (ва ё метавонем аз созҳои зарбӣ истифода барем) чӣ тавре ки хирсак оҳиста роҳ меравад, бо шақ-шақа, чӣ тавре ки заргӯшак меҷаҳад, менавозем.

**Машғулияти дуюм**

Ҳайвонҳо дар ҷангал созҳои нақораю шақ-шақаро гум кардаанд. Кӯдакон ба хотир меоранд, ки ин ҳайвонҳо хирсак ва заргӯшак мебошанд.

Аз онҳо талаб карда мешавад, ки ин созҳоро навозанд ва ин ҳайвонҳо зери оҳанги навохташуда бирақсанд.

**Машғулияти сеюм**

Кӯдакон ниқобҳои хирсаку заргӯшро мепӯшанд, барои худ яке аз созҳоро интихоб намуда, бо ҳамовозии фортепиано оҳангеро иҷро мекунанд.

Ҳангоми омӯхтани навозиши созҳои мусиқӣ дар кӯдакон инкишоф додани ҳисси зарб нақши муҳим дошта, барои дуруст сурудан низ имконияти фарохеро фароҳам меоваранд.

Истифодаи созҳои мусиқӣ дар ҷараёни машғулиятҳо, махсусан ҳангоми сурудани асарҳои барои кӯдакон шинос, қобилияти эҷодкории кӯдакро инкишоф дода, онҳоро барои татбиқ кардани донишу малакаҳо дар ҳаёти ҳамарӯза ҳидоят мекунад. Дар машғулияти мусиқӣ, инчунин вазифаҳои фардӣ низ супоридан аз манфиат холӣ нест. Масалан, ҳангоми иҷрои созҳои зарбӣ кӯдакон номи худро бо зарб (ҳар як ҳиҷо як зарб) нишон медиҳанд, ки он ба кӯдакон хеле шавқовар мебошад.

Мо тадриҷан кӯдаконро бо созҳои нави мусиқӣ шинос менамоем. Ин шиносоӣ метавонад аз рӯйи талаботи барномаи «Рангинкамон» (аз сода ба мураккаб) сурат гирад. Ин ҷо ба тариқи намуна шиносоӣ бо сози рубобро меорем.

Дар аввал оҳангеро бо ин соз мешунавем. Хотиррасон карда мешавад, ки ин соз бо мизроб навохта мешавад. Оҳанги навозиши рубоб бо дигар созҳо муқоиса ва фарқиятро муайян мекунад. Азбаски навохтани рубоб душвор аст, роҳбари мусиқӣ метавонад омӯзиши онро ба тариқи фардӣ ташкил намояд.

Омӯзиши созҳои мусиқӣ, ки аз шиносоии оддӣ сар шуда, то ба пайдо намудани малакаҳои одитарини навозиш (гумон меравад, ки аксарият ба ин кор майл доранд) оварда мерасонад, давом меёбад.

Кӯдакон дар баробари созҳои миллӣ бо созҳои дигар халқиятҳо, ки асбобҳои мусиқии имрӯза истифода мешаванд, шинос мегарданд. Ба

монанди дар гурӯҳҳое, ки ба мактаб омода мешаванд, бо асбоби мусиқии аккардион шинос кардан мумкин аст, зеро он бояд дар назди кӯдакон гузаронида шавад. Сипас онҳоро бо роҳбари мусиқӣ ва ё дар сабти овозӣ, ки навозандагони касбӣ иҷро кардаанд, мешунавонем. Аз созҳое, ки кӯдакон ба онҳо шинос мешаванд, навохтани аккардион нисбатан мушкилтар аст. Аз гурӯҳ 5-6 нафаре ёфт мешавад, ки хоҳиши навохтани аккардионро доранд. Омӯзонидани навозиш дар ин соз метавонад ба тариқи фардӣ сурат гирад, зеро аз ҳама муҳиммаш он аст, ки кӯдакон ба садои он, тарзи навозиш, ҳамоҳангии бо дигар созҳо, яъне дар ансамбл, фарқияти садои он аз дигар созҳоро донанд ва ё метавонанд доштани ангуштон дар ҳошияҳо, ба тарзи мазмуну ҳамвор ҳаво додан ва тарзи дурусти нишаст ҳангоми навозишро нишон диҳанд.

Барои инкишофи қобилияти шунавоии мусиқӣ бозиҳои таълимию мусиқие, ки зарбу навои созҳои гуногунро муайян мекунанд, гузаронидан муҳим аст. Тавассути он кӯдакон малакаю маҳоратҳои зарурие, ки барои сарфаҳм рафтан, донистан, фарқ кардан, дар ин ё он сози мусиқӣ иҷро карданро соҳиб мегарданд. Мусиқӣ сирру асрори худро дорад, ки бо он кӯдакон, пеш аз ҳама дар ҷараёни машғулиятҳои мусиқӣ, инчунин дар хушҳоливу ҷашнвораҳо шинос мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, мунтазам гузаронидани машғулиятҳои мусиқӣ ба мо имконият медиҳад, ки дар кӯдакон малакаҳои одитарини навохтан, дарку фаҳми шунавоиро ташаккул диҳем ва вобаста ба натиҷаҳои барои ташкил намудани ансамбл замина гузорем. Яъне, дар онҳо фаҳмиши бошуурона ташкил намудани ансамблро ба вуҷуд орем. Албатта, барои азхуд кардани мусиқӣ барои кӯдакони тарбияи томактабӣ истифодаи бозиҳо шавқовар ва ҷолиб буда, барои ба ҳадаф расидан кумак мерасонад. Ғайр аз ин, бозиҳои дигарро низ барои инкишоф додани тарбияи зебоипарастӣ ва ахлоқӣ истифода бурдан бамаврид аст.

**Ҷараёни бозӣ**. Ба ҳар як кӯдак яктогӣ варақа тақсим карда мешавад. Роҳбари мусиқӣ ва ё мураббӣ асарҳои барои кӯдакон шиносро иҷро мекунад (метавонад онро сабт намояд ва ифода барад). Муҳиммаш

он аст, ки ин асарҳо пеш аз ҳама, аз тарафи кӯдакон иҷро шуда бошанд ва характери маршӣ, алларо дарбар гиранд. Нафаре, ки асари мусиқиро мешиносад, бо тугма нисфи холии варақаро маҳкам мекунад. Ин бозиро дар рафти машғулият аз тарафи мураббӣ гузаронидан мумкин аст.

## 2.2. Заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ

Тамоми таҳқиқотҳои илмӣ собит кардаанд, ки инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ ва шахсияти доимо инкишофёбанда, комилҳуқуқ буда, таҳқиқ ва исбот шудааст, ки вобаста ба пешрафти фарҳангу таърих, иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷомеа муносибат ба кӯдакон низ тағйир ёфтааст, ки далели он:

1) мавҷудияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аст, ки дар онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак барои зиндагӣ, таълиму тадрис, рушди шахсиятӣ, манзалату мақоми иҷтимоӣ дар ҷомеа дар сатҳи ҷаҳонӣ ва давлату кишвари худ эътироф ва муҳофизат карда мешаванд, то ӯ камол ёбад, соҳиби мақом барои пешрафти кору фаъолият дар амалҳои созанда будан, сазовори зиндагии шоиста ва арзанда бошад;

2) дар заминаи таҷрибаи фарҳангӣ-таърихӣ ва таҳқиқотҳои илмии психологӣ, педагогӣ, назарияҳо, консепсияҳо, равияҳои илмиро коркард ва пешбарӣ карда шуданд, ки ҷавҳари асосии онро таъмин намудани шароиту имкониятҳо барои таълиму тарбия, инкишоф ва такмилёбии сифатҳои мусбати шахсиятии фардӣ, қобилияту истеъдоди кӯдакон равона гардидааст. Бесабаб нест, ки дар илми муосири педагогикаи томактабӣ назарияҳо, консепсияҳо, равияҳо коркард ва амалӣ шудаанд, ки онҳо барои муайян намудан, тарбия ва инкишоф додани сифатҳои фардӣ-шахсиятии кӯдакон мусоидат намудаанд. Ба монанди назария оид ба ҳам алоқамандии таълим ва тарбия дар инкишофи кӯдак (А.С. Мухина), таълими инкишофдиҳанда (С.М. Занковская, Д.Б. Элконин),

рушди фаъолияти маърифатӣ (С. Пифагор), инсонгароӣ (Ш. Бюлер, А. Маслоу), инкишофи шахсият дар раванди фаъолиятҳо (А.С.Виготский ва пайравони ӯ Д.Б. Элконин, А.Н. Леонтев), тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ (Н.Ф. Виноградова, Б. Маҷидова), тарбияи ҳуқуқии кӯдакон (Т.Н. Доронова, С.А. Козлова, Н.Ю. Гаи) ва ғайраҳо [117, с.232], [56, с.257], [196, с.218], [132, с.54], [20, с.67], [101, с.325], [30, с.41], [196, с.132], [92, с.232], [31, с.15], [106, с.180].

Барои амалӣ гардонидани назарияҳои педагогӣ тарбияи ватандустӣ, хештаншиносӣ ва ҳуқуқии кӯдакон дар зерхати талаботҳои барномавии МТТ аз тарафи Б. Маҷидова, В. Мирзоев, Н. Назаров, З. Турғунова ва дигарон як қатор дастурҳои таълимию методӣ таҳия ва дастраси умум гардидаанд [110, с.32], [109, с.75].

Омӯхтан ва таҳлили барномаҳои таълиму тарбиявии МТТ дар Тоҷикистон (1979, 1989, 2002, 2012), инчунин барномаҳои таълиму тарбиявӣ барои кӯдакони ба МТТ фаро гирифта нашуда; “Барномаи кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони 5-7 (6)-сола ба мактаб” (2009), “Барномаи омодагии пешазтомактабӣ (6-7)” (2011), “Барномаи таълим ва инкишофи кӯдакон дар марказҳои инкишофи кӯдакон” (2013) нишон медиҳанд, ки масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ва тарбияи ватандӯстию ҳуқуқии кӯдакон дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқону муаллифон қарор гирифтаанд.

Ҳуҷҷатҳои байналмилалии “Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдакон” мавқеи кӯдакро ҳамчун табақаи махсуси иҷтимоӣ дар ҷомеа баррасӣ намуд. Дар он таъкид гардидааст, киояндаи тамоми давлат аз насли ҷавон ба рушд ва такомули кӯдакон вобаста аст [83, с.34].

Конвенсия аввалин санади ҳуқуқие мебошад, ки ҳуқуқҳои кӯдак нисбатан пурра ифода ёфтааст ва сазовори эътибору эътирофи байналмилалӣ пайдо карда, қариб тамоми давлатҳои ҷаҳон онро тасдиқ кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иштирокчии чандин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷумла, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аст, бо қарори Шурои Олии кишвар аз 26 июни соли 1993, таҳти № 803 онро тасдиқ кардааст. Тибқи дастури он, ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Илова бар ин, бо назардошти аҳаммияти ин масъала ҳукумати кишвар дар соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак»-ро ба тасвиб расонд [83, с.12].

Дар "Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2014, №785 тасдиқ гардидааст, дар бораи амалисозӣ ва талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», "Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда шуда истодааст [156, с.48], [84, с.13], [78, с.7].

Стандарт маҷмуи мақсад ва вазифаҳо, мазмуни сатҳи таҳсилот, ҳадди ақали дониш, ташаккулдиҳии қобилият ва маҳорати тарбиягирандагон, инчунин сифати тарбия ва таълим дар синну соли томактабӣ, натиҷаҳои таълиму тарбия, принсипҳо ва қоидаҳои назорати давлатии сифати таълиму тарбияро дар МТТ ва оила муайян мекунад [156, с.43].

Стандарти мазкур дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои иҷтимоӣ-тараққиёти иқтисодӣ, маданӣ, сенсорӣ ва ҳаракатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст ва дар амал татбиқ карда шуд.

Дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ аз рӯйи анъана ба кори таълиму тарбиявӣ, барои баланд бардоштани захираи луғавии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ азхуд кардани маҳорату малака, инчунин маълумотҳои сода мувофиқи синну соли кӯдак, ёдгирии иҷрои

фаъолиятҳои таълимӣ, бозикунӣ ва ғайраҳо диққати асосӣ равона карда мешаванд.

Дар амал татбиқ кардани ҳадаф ва вазифаҳои таълиму тарбиявӣ дар таҳсилоти томактабӣ аз таъмин намудани муҳассилини таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ бармеояд. “Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак” (аз рӯзи таваллуд то 7 (6)-солагӣ), барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ - «Рангинкамон» заминаҳои барномавӣ-методии системаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдаконро ба воситаи бозӣ ташкил менамояд [157, с.68], [62, с.97].

Дар раванди фаъолияти мустақилонаи кӯдакон ва оилаҳои онҳо ба ҷойи эҷодкорӣ бо истифода аз асбобҳо имкон медиҳад, ки омӯзиши қисмҳои оркестрӣ ва интихоби оҳангҳо аз рӯи шунидани мусиқӣ гӯш карда шавад. Барои рушди бомуваффақияти қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ шароитҳои зеринро фароҳам овардан лозим аст:

1. Шунидани асарҳои асбобӣ, инчунин вокалӣ, муҳокимаи воситаҳои ифодакунандаи мафҳуми мусиқӣ, муқоисаи тембрҳои овоз, садои асбобҳо ва имкониятҳои ифодаи онҳоро баррасӣ бояд намуд. Ин барои корҳои эҷодии кӯдакон кумак хоҳад кард.

2. Инкишоф додани қобилиятҳои асосии мусиқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, аз қабили ҳисси ҳамоҳангӣ, иҷрои мусиқӣ, шунавоӣ ва ҳисси ритм.

3. Бо таассуроти равшани мусиқию бадеӣ, дониш, малака ва маҳорат дар фаъолияти мусиқӣ бой гардонидани таҷрибаи ҳаётии кӯдак. Чӣ қадаре ки таҷрибаи кӯдак ғанӣ гардад, зуҳуроти эҷодии ӯ торафт равшантар хоҳад гашт.

4. Истифодаи вазифаҳо ва машқҳои эҷодӣ дар дарсҳо, ки эҳтиёҷоти кӯдакони синни томактабӣ барои амалӣ намудани тасаввурот ва ғояҳои онҳоро ҳавасманд мекунанд.

5. Шароите фароҳам овардан лозим аст, ки дар он ҳар як кӯдак тарзи ба худ хоси муоширaт бо мусиқиро эҷод карда, муайян намояд.

6. Барои ин, шумо бояд роҳбари хуби мусиқиро интихоб намоед, ки асарҳоеро, ӯ барои шумо пешниҳод менамояд, ки импровизатсия, рушди нақшҳои бозӣ ва тасаввуроти кӯдаконро ҳавасманд мекунанд.

Дар раванди кори педагогӣ мунтазам ташаккул додани шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта ва эҷодкори кӯдаки синни томактабӣ, инчунин тавассути бозиҳои мусиқӣ ва импровизатсия дар ӯ ба ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ бедор кардани муҳаббат ва шавқу рағбат муҳим аст.

Мо ба хулосае омадем, ки синни томактабӣ марҳилаи асосии инкишофи кӯдак аст.

Дар ин синну сол заминаи ифодаи эҷодӣ гузошта мешавад. Хусусиятҳои эҳсосоти кӯдакони синни томактабӣ бояд дар ташаккули ҳисси эҳсосии экспрессионӣ дар имову ишора, дар ифодаи рӯй, дар пантомима, дар интонатсияи овозӣ, доштани доираи гуногуни ҳиссиёт ва нақши бозигарии тасвирҳо, ки дар қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ ифода ёфтаанд (меъёр рушди эҳсосотӣ мебошад, доираи кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ) [174, с.18].

Ёдовар шудан лозим аст, ки якчанд барномаҳои махсуси таълимӣ оид ба тарбияи мусиқии хонандагон дар МТМУ (1982, 2002) таҳия, нашр ва дастраси мутахассисон гардидаанд (Б. Хайруллоев, с.2018), балки бозӣ роҳи дастрастарин ва ҷолибтарини ифодаи таассурот, дониш ва эҳсосоти кӯдак аст. Инкишофи эҳсосотии кӯдакон бештар дар ҷараёни бозии мусиқӣ сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, дар рафти бозӣ кӯдакон бо ҳиссиёти

қаҳрамонҳо шинос мешаванд, муоширати онҳоро меомӯзанд ва дар амал онро татбиқ менамоянд.

Дар машғулияти мусиқӣ кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, ки ба бозиҳои театрӣ машғул мешаванд, барои ташаккул додани захираи луғавӣ ва инкишоф додани нутқи онҳо нақши беандоза зиёд дорад. Ин барои такмил додани муколама ва монологҳо, инчунин азхуд намудани нутқи ифоданок кумак мерасонанд.

Фаъолияти мусиқӣ воситаи ифодаи худшиносии миллии кӯдакон мебошад. Фаъолиятҳои бозии мусиқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути бозӣ санъати мусиқиро азхуд мекунанд. Дар ҷараёни бозии мусиқӣ кӯдакон дар бораи олами атроф, дарки ҷаҳон ва зебоии табиат маълумот гирифта, корҳои эҷодии худро пешниҳод мекунанд.

Ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ хусусиятҳои худро дорад. Азхудкунии он шеваҳои фаъолиятро аз ҷониби кӯдакон пешбинӣ мекунад, ки бидуни он ғайриимкон аст ва ба рушди мусиқии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ таъсири мушаххас мерасонад. Аз ин рӯ, истифодаи ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ хеле муҳим буда, аз барномаҳои мутобиққардашудаи МТТ (1979, 1989, 2002) аз рӯи барномаи «Рангинкамон» (2012) зери таҳрири Л. Иматова берун набаромадаанд. Ин далел гувоҳи он аст, ки масъалаи мазкур то имрӯз таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб накардааст [177, с.165], [62. с.97].

Барои тарбияи дурусти кӯдакони таҳсилоти томактабӣ барномаи «Рангинкамон» мақсад ва вазифаҳои тарбияи мусиқӣ ва инкишоф додани қобилияти мусиқидонӣ, мусиқишиносӣ ва эҷодкории кӯдаконро дар фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикунӣ дар синни аз яксолаю шашмоҳа то дусола, чун давраи дуюми синни барвақтӣ (кӯдакони то яксолу шашмоҳа болотар, ки дар муҳити оила фаро гирифта мешаванд), инчунин аз синну соли дусола то сесола ба гурӯҳи якуми хурдсолон, аз сесола то чорсола ба гурӯҳи дуюми хурдсолон, аз чорсола то панҷсола ба гурӯҳи миёнаи таълимии томактаб, аз панҷсола то шашсола ба гурӯҳи калон ва аз

шашсола то ҳафтсола ба гурӯҳи омодагӣ ба мактаб тақсим ва ба раванди таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд [62, с.97].

Дар доираи барномаҳои таълимии кӯдакон панҷ намуди асосии эҷодиёти мусиқӣ вуҷуд доранд, ки бо мақсадҳои таълимӣ дар дарсҳои мусиқӣ ва бозиҳо бо кӯдакони синни томактабӣ фаъолона истифода мешаванд. Дарки мусиқӣ, сурудхонӣ, фаъолияти мусиқӣ-ритмикӣ (ракс), навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона ва навохтани мусиқӣ дохил мешаванд.

Ҳар яке аз ин намуди эҷод дорои шаклҳои зиёди ифода мебошад. Ғайр аз он, ҳар як намуди фаъолият ба рушди қобилияти мушаххаси мусиқӣ мусоидат мекунад ва аз ҷониби мутахассиси ин соҳа бо истифода аз рӯйхати тахминии асарҳои дар барнома пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад. Фаъолияти мустакилонаи эчодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ низ ташкил карда мешавад [62, с.78].

Дар барнома барои инкишоф додани шавқмандии кӯдакон дар хуб гӯш кардани мусиқӣ ва ҳамовоз шудан бо якдигар дар ҷараёни хондани суруд, аз уҳдаи иҷрои ҳаракатҳои мавзун баромадан дар таҳти оҳанги мусиқӣ. ташаккули эҳсосот ва мусиқифаҳмӣ мувофиқи хусусияти синнусолии кӯдакон баррасӣ карда шудаанд [156, с.83].

Воситаи асосии иҷро гардидани вазифаҳои таълиму тарбияи мусиқӣ ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар раванди машғулиятҳои махсус ташкилкардашудаи мусиқӣ бозӣ ва иду дилхушиҳо мебошанд.

Ҳисси ритмикӣ бо ҳаракатҳои мусиқию ритмикӣ, инчунин бо воситаи қарсакзанӣ, таҷдиди навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона ва сурудхонӣ ифода хоҳад ёфт. Сурудхонӣ ба рушду таҳкими шуш ва дастгоҳи овозӣ, инчунин ташаккули мавқеи дурусти кӯдакон мусоидат хоҳад кард.

Ҳаракатҳои мусиқӣ ва ритмӣ ҳангоми машқҳои муназзам такмил ва зебоӣ пайдо мекунанд. Навохтани асбобҳои мусиқии бачагона

шунавоиро инкишоф медиҳад, мусиқиро эҷод мекунад ва ғайра. Вокуниши эҳсосӣ ба мусиқӣ ҳангоми ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ, махсусан дар раванди дарки мусиқӣ ва иҷрои ҳаракатҳои ритмикӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, ҳамаи намудҳои фаъолияти мусиқӣ ба инкишофи мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон мусоидат намуда, ҳамдигарро бой мегардонанд.

Дар ҷараёни машғулиятҳое, ки сурудхонӣ, ҳаракатҳои мусиқӣ-ритмикӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона таҳти роҳбарии мусиқии пуртаҷриба кӯшиш мекунад, ки барои расондани тасвири образи мусиқӣ воситаҳои ифодакунандаро пайдо кунад. Дар ҷараёни дарки мусиқӣ ғояҳои ибтидоӣ дурусттар ва чуқуртар дарк карда мешаванд.

Барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии МТТ, ба таҷриба ва маҳорати азхуд кардани донишҳо, малакаҳо, аломату нишонаҳо ва худи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ дар давоми давраи томактабӣ алоқаманд мебошанд. Фаъолияти эҷодӣ «фаъолиятест, ки амалу рағбатҳои тозаеро ба вуҷуд меоварад ё мушоҳидаи иртиботҳои тозаеро дар тафаккур ва ёдгирӣ мумкин месозад» [44, с.349].

Аз ин рӯ, самтгирӣ дар таълим, тарбия ва инкишофи мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар МТТ чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- идроки мусиқӣ, шунидан ва тавзеҳ додани он ба кӯдакон;

- иҷрокунандагӣ-импровизатсия (ба таври махсус, эҷодкорона хондани суруду таронаҳо) ва эҷодкорӣ дар кӯдакон, ки ҳар яки онҳо дар давраҳои синнусолии томактабӣ вазифаҳои худро доранд ва ба таври фардӣ азхуд карда мешаванд.

Дар давоми 80 соли замони Шуравӣ эҷоди мусиқии мардумӣ, асарҳои оҳангсозон, тайёрии касбии мураббиён ва омӯзгорони мусиқӣ дар МТТ зери таъсири фарҳанги мусиқии аврупоӣ, махсусан, мусиқии

русӣ арзи вуҷуд дошт ва ин раванд имрӯз низ то андозае идома дорад. Арзёбӣ гардидааст, ки истифодаи бозиҳои мусиқӣ чун замимаи машғулиятҳои мусиқӣ махсус дар робита ба корҳои ташкилии мусиқӣ пешниҳод карда мешавад.

Мо дар ҷараёни таҳқиқот ба асарҳои Б.М. Теплов, Н.А. Метлова, фаъолияти амалии Н.А. Ветлугина ва дигарон такя менамоем. Оҳангсозони рус Р. Шумен, Д.В. Кобалевский, Б. В. Асафев, П.И. Чайковский, М.П. Мусоргский ва дигарон асарҳои махсус барои кӯдакону наврасон эҷод намудаанд» [165, с.320], [116, с.77], [27, с.54].

Дар ҳамин давра мураббия - мушовири соҳибтаҷриба Т.С. Бабаджян маҷмуи бозиҳои беҳамто ва то имрӯз истифодашавандаро коркард намуд, ки онҳо таҳти оҳанги мусиқии эҷоднамудаи оҳангсоз М.Р. Раухвергер иҷро карда мешаванд. Ин бозиҳо ба барномаи таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла, Тоҷикистон ворид карда шуда буданд ва айни ҳол низ ин бозиҳо дар барномаҳо арзи вуҷуд доранду мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд [1442с.16-18].

Ба рушди назария ва амалияи тарбияи мусиқии кӯдакон таҳқиқотҳои Б.М. Теплов, ки дар асарҳои ӯ бо номи «Психология музыкальных способностей» (Психологияи қобилиятҳои мусиқӣ) ва “Психологический вопросы художественное воспитания” (Масъалаҳои психологии тарбияи бадеӣ) ифода ёфта буданд, таъсири ҷиддӣ расонид. Минбаъд таҳқиқотҳои Л.С. Виготский, Б.М. Теплов, А.В. Запарожетс, фаъолияти касбии В.Н. Шатский ва дигарон имконият доданд, ки солҳои 60-уми асри гузашта Н.В. Ветлугина низоми куллан нави рушди бадеӣ-эҷодии кӯдаконро коркард ва пешниҳод намояд, ки он дар тамоми дунё беҳтарин низоми тарбияи бадеӣ-эстетикии кӯдакони синни томактабӣ эътироф гардад. Таҳқиқоту натиҷаи фаъолияти Н.В. Ветлугина имрӯз дар омода намудани мураббиёну кормандони мусиқӣ дар зинаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ хеле арзишманд мебошад [164, с.55], [30, с.76], [165, с.145], [58, с.209-210], [189, с.50], [28, с.91].

Дар назария ва амалияи тарбияи мусиқии кӯдакон дар МТТ вазифаҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии онҳо бо низоми зерин пайгирӣ карда мешавад:

1. Инкишоф додани дарки мусиқӣ;

2. Такмил додани идроки эҳсосоти мусиқӣ ва сенсорика;

3. Зери кафкӯбӣ ва садои оҳанг ташаккул додани шунавоӣ;

4. Ташаккули ҳискунии вазну усули оҳанг (чувство ритма);

5. Ташаккули қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ;

Татбиқи супоришҳои номбаршуда дар ҷараёни кори тарбиявӣ бо истифода аз воситаҳои фаъолгардонии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ бо воситаи бозӣ қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ ташаккул дода шуд.

Қонуният ва хусусиятҳои тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар ҳамаи кӯдакон самти фардии психологӣ-педагогӣ доранд, ки метавонанд дар ин раванд ҳам кӯдакон, ҳам мураббия, роҳбари мусиқӣ ба мушкилиҳо дучор гарданд.

Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ азхуд кардани машғулиятҳои мусиқӣ моро водор менамояд, ки дар корҳои эҷодӣ дониш, маҳорат ва малакаҳои касбиро азхуд намоем. Барои ташаккул додани корҳои эҷодӣ нақш ва дастгирии падару модарон бояд ба эътибор гирифта шавад.

Дар раванди тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон номувофиқатии методҳои таъсиррасонии мақсаднокро дучор шудан мумкин аст. Масалан, барои инкишофи мусиқифаҳмӣ, мусиқишиносӣ (фарқ карда тавонистани оҳанг, мусиқии халқӣ аз асарҳои оҳангсозони ватанию хориҷӣ, жанрҳои мусиқӣ ва ғайраҳо) якчанд маротиба такрор кардани тарзи иҷрои амалҳо талаб карда мешавад [49, с.152].

Таълим ва тарбияи мусиқӣ худ ин раванди муоширату муколама бо мусиқӣ аст ва он бояд пурҷӯшу хурӯш, таъсирбахш ва фаҳмою дастрас иҷро карда шавад. Фақат дар чунин ҳолат кӯдак ба мусиқӣ эҳсосоти мусбат зоҳир намуда, таъсиррасонии онро қабул менамояд. Якчанд

маротиба иҷро кардани мусиқӣ шунидан ва фаҳмидани онро таъмин мегардонад. Иҷрои ин амалҳо ба кӯдак имконият медиҳад ҳиссиётҳои гуногунро аз сар гузаронида, таассуроту тасаввуротҳои навро ба вуҷуд орад.

Мақсади амалҳои бозӣ кумак ба кӯдак, ба шунидан, фарқ кардан, муқоисаи баъзе хосиятҳои садоҳои мусиқӣ, баландии қавӣ, давомнокӣ, тембрии онҳост. Бозиҳои мусиқӣ ва дидактикӣ бо дастурҳое ҳамроҳӣ карда мешаванд, ки возеҳии аёниро дар бар мегиранд (кортҳо, расмҳо, костюмҳо ва ғ.).

Мақсади чунин бозиҳо аз он иборат аст, ки кӯдакон шунидан, фарқ кардан ва муқоиса кардани хосиятҳои садоҳои мусиқӣ, аз қабили ҳаҷм, давомнокӣ ва тембрро ёд гиранд. Дар рафти бозӣ маводҳои аёнӣ, аз қабили кортҳо, расмҳо ва дигар воситаҳое истифода мешаванд, ки ба кӯдакон барои беҳтар фаҳмидани маводҳо ёрӣ мерасонанд [29, с.45].

Технологияи тарбия ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ба принсипи зерин такя мекунад:

1. Принсипи инсонгарои ва инсондӯстӣ, ки он принсипи пешбар дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот буда, кӯдакро ҳамчун шахсияти нотакрор, арзишманд, доимо рушдёбанда эътироф намуда, дар фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ ва бозикунӣ рушди фардии ӯро мантиқан эътироф мекунад.

2. Раванди бозикунӣ фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ва мустақилнокӣ такя намуда, тарбия ва такмилдиҳии сифатҳои мусбати шахсият диққати махсус дода мешавад.

3. Ҳангоми ташкилу баргузории кори фаъолияти касбӣ оид ба интихоб ва коркарди технологияи педагогӣ, инчунин ташаккул додани қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ барои азхуд кардани фаъолиятҳои мусиқӣ дар ҷараёни бозикунӣ кӯдакон такя намуда, аз принсипҳои фалсафӣ-педагогӣ, психологӣ-педагогӣ ва истифода аз фанни фалсафаи таъсиррасонии педагогӣ, ки бевосита ба инкишоф ва ташаккулёбии шахсият равона карда шудааст. Он ба принсипҳои умумипедагогӣ асос

ёфта, доимо дигаргунӣ ва дарёфти омилҳои таъсиррасонии навро талаб мекунад [43, с.398].

4. Дар фаъолияти касбии педагогӣ таъмин намудани роҳбари мусиқӣ дар кӯдакистон. Ин принсип бо ҳамкорӣ ба мураббия ва хонавода дар зерхати ҳал намудани мушкилотҳои тарбияи мусиқӣ арзёби хоҳад гашт.

5. Мувофиқи меъёри муайян, яъне талаботҳои синнусолӣ, психологӣ-педагогӣ интихоб намудани асарҳои мусиқӣ, бозиҳои мусиқӣ-жанрҳои фолклорӣ, бозиҳои эҷодӣ барои кӯдакон.

6. Системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар ташкили фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ ва бозии кӯдакон, ки дар он мунтазам мураккаб шудани мафҳуми вазифаҳои таълими мусиқӣ ва инкишоф, пайвастагии доимиро бо роҳ, равиш, восита ва усулҳои таъсири тарбиявӣ таъмин менамояд.

Дар рафти таҳқиқот таҷриба нишон дод, ки самти қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мушкилоти ҷиддиро дар назар дорад, ки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа бояд ҳалли ин мушкилот бошад.

Натиҷаҳои таҳлили адабиёти илмию методӣ, таҷрибаи кормандони педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ аз мавҷудияти мушкилоти ҷиддие дар самти таълиму тарбияи кӯдакон ва инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон нишон медиҳанд, ки пеш аз ҳама, бояд корҳои илмию таҳқиқотиро роҳандозӣ намоянд.

Имрӯз дар ин ҷабҳа иҷрои вазифаҳои мазкурро арзёбӣ намудан мумкин аст, ки онҳо ниёз ба таҳқиқотҳои оянда доранд:

1. Муайян намудани раҳёфт ба тарбия ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон, инкишоф додани қобилият ва маҳорати мусиқию эҷодии онҳо дар ҷараёни машғулиятҳо ва бозиҳо, машғулиятҳои мусиқӣ ва истироҳатӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ.

2. Ба фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон зиёдтар ворид намудани оҳангу таронаҳои миллӣ, бозиҳои мусиқӣ, асбобҳои миллии мусиқӣ, фолклорӣ-бозикунӣ, ки дар онҳо лаҳну садои овозу калимаҳо, иборaю ҷумлаҳо бо мусиқии интихобшуда ҳамоҳанг бошанд.

3. Ташаккул ва истифодаи технологияи таълиму тарбияи барои инкишоф додани қобилияти мусиқию эҷодӣ мувофиқи синну соли кӯдакон, азхуд кардани маданияти мусиқии миллӣ ва дигар халқҳо, инкишофи шахсияти ҳар як кӯдак таъмин карда шавад.

4. Корҳои мусиқӣ-тарбиявӣ, чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, ташкил ва гузаронидани бозиҳо бо мусиқӣ на танҳо воситаи гузаронидани вақт, фароғату истироҳат, балки сарчашмаи инкишофи эҷодкорӣ, ташаккули маънавиёт ва ҳиссиёти ахлоқии баланд мебошанд. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи психикии кӯдак замина барои мусиқишиносӣ, фазилати мусиқидонӣ, қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии вай мегардад [156, с.35].

Кӯдак таассуроти эмотсионалӣ ва таҷрибаи идроки мусиқии худро дар фаъолияти эҷодии худ ҳангоми бозикунӣ истифода бурда метавонад. Кӯдакон ҳангоми эҷод намудани амалу рафтори бадеӣ-мусиқӣ-эҷодӣ ба донишу таҷрибаи андӯхтаи худ такя менамоянд.

Барои волидон низ маҳорату қобилияти иҷрочигии фарзанд ҳаловатбахшу гуворо ва ҳам таъсиррасон ба низоми тарбиявии хонаводагӣ, баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ аз фаъолияти таълиму тарбиявӣ мегардад, ки ин масъала ниёз ба таҳқиқоти махсуси психологӣ-педагогӣ дорад. Мо кӯшиш намудем, нақши мусиқии миллӣ, бозиҳои мусиқӣ-эҷодии миллӣ, ки дар онҳо фолклори мусиқӣ-бадеӣ мавқеи хосса доранд ва дар тарбия, таълим ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ нақши муҳим доранд, мавриди таҳқиқу баррасӣ дар раванди кори амалӣ-озмоишӣ қарор диҳем.

Дар доираи чорабиниҳои таҷрибавӣ тайёрии кӯдакони аз шаш то ҳафтсоларо дар аксҳои ба ҷараёни таълим дар МТТ пайвастани онҳо

ташкил кардан лозим аст. Ин марҳиларо метавон марҳилаи ниҳоии давраи томактабии инкишофи онҳо ҳисоб кард.

Бояд кайд кард, ки кӯдакони аз таълиму тарбияи дар МТТ дар канормонда дар таҳсилоти мактабӣ ва дар рушди шахсиятии худ ба душвориҳо дучор мегарданд [130, с.73].

Бояд ба ҳисоб гирифт, ки суръати инкишофи психикии кӯдакон дар давраи омодагӣ ба мактаб гуногун буда, он ба шароити иҷтимоӣ, вазъи саломатӣ, кайфияти руҳии кӯдак вобастагии калон дорад. Масалан, мактаб ба кӯдак таҳкурсии боэътимоди овони мактабхонӣ ба ҳисоб меравад» [131, с.7-8].

Дар давраи омодагӣ ба мактаб иҷрои вазифаҳои тарбияи мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар МТТ идома меёбад. Кӯдакон метавонанд доир ба бозиҳои миллӣ бо асбобҳои торӣ бо дутор ва рубоб, асбобҳои нафасӣ най, ҳуштак ваи асбобҳои аврупоӣ пианино, гитара, металафон ва ғайраҳо, маълумот гирифта дар амал онро татбиқ намоянд. Маҷмуи донишҳо, ғояҳо, маҳорат ва малакаҳои мусиқӣ афзоиши эҷодиёти кӯдаконро инъикос намуда, барои такмили қобилият ва салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон дар машғулияти таълими мусиқӣ ва таълими кӯдакистон замина хоҳад гузошт.

Боиси таассуф аст, ки оид ба инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакон дар фаъолияти бозикунӣ дар стандартҳо ва барномаи муассисаҳои томактабӣ қисмати муҳимми таълимиву тарбиявӣ дар алоҳидагӣ пешниҳод нагардидааст. Дар қисмати тарбияи мусиқӣ бошад, дар гурӯҳҳои синнусолии то 4-сола (яксолаю шашмоҳа то дусола, дусесола, аз сесола то чорсола) вазифаҳои таълим барои бедор кардани шавқу ҳаваси кӯдакон ба мусиқӣ, ташаккул додани хотираи мусиқии кӯдакон, шинос кардани кӯдакон ба жанрҳои суруд, иҷрои рақс ва қадам ба қадам гузоштани пой, хондани суруд ва ҳаракат кардани мавзун (рақс) дар таҳти мусиқӣ пешниҳод карда шудаанд. Дар гурӯҳҳои калони томактабӣ (5-6-солаҳо) ва омодагӣ ба мактаб (6-7-солаҳо) инкишофи қобилияту

салоҳияти эҷодии кӯдакон, рақсҳои мавзун ва бадеӣ, дарёфти ҳаракатҳо аз ҷониби тарбиягирандагон ба порчаҳои оҳанги пешниҳодшуда тавсия карда шудаанд, ки дар раванди кори таҳқиқотии худ мо ба онҳо такя намудем.

**Хулосаи боби дуюм**

Бояд қайд кард, ки таҳқиқу баррасии нақши бозӣ дар ҳаёти хурду бузурги ҷомеа зиёда аз шаш аср идома дорад ва таълимоти кунунӣ оид ба бозӣ аз андешаҳои фалсафии пешин сарчашма мегирад. Кӯдакон ба воситаи машғулиятҳои мусиқӣ кӯшиш мекунанд, ки дар бозии худ аз ҳаёти калонсолон нақш офаранд ва ё қолаб бисозанд. Дар айёми кӯдакӣ, ки онро айёми махсуси бозикунӣ мегӯянд, барои иҷрои супоришҳои таълимӣ ва тарбияи шахсони калонсол иҷро хоҳанд кард.

Мо дар таҳқиқоти худ барои таҳсилоти томактабӣ масъалаҳои назариявию амалии бозиро коркард намуда, онро ҳамчун “фаъолияти пешбаранда” дар рушди кӯдакон дар давраи томактабӣ эътироф намудем. Маҳз дар раванди бозӣ ва таъсири он ҷабҳаҳои маромнокӣ, маърифатӣ, эмотсионалӣ ва шахсиятии кӯдакон инкишоф ёфта, ташаккул дода мешавад.

Дар таҳқиқоти мо барои бозиҳои дилхушкунанда, бештар бозӣ-хушҳолиҳо барои кӯдакони то 4-сола, бозиҳои мусиқӣ барои ҳамаи кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, бозиҳои дидактикӣ ва бозиҳо-зери ҳамсароӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки ба ин бозиҳо ҳам истифода аз сурудхонӣ ва ҳам аз иҷрои ҳаракатҳои мавзуни рақс, ки дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ бо роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи мураббия ва корманди мусиқӣ ташкилу гузаронида мешаванд, ҳамчун фаъолияти махсуси эҷодӣ-мусиқии кӯдакон гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи инкишофи маҳорат ва малакаи қобилияти мусиқию эҷодӣ бозӣ ба воситаи ангуштон, хондани суруд ва таронаҳое, ки маънои навозишӣ доранд, бозиҳои зери ҳамсароӣ, ба монанди фолклорбозӣ, ки ба ин бозӣ дохил мешавад: шуморакбозӣ, сарбайтхонҳо

ва ғайра, ки ҳар яки онҳо як саҳначаи хурди театриро ба хотир меоранд, мумкин аст. Истифодаи жанрҳои фолклорӣ имконият ва механизми ба худ хоси таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт, рафтор, шуур, сифатҳои шахсиятӣ ва маҳорату қобилият ва лаёқатмандию истеъдоди кӯдаконро доранд.

Набояд фаромӯш кард, ки қобилият, лаёқатмандӣ, истеъдод, ки дар давраи томактабӣ аломат ва нишонаҳои онҳо зери таъсири омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ зуҳур меёбад ва минбаъд инкишофу такмил меёбад, натиҷаи кӯшишу ғайрат ва меҳнату заҳмати кӯдакону калонсолон мебошад.

Омӯхтану таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ, консепсияҳо назарияҳо, таҷрибаи амалии кори таълиму тарбиявӣ нишон медиҳад, ки тарбия ва инкишофдиҳии шахсияти инсон раванди доимо тағйирёбанда буда, он вобаста ба пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷомеа, тағйир ва такмил меёбад. Гувоҳи ин раванд мавҷудияти ҳуҷҷат ва санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин барномаҳо барои таҳсилоти томактабӣ ва корҳои тарбиявии кӯдакон, ки дар асоси таҷрибаи фарҳангию таърихӣ барои миллатҳои гуногун корҳои илмии муосир таҳия карда шуда, амалан татбиқ карда шавад.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномаи методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ ба яке аз масъалаҳои асосии ташаккули қобилияти эҷодии кӯдакон диққат дода, барои ба онҳо дар МТТ баҳогузории кори таълимию тарбиявӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Ҳамзамон зимни ба роҳ мондани корҳои эҷодӣ ба инкишофи қобилияти кӯдакон диққати махсус дода мешавад.

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ талаботи ҳуҷҷатҳои барномаи методии МТТ, инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар низоми муайян ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолию фардӣ дар раванди ташкилу баргузории фаъолиятҳои таълимию бозикунии кӯдакон амалӣ гардонида шуданд.

# БОБИ III. ТЕХНОЛОГИЯИ ИНКИШОФ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУСИҚӢ-БОЗИКУНӢ

## 3.1. Омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозӣ

Тибқи ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот дар самти тарбияи мусиқию эҷодии кӯдакон дар МТТ ва дар раванди таъмини рушди қобилиятҳои мусиқию эҷодии онҳо бо истифода аз бозиҳо мо кӯшиш намудем, намудҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти мусиқии кӯдаконро дар мавриди аввал таҳлилу баррасӣ намоем.

Рушди қобилияти эҷодӣ дар раванди ташкилу баргузории фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ дорои хусусияти хоси худ мебошад.

Агар кӯдак дониш, маҳорату малака ва қобилияти эҷодии худро дар фаъолияти дигар, масалан, мусаввирӣ дар заминаи дарку эҳсос намудани ранг, шакл ва ғайраҳо баррасӣ намояд, ин воситаи ташаккул додани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ дар соҳаи мусиқӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои мусиқифаҳмӣ, мусиқишиносӣ (ҷудо кардани садою оҳангҳои жанрҳои гуногуни мусиқӣ) дар ҳамаи кӯдакон як хел нест. Як қисми онҳо бо таваҷҷуҳи хосса асарҳои мусиқиро бодиққат мешунаванд, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ (тахта, рақси мудаввар) ва дастурҳо (тақлидкорӣ)-ро истифода бурдан мумкин аст. Кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ҳаракатҳои қаҳрамонҳоро бо табиати мусиқӣ ва ғайра ҳамоҳанг мекунанд, бозиҳо барои рушди намояндагиҳои мусиқӣ ва шунавоӣ бо табъиз ва таҷдиди ҳаракати қатрон алоқаманд аст.

Амалҳои мазкур гувоҳи он аст, ки ин гурӯҳи кӯдакон мусиқӣ ва сурудро дӯст медоранд ва ҳатто тасаввур менамоянд, ки дигар ҳамсолону калонсолон низ ба мусиқӣ чунин муносибат доранд.

Аз сарчашмаҳои илмии соҳаи педагогикаи мусиқӣ маълум гардид, ки роҳбари мусиқӣ дар МТТ тасаввуроти мусиқидонии кӯдаконро дар зерхати зерин ба ҳисоб мегирад:

1. Дар шунидани мусиқӣ. Мусиқӣ барои кӯдакон ҷаҳони зебоиро мекушояд ва бо ин он жанрҳои гуногун хос аст;

2. Дар вақти сурудхонӣ меъёри сароянддагии кӯдак ва маҳорату қобилияти иҷрочигии ӯ ба ҳисоб гирифта шавад;

3. Шунидани мусиқӣ ба эҷодкории кӯдак мусоидат намояд.

Кӯдакони хурдсол аз шунидани мусиқӣ тез ба эҳсосот дода мешаванд ва кӯшиш менамоянд образи мусиқии ба худ писандро офаранд. Инчунин, онҳо метавонанд дар заминаи суруду оҳанги шинос бозии саҳнавӣ-нақшофарӣ эҷод намоянд, оҳанги шиносро дар бозии тақлидӣ-овозӣ-ҳаракатӣ дар якҷоягӣ ҳангоми иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ-сурудхонӣ, идоракунии ҳаракатҳои рақсӣ истифода баранд. Масалан, ҷаҳидани харгӯшакҳо, бол кушода паридани парандаҳо, роҳгардии рӯбоҳ, хирс ва ғайраҳо.

Чунин майл доштани кӯдакону наврасон зиёдтар зери таъсири фарҳанги суруду мусиқӣ, созҳои мусиқии тавассути ВАУ (воситаи ахбори умум), маводҳои намоишӣ, телефонӣ, интернетии пахшшаванда пайгирӣ карда мешавад.

Дар фаъолияти амалии роҳбари мусиқӣ ва мураббия такроран шунидани мусиқӣ тавсия карда мешавад. Ҳангоми шунидани мусиқӣ аз суҳбат, шарҳу эзоҳдиҳӣ, ба қисмҳо тақсим карда шунидани асари мусиқӣ, импровизатсияи оҳанг, шинос намудан ба жанрҳои мусиқӣ, суръати иҷрои мусиқӣ ва ғайраҳо амалӣ мегарданд, ки он ба шаклгирии донишҳои мусиқӣ, маҳорату малакаҳои шунидан, дар хотир нигоҳ доштан, такрору тақлид кардани мусиқиро инкишоф медиҳанд. Сурудхонӣ барои кӯдакони синни томактабӣ шуғли дӯстдошта аст, ки онҳо дунёи эҳсосотии худро дар суруд ифода намуда, аз садою иҷрои амали сурудхонӣ ҳаловат мебаранд. Хондани суруд тамоми ҳиссиёти

кӯдаконро фаро гирифта, эҳсосоти онҳоро ангезиш медиҳад. Онҳо якҷоя бо кумаку дастгириҳои якдигар ба фаъолияти мусиқӣ шуруъ мекунанд ва дар иҷрои рақс, ба воситаи бозӣ суруд хонда, ба навохтани асбобҳои мусиқӣ машғул мешаванд.

Раванди сурудхонӣ аз кӯдак харҷ кардани қувваи зиёди фикрӣ ва фаъолиятнокии махсусро талаб менамояд. Кӯдакони таҳсилоти томактабӣ кӯшиш мекунад, ки сурудхонии худро бо баромади санъаткорони дигар муқоиса кунанд, мусиқии жанрҳои гуногунро шунаванд, асарҳоро азёд кунанд, инчунин овози кӯдакон ба гӯш кардани мусиқӣ низ метавонад таъсир расонад.

Дар фаъолияти амалии худ роҳбари мусиқӣ онҳоро тибқи талаботҳои барномавӣ интихоб менамояд. Ҳаракати мавзуни рақсӣ зери оҳанги мусиқӣ, ба инкишофу такомули ҷисму руҳи кӯдак таъсир расонда, ҳаракатҳои рақсиро зери оҳанги мусиқӣ ва сурудхонӣ ҳамчун воситаи тарбия намудани сифатҳои иродавии бошуурона иҷрошуда ҳисобидан мумкин аст. Лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаракатҳои рақсӣ бо тезӣ гузаштан аз як ҳаракат ба ҳаракатҳои дигар, тағйир додани мавқеъ, чусту чолокӣ, зиракӣ, пайгирӣ намудани оҳанги суруду мусиқӣ, дар рақсҳои гурӯҳӣ мувофиқат кунонидани ҳаракатҳо бо рафиқу гурӯҳи ҳамсолон, мувофиқи оғозу анҷоми оҳанг тағйирдиҳии руҳия, ҳаракатҳои рақсӣ ва ғайраҳоро талаб менамояд. Дар раванди иҷрои рақс инчунин, табъу завқи зебоиофарию зебоипарастӣ, эҳсосотию маърифатии кӯдакон тарбия карда мешавад.

Дар барномаи МТТ хусусиятҳои синнусолии кӯдакон вобаста ба талаботҳо дар инкишоф додани ҳаракатҳои рақсиро пешниҳод менамояд, ки ҳушёрию зиракӣ, қобилияти махсуси азхудкунии иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ дар рақси якка, ду-чор-нафарӣ, умумӣ ва ғайраҳоро талаб менамояд.

Бозӣ бо асбобҳои мусиқӣ ё худ навохтани асбобҳои мусиқии бачагона аз он оғоз мегардад, ки ҳанӯз тифл ба овозу садоҳои

таъсиркунандаи атроф аксуламали ҷавобӣ мегардонад. Бинобар ин, дар тамаддуни инсоният ба кӯдакон аз айёми тифлӣ, асбобҳои мусиқӣ дар шакли бозичаҳои садодиҳанда дастрас гардонда шудаанд.

Дар назария ва методикаи тарбияи мусиқии кӯдакони синни томактабӣ бозичаҳои мусиқӣ ба гурӯҳҳои садонадошта (беовози махсуси мусиқӣ) ва садодиҳанда, яъне садои:

а) баландиашон гуногун: шақшақаҳо, нақораҳо;

б) барои овоздиҳӣ махсус омода карда шудааст: ҳуштак, карнай;

в) бозичаҳои махсуси механикии садо; қуттиҳои мусиқӣ, бозичаҳое, ки ҳангоми ҳаракат садоҳои махсус мебароранд.

г) бозича-асбобҳои махсуси мусиқӣ, ки онҳо ҳангоми истифодабарӣ овозу садоҳои махсусро ҳосил мекунанд; пианино, роял, кларнет, флейт, саксафон, баян, гармон, гармони нафасӣ, лабчанг, чанг, зангӯлачаҳо ва ғайраҳо пешниҳод карда шудаанд. Чунин бозичаҳои мусиқӣ дар ҳамаи халқу миллатҳои дунё арзи вуҷуд доранд ва эътироф карда шудаанд. Онҳо бо умумият ва хусусиятҳои фарққунанда ном ва усули истифодабарии худро доранд.

Вобаста ба садодиҳии хроматикӣ ва диатоникӣ асбобҳои мусиқии бачагона ҷудо карда шудаанд:

1) гурӯҳи асбобҳои мусиқии зарбӣ; дойра, таблак, нақора, қошуқҳои чӯбӣ, металафон, кселафон, ки дар натиҷаи дастрасонӣ ва ё истифодаи чӯбчаҳои махсус онҳо садо мебароранд;

2) асбобҳои мусиқии торӣ: дутор, думбра, рубоб, тор, танбӯр, чанг ва ғайраҳо, ки дар натиҷаи дастрасонии кӯдак ба торҳо садо медиҳанд;

3) асбобҳои мусиқии нафасӣ: ҳуштакҳо, лабчанг, най, сурнай, флейт, кларнет, ки онҳо ҳангоми нафаскашӣ ва нафасбарории кӯдак бо низоми муайян садо, оҳанги мусиқӣ медиҳанд;

4) асбобҳои мусиқии аврупоии клавишдор, ки бо баробари ба низоми муайян дастрасонӣ ба клавишҳои онҳо, ба монанди фортепиано,

баян, аккордеон, роял, гармон ва ғайраҳо, ки аз онҳо садоҳои мусиқӣ ҳосил мешаванд.

Ба кӯдакон омӯзонидани тарбияи мусиқӣ дар кӯдакистон бо бозӣ ба воситаи асбобҳои мусиқӣ мо дар шакли гурӯҳӣ ва фардӣ мувофиқи ба ҳисоб гирифтани шавқу завқ, маҳорату қобилияти кӯдакон ба роҳ монда мешавад. Чунин таҷриба дар МТТ-и собиқ иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон низ арзи вуҷуд дошт.

Дар МТТ машғулиятҳои мусиқӣ шакли асосии ташкили кори таълиму тарбиявӣ буда, дар раванди он тарбия ва ташаккулдиҳии қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ба таври мунтазам, мақсаднок мувофиқи талаботҳои барномавӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми интихоби матнҳо, мураккабу ҳаҷман калон будани асарҳои мусиқӣ мебинем, ки дар дарки маъно, услуби азёд кардану ифоданок хондани матни адабӣ, иҷрои нақшҳо аз тарафи кӯдакон дида мешавад. Дар натиҷа, кӯдакон ба мушкилиҳо дучор мегарданд ва чунин вазъият сабаби хасташавӣ, паст рафтани майлу хоҳиш, шавқу рағбат, хоҳишу талабот ва табъу завқи эҷодкорӣ, канораҷӯӣ аз бозиҳои шавқовару ҳаловатбахш дар кӯдакон мегардад. Албатта, кӯдак метавонад матнро ба таври механикӣ, кӯр кӯрона азёд намояд, вале ба мазмуни он сарфаҳм наравад; матнро бо овози баланд хонад, вале ба оҳанг ва воситаҳои ифоданокии нутқ аҳаммият надиҳад, ки ин норасоӣ арзиши маъноӣ ва бадеии онро кам мегардонад.

Дар раванди ташаккули қобилияти мусиқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бозиҳо ва маводи дидактикӣ истифода мешаванд, ки ба инкишофи дарки баландӣ, самти ҳаракати оҳангӣ, ҳисси ритм нигаронида шудаанд.

Бозиҳои мусиқию дидактикӣ ва дастурҳои марбут ба таҷдиди ритми оҳанг, ҳангоми қарзакзанӣ, навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона ва ба воситаи ҳаракат интиқол додани тағйироти табиати мусиқӣ ба ташаккули ҳисси ритм дар кӯдакон мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, бозиҳо ва маводҳои мусиқию дидактикӣ, ки дар фаъолияти мусиқӣ истифода мешаванд, ба инкишофи қобилиятҳои асосии мусиқии кӯдакони синни томактабӣ, аз қабили ҳисси модалӣ, иҷрои мусиқӣ ва ҳисси ритм истифода бурда мешаванд.

Мақсади асосии бозиҳои мусиқии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо меҳру муҳаббати мусиқӣ пайдо шавад ва онҳо ба асосҳои саводи мусиқӣ шинос шаванд, инчунин онҳо таҷрибаҳои навро омӯзанд, ташаббус, мустақилият ва эҷодкории худро инкишоф диҳанд.

Ҳамин тариқ, бозиҳои мусиқӣ воситаи муассири инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар шакли ҳаяҷоновар ва ғайристандартӣ бо ҳамкории фаъоли роҳбари мусиқӣ ва кӯдакон амалӣ карда шаванд. Дар раванди бозиҳои мусиқӣ кӯдакон таҳлили мусиқӣ, гӯш кардани он, дарк кардан, тасаввур кардан, импровизатсия кардан ва эҷод кардани чизи навро меомӯзанд.

Аз ин рӯ, дар кӯдакони ин синну сол таҷрибаи эҳсосоти эмотсионалии онҳо дар фаъолияти гуногуни бозикунӣ таҳти мусиқӣ, аз қабили имову ишораи рӯй, истифода аз мимика ва пантомимика, инчунин оҳанги овоз ифода мегардад, ки диапазони гуногун доранд.

Ҳиссиёт ва нақши бозингарии тасвир, ки дар қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ (рушди соҳаи эҳсосотии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ-меъёр) ифода меёбанд. Тасаввуротро дар бораи муносибат бо ҳамсолон пайдо мекунад. Хайрхоҳӣ, ошкорбаёнӣ, хоҳиши дар байни кӯдакон дар гурӯҳ будан, импровизатсияи бозиҳои нав, доштани малакаҳои зарурии одоби муошират бо калонсолон ва кӯдакон дар ин синну сол, ин аст, инчунин дар иҷрои эҷодкоронаи импровизатсияҳои пластикӣ ва интонатсионӣ-нутқӣ озод карда шудааст (рушди муносибатҳои байнишахсӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар эҷодиёти коллективӣ меъёр аст). Қобилияти истифодаи хусусиятҳои сершумор ва эҳсосотии равшани тасвирҳои мусиқӣ, ки ба вазифаи бозӣ дохил карда

шудаанд, инкишоф меёбад. Баландии садо, шунавоии ритмикӣ ва тембрӣ, интонатсияи хати оҳангӣ, садои табиӣ (рушди эҷодии кӯдакон дар эҷоди мусиқии ибтидоӣ, меъёр) инкишоф дода мешавад.

Истифодаи фаъолияти бозии мусиқӣ шароит фароҳам меорад, ки ба болоравии сатҳи рушди қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мусоидат намуда, ғанӣ гардидани таҷрибаи мусиқиро таъмин намояд. Ба инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакон ва ташаккули ҷаҳонбинии онҳо мусоидат намуда, ба ин васила, ҳисси зебоипарастиро мепарварад. Ҳамкории оила, ҷамъият ва давлатро барои инкишоф додани корҳои эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мустаҳкам намудем.

Фаъолияти мустақилонаи мусиқии кӯдаконро, ки ба инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии онҳо мусоидат менамоянд, ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

- бозиҳои тақлидӣ, ки дар "Консерт" баргузор мешаванд, ки онҳо аз рӯи барномаи фароғатӣ аз ҷониби кӯдакон мундариҷаи барномаҳои мусиқӣ бо усули тақлид интихоб карда мешаванд. Чунин «Консертҳо» мустақилона ташкил гардида, худи кӯдакон чун тамошобин ва иҷрокунанда иштирок менамоянд.

- дар бозиҳои нақшофарии мазмундор (сюжетӣ-ролӣ) мутааллиқ ба муҳтавои бозӣ. Масалан, ҳангоми машғулият бозии “Модарон ба кӯдакон алла мехонанд”, ки дар ин бозӣ кӯдакон лӯхтакҳоро алла гуфта, ҳунари эҷодии худро намоиш медиҳанд. Дар он кӯдак суруди «Алла» - ро бо оҳанг ва матни мақбул ба худаш месарояд;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ба монанди бо навбат, аз паси ҳамдигар, бехато, бонизом азёд хондани матни шеър, ҳангоми бозӣ бо асбобҳои мусиқӣ бо суръату садои гуногун тақлид кардан, бо оҳанги махсус сурудхонӣ ва ғайраҳо.

Бозиҳои нақшофарии мазмундор сифатҳои шахсиятии кӯдакро муайян менамояд. А.С. Макаренко иброз менамояд, ки кор, хизмат ва

фаъолият барои одами калонсол, чӣ қадаре ки аҳаммият доштa бошад, бозӣ ҳам дар ҳаёти бача ҳамон қадар аҳаммият дорад. Бача дар бозӣ чӣ хел ки бошад, ҳангоми калон шуданаш, дар кор низ бисёртар ҳамон хел мешавад. Бинобар ин, тарбияи кӯдаки оянда пеш аз ҳама, ҳангоми бозӣ ба амал меояд [98, с.45].

Мавқеи бозиҳо дар ташкилу гузаронидани идҳо, дилхушиҳо дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии таҳсилоти томактабӣ, махсус, таъкид карда шуда, мақсаду мазмуни онҳо вобаста ба давраҳои синнусолии инкишофи кӯдакони синни томактабӣ муайян карда шудаанд.

Ба андешаи А.С. Макаренко, «тарбияи коргарони оянда набояд ба воситаи аз бозӣ маҳрум кардани кӯдак, балки ба воситаи чунин ташкилкунии он давом намояд, ки бозӣ дар бозии худ монаду дар бача хислати гражданин ва коркуни оянда тарбия ёбад» [98, с.46].

Мусиқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи МТТ мавқеи хосса дорад. Омӯзиши сарчашмаҳои методӣ, махсусан, нақшаҳои таълимӣ, тарбиявӣ аз рӯи барномаи «Рангинкамон», план-конспектҳои таълимӣ, сенарияҳои фарҳангӣ ҳамчун воситаи инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мусоидат менамояд:

1. Дар машғулиятҳои таълимӣ;
2. Бозиҳо;
3. Варзиши пагоҳирӯзӣ;
4. Дилхушиҳо;
5. Бозиҳои саҳнавикардашуда ва театри лӯхтак;
6. Иду ҷашнвораҳо.

Дар МТТ мусиқиро дар ҳамаи машғулиятҳои таълимӣ, махсусан, дар тамоми чорабиниҳои тарбиявӣ ва машғулиятҳои инкишофи нутқ, шинос намудани кӯдакон бо адабиёти бадеӣ ва муҳити атрофе, ки моро иҳота кардааст, фаъолияти тасвирӣ, инчунин тарбияи ҷисмонӣ истифода бурдан мумкин аст.

Масалан, дар раванди кори таҳқиқотӣ ба мураббия, ҳангоми машғулияти расмкашӣ аз рӯйи мавзуи «Фаслҳои сол» барои кӯдакон мусиқии орому фараҳбахш, асари Амирбеки Мӯсо «Тирамоҳ»-ро пешниҳод намудем. Дар раванди машғулияти шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ-хондану нақл кардани афсонаи халқии тоҷикӣ «Рӯбоҳ ва лаклак», асари Х. Абдуллоев мусиқӣ бо овози паст, маҳину форам садо дод. Мушоҳида нишон дод, ки мусиқӣ на танҳо болидаруҳии кӯдаконро таъмин намуд, инчунин ба болоравии сатҳу сифати расм дар мавзуи «Тирамоҳи заррин» мусоидат намуд. Ҳангоми саволу ҷавоб аз рӯйи мазмуни афсона кӯдакон кӯшиш намуданд бо ифоданокии нутқи худ диққат диҳанд.

Бозиҳо бояд бо истифодаи асарҳои мусиқӣ, бозичаҳои мусиқӣ дар ҳаёти ҳарррӯзаи кӯдакон мавқеи махсусро ишғол намоянд. Онҳо ба кӯдакон имконият диҳанд, ки таассуроту тасаввуротҳои нав ба вуҷуд оянд. Ин таассуроту тасаввурот ва донишҳо ба инкишофи мустақилнокӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва маҳорату қобилияти ташкилотчигии онҳо мусоидат хоҳад кард. Истифодаи мусиқӣ на танҳо дар машғулиятҳо ба кӯдакон тавсия карда мешавад. Чунки мусиқӣ на танҳо ба руҳия ва ҳолати эҳсосотӣ, шунавоӣ-мусиқӣ, инчунин ба болоравии қобилияти кории дил, мушакҳо, узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, нафаскашӣ ва кулли фаъолияти ҷисми кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

Дар чорабиниҳои фарҳангӣ рӯзҳои ид барои фароғати кӯдакон ташкил карда шуда, интихоби онҳо вобаста ба иштирокашон (мусиқачиён ва тамошобинон) аз тарафи роҳбари мусиқӣ ва мураббияҳои гурӯҳ ташкил ва роҳбарӣ карда шуд.

Ба барномаҳои дилхушиҳои мусиқӣ чунин шаклҳои кор дохил карда мешаванд:

- иҷро намудани супоришҳои шавқовар, гузаронидани саҳначаҳо;

- ичро намудани ҳаракатҳои мавзуни рақсие, ки дар машғулиятҳои мусиқӣ азхуд намудаанд;
- истифодаи шеър ва суруд дар рафти чорабиниҳои фарҳангӣ.

Яке аз шартҳои муҳимми чорабиниҳои фарҳангӣ мавчудияти толори фарҳангӣ мебошад. Толор бояд идона ороста, сарулибосҳои кӯдакон мувофиқ ба чорабинӣ бошад. Роҳбари мусиқӣ дар машғулиятҳои суруд ва мусиқӣ идҳои мусиқиро чаззобу диққатчалбкунанда ташкил менамояд. Истифодаи мусиқӣ ба ид таровату шукӯҳи тоза бахшида кӯдаконро руҳбаланду ҳассос мекунад ва бо ин роҳ тарбияи ҳиссиётҳои ахлоқӣ ва зебоипарастиро инкишоф медиҳад.

Таъкид мекунем, ки тайёрӣ дидан ва ташкилу гузаронидани идҳои мусиқӣ бояд ба ҳаёти муътадили кӯдакон таъсири манфӣ нарасонад. Баъзан чунин ҳодисаро мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар натичаи пешакӣ «такрор ба такрор» ичро намудани барномаҳо кӯдакон, ки аз фанҳои дақиқ руҳан монда шудаанд, ба идҳо шавқмандиашонро гум мекунанд. Ид натичаи кори мунтазами роҳбари мусиқӣ буда, ҳаррӯза аз тарафи мураббия мушоҳида карда мешавад.

Дар доираи фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ ташкили идҳо ва чорабиниҳои фароғатӣ ҳамчун унсури муҳимми кори тарбиявӣ ва ташкили вақти дилхушиҳои мусиқии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Банақшагирӣ ва гузаронидани идҳо ва фароғат чанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- интегратсия ба раванди таълим дар бораи идҳо ва расму оинҳо;
- ташкили экскурсия ва саёҳатҳо дар атрофи маҳалла бо мақсади шинос намудани кӯдакон бо омодагии онҳо ба чашнвораҳо ва гузаронидани чорабиниҳо аз тарафи роҳбари мусиқӣ, инчунин мурабби ва аъзоёни оила;
- мувофиқи нақшаи Вазорати маориф ва илми Чумҳурии Точикистон омода кардани кӯдакони таҳсилоти томактабӣ барои

иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ истифодаи нақшаи кӯдакистон таҳия кардани барномаи фарҳангӣ ва омода кардани сенария, инчунин азёд кардани сурудҳо, иҷрои рақс, омода намудани утоқи фарҳангӣ ва либосу ниқобҳои кӯдакона;

- гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ мувофиқи нақшаи тасдиқшудаи мудири кӯдакистон ва иштирок намудани кӯдакон, аҳли хонавода ва кормандони муассисаи томактабӣ;

- иштироки аҳли хонавода, мутахассисон дар ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангӣ барои тамошо кардани театри лӯхтак, расму наворҳо ва филмҳои тасвирӣ, дар барномаи идона бо иштироки гурӯҳ ва кормандони кӯдакистон.

Дар қатори дигар намудҳои санъат ҳунари овозхонӣ яке аз намудҳои асосии фаъолияти мусиқии кӯдакон дар доираи дилхушиҳои мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни омӯзиши сурудхонӣ қобилияти фаҳмидани оҳанг (гӯш кардани мусиқӣ) нақши калон мебозад. Аз ин рӯ, аз машғулиятҳои аввал ба кӯдакон гӯш кардани мусиқӣ омӯзонида мешавад. Роҳбари мусиқӣ барои дар ин ҷода ба муваффақият ноил шудан, ҷамъ овардану омӯзиши асарҳои баландмазмун ба дарки кӯдакон бархӯранда зарур шуморида шуда, чунин қисматҳоро бояд доро бошад.

Дар ташкилу баргузории иду ҷашнвораҳо фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мавқеи асосиро ишғол мекунад. Барномаи иду ҷашнҳо бо ҳамкории роҳбари мусиқӣ, мураббия, мушовир ва сарвари МТТ барномарезӣ карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки намудҳо, шаклҳои ташкили фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мазмун, хусусият, мақсаду вазифаҳои таълиму тарбиявӣ ва нақши инкишофдиҳандагии шахсияти кӯдаконро дорад.

Дар раванди таҳқиқот ба мушкилоти умумии эҷодиёт ва эҷодкории кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунии онҳо таваҷҷуҳ дода шуд. Агар фаъолияти кӯдакон дар бозӣ мунтазам набошад, балки як хислати фаъоли эҷодӣ бошад, ки ӯро доимо ба

амалиёт ҷалб кардан лозим дониста шуд. Дар он ҷое, ки ӯ бояд фикр кунад, эҷод кунад, пас ин фаъолият воситаи санҷиш ва рушди қобилиятҳо мебошад. Ин фаъолият эътибори мусбатро тақвият мебахшад, эътимод ба худро афзоиш медиҳад ва ҳисси қаноатмандиро аз муваффақияти бадастомада ташаккул медиҳад. Ин андеша талаб менамояд, ки принсипи таълим ва тарбияи мусиқии кӯдакон дар раванди бозикунӣ ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни ташкилу баргузории кори таҷрибавӣ мо чунин принсипҳои таълимиро ба ҳисоб гирифтем:

- инкишоф ва ташаккули маҳорату қобилияти эҷодии кӯдакон дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва бозиҳои эҷодӣ бояд мусоидат намояд;

- системанок баҳодиҳӣ ва кумаку дастгирӣ дар ҳавасмандкунии кӯдакон барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ.

Таҳқиқот оид ба рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ дар гурӯҳҳои кӯдакони синни калони томактабӣ ва гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти томактабии №34-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, кӯдакистони №1-и шаҳри Ҳисор ва кӯдакистони хусусии “Наберача” дар солҳои таҳсили 2018-2024 гузаронида шуд. Дар он 157 нафар кӯдакон, 6 нафар мураббия ва 3 нафар роҳбарони мусиқӣ иштирок намуданд. Синни соли кӯдакон аз 5 то 7-соларо ташкил намуд.

Марҳилаи аввал ду зинаро дар бар гирифт. Дар зинаи аввал оид ба вазъи таълим, барои инкишоф додани қобилияти кӯдакон гузаронидани суҳбат бо мураббияҳо, роҳбарони мусиқӣ, инчунин омода кардани гӯшаҳои мусиқӣ дар толори мусиқӣ, ташкили маҳфилҳои эҷодӣ нақшаҳои кории роҳбарони мусиқӣ шинос ва ташкил карда шуд.

Дар зинаи дуюм, марҳилаи муаррификунанда, ё худ ташхиси педагогии сатҳи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон амалӣ гардонда шуд. Моҳияти ташхиси педагогӣ аз омӯзиши сатҳу сифати қобилиятҳои

мусиқӣ-эҷодӣ иборат буд. Ин марҳиларо, пеш аз ҳама, муқарраршуда ҳисобидем, зеро сатҳи инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон дар ҷараёни бозӣ муайян карда шуд.

Марҳилаи муқарраршуда ё худдиагностикӣ ва педагогӣ сатҳи инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдаконро дар раванди дарсҳо ва бозиҳо мувофиқи меъёрҳо ва нишондодҳои барномавӣ муайян мекунад.

**Ҳадафҳои амиқ ва мушаххаси марҳилаи аввал:**

1. Аниқ кардани хусусиятҳои сатҳи нишондиҳандаҳои сатҳи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, ки дар Зербоби якуми кори таҳқиқотӣ аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ шудааст.

2. Гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили маводи илмию амалӣ, ки дар асоси онҳо маълумот оид ба ташхиси қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ таҳия карда шавад. Маълумоти бадастомада дар бораи дараҷаи ибтидоии инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ маълумот дода метавонад.

Аз сабаби мавҷуд набудани маводҳои илмӣ, методӣ бо забони тоҷикӣ мо аз таҳқиқотҳои олимони кишвари Русия, ки ба масъалаи инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон бахшида шудаанд (Н.А. Ветлугина, А.Г. Гогоберидзе, И.В. Груздева, К.Б. Тарасова, Ю.Б. Алиев, К. Орф, Н.Г. Чуприна ва дигарон) истифода бурдем, ки онҳо ба самти таҳқиқоти мо наздиктаранд. Инчунин, вазифаҳои ташхисӣ дар таҳқиқот оид ба муайян кардани нишондиҳандаҳои рушди қобилияти мусиқии кӯдакон таҳия карда шуданд [27, с.45], [44, с.17], [163, с.153], [9, с.23], [64, с.21], [181, с.15].

Аз тарафи О.П. Родинова мониторинги рушди мусиқии кӯдакони аз се то ҳафтсола аз рӯйи се меъёр рушди соҳаи эҳсосотии онҳо:

1) дар фаъолияти мусиқӣ ва бозӣ;

2) инкишофи муносибатҳои байнишахсӣ дар кӯдакон;

3) эҷодиёти коллективӣ нишон дода шудаанд [136, с.86].

Омӯзиши ташхисӣ барои муайян кардани се зуҳуроти асосии мусиқӣ дар кӯдак гузаронида шуд. Ҳисси модалӣ, намоишҳои мусиқӣ ва шунавоӣ, эҳсос намудан ритм дар ташкили корҳои ислоҳӣ мутобиқи хусусиятҳои фардии кӯдак, ки онҳоро А.Г. Гогоберидзе зикр намудааст. И.В. Груздева ташхиси ташаккулёбии рушди мусиқии кӯдакро пешниҳод намудааст, ки он ташаккули эҳсосоти эмотсионалӣ ва мусиқиро муайян мекунад. Инчунин, ҳадафи ташхис муайян кардани сатҳи рушди қобилияти мусиқии кӯдакон дар зерхати «усулҳои тарбияи мусиқии кӯдакон» буд, ки он аз тарафи А.П. Алиев коркард шудааст. Ӯ яке аз муҳаққиқони масъалаҳои муосири тарбияи мусиқии кӯдакон мебошад. Ю.П. Алиев усулҳои анъанавии ташхиси қобилияти мусиқӣ, тафтиш ва баҳогузорӣ кардани онҳоро пешниҳод намудааст. Мо бо ин восита на танҳо эҳсоси мусиқӣ-ритмикӣ, инчунин эҳсоси сарояндагиро низ бояд ташаккул диҳем [42, с.190], [46, с.17], [8, с.25].

Ҳангоми таҳқиқи масъалаи мушкилоти таълими муосири бадеӣ Н.Г. Куприна ба техникаи ташхиси ташаккули қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ ва истифодаи бозиҳои мусиқӣ ва коммуникатсионӣ махсус таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ҳангоми ба интихоби вазифаҳои ташхисӣ ба техникаи ташхисӣ барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ рӯ овардааст [81, с.43].

Сатҳи инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ аз рӯи нишондодҳои пешниҳодкардаи Н.Г. Куприн метавонад баланд, миёна ё паст бошад ва аз омилҳои зерин вобаста аст: эҳсос ва дарки мусиқӣ. Хусусияти ҳаракатҳои рақс, ки кӯдак интихоб кардааст, аз ҷумла ҷаҳидан, қадамҳои мушаххас ва гардиши ҳамвор, мутобиқати имову ишора ва аксуламалҳои овозию нутқи кӯдак. Минбаъд ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимиву тарбиявӣ мавҷудияти тавзеҳоти лафзӣ барои иҷрои амалҳо, ҳаракатҳои рақсӣ зери оҳанги мусиқӣ имконият медиҳад, то қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ рушд ёбад [81, с.21].

Барномаи “Рангинкамон”, ки соли 2012 таҳия шуда буд, татбиқи мушобеҳе надошт, ҳарчанд қонун, вижагиҳои усулҳои таълим, тарбия ва рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва неруи эҷодии ҳамаи кӯдакон заминаи умумӣ доранд.

Дар ин раванд хусусияти мусиқӣ ва омилҳои таъсиррасон, садою иҷрои онҳо шояд фарқияти ҷузъӣ дошта бошанд [62, с.128].

Яке аз аломатҳои инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ин мутобиқ кардани ҳаракаткуниҳо ҳангоми импровизатсияи сурудхонӣ ва шеърхонӣ, иҷрои ҳаракату амалҳо ҳангоми бозикунӣ буда, барои ба ин ҳадаф расидан вазифаи зерин иҷро карда мешавад:

1. Дар ҷараёни таълими кӯдакон маҳоратро дар иҷрои ҳаракатҳо ба самтҳое, ки ба жанрҳои гуногуни мусиқӣ, аз ҷумла, рақсҳои халқӣ хос аст, инкишоф додан лозим аст. Дар ин маврид, ангезаҳои ҳам мусиқии анъанавӣ ва ҳам муосир бояд ба назар гирифта шаванд. Ба монанди: ҳангоми кӯдаконро барои ракс 2,4,6,8 - нафарӣ қатор шудан, шаклҳои давра, ситора, дарвоза ва ғайраҳоро созмон дода, баъд боз ҳаракатҳои мавзуни рақсиро иҷро намудан.

2. Корро оид ба иваз кардани зергурӯҳҳои кӯдакон, ду, чор, шаш-нафара ва воридшавии саривақтии онҳо ба гурӯҳҳои хурд идома дода, то охири амал маводҳои зарурӣ истифода бурда шаванд (бо истифодаи гулҳо, кӯза, тасмаҳо, рӯмолча, қошуқ, табақ дар болои сар ва ғайраҳо).

3. Дақиқ кардани ҳаракатҳое, ки кӯдакон ҳангоми бозӣ, рақскунӣ онҳоро якчанд маротиба такрор мекунанд, пештар омӯхта шаванд.

Ба андешаи мо, инҳо воситаҳои ифодакунандаи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон шуда метавонанд:

1. Мувофиқ бо оҳанги зебо иҷро намудани ҳаракатҳои рақсӣ зери садои мусиқӣ;

2. Мазмуни мусиқиро дар ҳаракатҳои рақсӣ ифода карда тавонистан;

3. Мувофиқи синну сол соҳиб будан ба маҳорату малакаҳои рақсӣ ва идоракунии ҳаракатҳо дар рақс;

4. Ба дигар намуди фаъолиятҳо (таълимӣ, меҳнатӣ, муоширату муколама) ба таври эмотсионалӣ муносибат намудан.

Мо кӯшиш намудем вазъи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро пайгирӣ намоем ва дар он супоришҳои ташхисиро истифода барем. Мақсади пешниҳоди вазифаҳои ташхисӣ: омӯзиши сатҳи инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ, инчунин дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, муайян кардани сатҳи инкишофи қобилияти дарки имкониятҳои эҷодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар аввал чунин супориши ташхисиро истифода бурдем: Баъди шунидани мусиқӣ мазмуни онро кӯдакон бояд дар расм тасвир намоянд, яъне шунидани оҳанги Ш. Сайфиддинов «Зимистон». Пеш аз шунидани оҳанг дар бораи боби зимистон бо 26 нафар кӯдакон суҳбат баргузор карда шуд. Аввал кӯдакон мусиқиро бодиққат шуниданд ва дар заминаи тасаввуротҳо манзараи боби зимистонро тасвир намуданд. Инчунин, шеъри М. Ҳайдаршо «Бобои барфин»-ро 3 нафар ба қисмҳо ҷудо карда, азёд хонданд. Ҳангоми расмкашӣ мусиқӣ бо оҳанги Ш. Сайфиддинов садо дод.

Ташхиси педагогӣ оид ба рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ аз шунидани мусиқӣ, тасвири боби зимистон дар расм, баҳодиҳӣ, иҷрои супориши амалӣ, ба вазъи нутқронӣ, яъне натиҷаи ташхиси педагогӣ чунин буд; 6 нафар дараҷаи баланд; 12 нафар миёна; 7 нафар паст ва 1 нафар аз уҳдаи супориш баромада натавонист. Ин як нафар дар аввал кӯшиш намуд дар суҳбат иштирок намуд, вале тасвири боби зимистон дар фаъолияти расмкашӣ ба ӯ муяссар нагардид.

Бештари кӯдакони таҳсилоти томактабӣ аз уҳдаи вазифаи пешниҳодшуда баромада натавонистанд. Чун қоида, кӯдакон аз рӯи намуна, асарҳои эҷодӣ тайёр карданро афзалтар медонанд. Онҳо бештар одами барфӣ, арча, шамол, бобои барфӣ, дарахти бебарг, дастпӯшак,

каллапӯши гармро тасвир карданд, ки ба ҳаёту бозиҳои зимистона мутааллиқ буданд. Инчунин, кӯдакон тавонистанд ба таври шифоҳӣ доир ба зимистон, хотираҳо, таассуротҳои арзишмандро иброз намоянд. Мушоҳида гардид, ки кӯдакон зиёдтар ба саволҳои ёридиҳанда ва луқмадиҳанда ниёз доранд. Ҳангоми эҷод кардани оҳанг ба матни пешниҳодшуда, кӯдакон кӯшиш намуданд матни шеърро, ки пештар азёд карда буданд, бо оҳанги интихоб-намудаи худ сароянд.

Арзёбии тафтиши суръати афзоиши маҳорати эҷодии кӯдакон баромадан аз уҳдаи иҷрои хондани суруд чунин натиҷа дод: дараҷаи баланд 8 нафар 12 нафар сатҳи миёна, 4 нафар сатҳи паст ва 2 нафар кӯдакон, ки шармгин буданд, иштирок накарданд.

Бештари кӯдакони таҳсилоти томактабӣ барои иҷро намудани супоришҳо шавқу рағбати зиёд нишон доданд. Новобаста аз оне, ки оҳангҳо на он қадар асил буданд, кӯдакон кӯшиш менамуданд, ки оҳангҳои мувофиқу қолиб пайдо намоянд. Кӯдакон тавонистанд дар як нақши ҳазломез бо оҳангу суръати сурудхонӣ баромад намоянд. Кӯшиш намуданд ҳар яке худ оҳанги мувофиқ ба фаҳмишу тавоноии худро эҷод намоянд.

Ардашер қобилиятҳои фавқулодаи эҷодӣ нишон дода, на танҳо бо оҳангу садои оҳанг, инчунин бо истифода аз қиёфа ва ҳаракатҳои махсус қобилияти мусиқӣ-эҷодии худро нишон дод.

Дарёфти сатҳи рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон низ мавриди ташхиси педагогӣ гардид ва дар ин раванд низ иҷрои чунин супоришҳои ташхисиро истифода бурдем.

**Супориши 1**. Навохтани асбобҳои мусиқии бачагона. Таблакнавозӣ ва офаридани оҳанги рақсӣ. Натиҷаи иҷрои супориш бо меъёрҳои зерин арзёбӣ гардид: А-мувофиқати қолабҳои зарбзании аслӣ, ки аз меъёрҳои роҳбари мусиқӣ фарқ мекунанд. Б-истифодаи зарбзании қаблан азхудшуда бидуни нусхабардорӣ, ки амали зарбзании роҳбари мусиқиро нусхабардорӣ мекунанд; В-кам, таваҷҷуҳ накарданд.

**Супориши 2**. Эҷоди оҳангҳо бо истифодаи қошуқҳои чӯбин. Меъёрҳои арзёбӣ: А-композитсияи унсурҳои қошуқзании муназзам ва мувофиқ бо оҳанг ва ҳаракатдиҳии қошуқҳо бо низоми муайян; Б-танҳо қошуқҳоро дар даст нигоҳ дошта, ҳаракат додани онҳо; В-қошуқҳоро тамошо кардан.

Натиҷаи фаъолияти эҷодии кӯдакон дар навохтани асбобҳои мусиқии бачагона чунин буданд: А-сатҳи баланд-14 кӯдак дар сатҳи меъёр ва бояд қайд кард, ки дар эҷоди оҳанг бештар духтарчаҳо фаъол буданд; Б-сатҳи миёна 9-нафар, В-сатҳи паст 3-нафар кӯдак.

Машғулият дар байни кӯдакон шавқу рағбати калон пайдо кард, зеро онҳо навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона, махсусан дойрача ва таблакчаро хеле бозавқ менавохтанд. Ин асбобҳои кӯдакона дар рақсҳои миллӣ бештар ба кор бурда мешаванд ва кӯдакон заковат ва эҷодкории худро бо шавқу ҳаваси зиёд нишон доданд.

Мо дар рафти таҳқиқоти худ қобилияти эҷодии кӯдаконро ҳангоми баромади онҳо дар соҳаи оҳангсозӣ таҳлил кардем. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки 9 нафар кӯдакон дараҷаи баланди қобилият, 12 нафар дараҷаи миёна ва 5 нафар дараҷаи паст нишон доданд.

Бо мақсади ошкоркунии сатҳи рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон дар мусиқӣ ва сурудхонӣ иҷрои чунин супоришҳо пешниҳод гардиданд.

Супориши 1. Композитсияи рақсии «Обаки ширини мо», шеъри М. Миршакар, оҳанги Ё. Сабзанов. Барои арзёбии натиҷаҳо меъёрҳои зерин истифода шуданд:

А) оҳанги мусиқиро мешиносанд.

Б) ҳаракатҳо хусусияти умумии мусиқӣ ва суръати онро ифода мекунанд.

В) ҳаракатҳо аз рӯи тембр, ритм, оғози асар то охири он ба табиати мусиқӣ мувофиқат намекунанд.

Г) ҳолати эҳсосиро ифода карда тавонад, шодӣ, тааҷҷуб, шодӣ, андӯҳро бо ёрии мимика, имову ишора ва намуди зоҳирӣ баён карда тавонад. Мазмуни асарро равшан ва дуруст тавсиф карда метавонад.

Ғ) табъи мусиқӣ ва мундариҷаи композитсияро аз рӯйи табиати ҳаракатҳо бидуни зуҳуроти равшанӣ, ифодаҳои рӯй ва пантомима ифода мекунад.

Д) дар иҷрои фаъолият, ки мусиқӣ воситаи асосии нутқ аст, баён кардани маъно ва мазмуни асар барои кӯдакон кори душвор аст. Ифодаи чеҳра ва ҳаракатҳо, чун қоида, ба қадри кофӣ ифодакунанда нестанд.

Супориши 2. Эҷодиёти композитсионалӣ (мураккаби омехта). Оҳанг ва суруди халқии «Зебоҷон».

Зуҳуроти қобилияти эҷодӣ. Кӯдаконе ҳастанд, ки барои интиқол додани хислати мусиқӣ ё тасвири бозӣ бо ҳаракатҳои худ душворӣ мекашанд. Бо вуҷуди ин, онҳо хоҳиши иҷрои суруду рақсҳоро доранд. Онҳо метавонанд дар мусиқӣ ҳаракатҳои нав эҷод кунанд. Аммо кӯдаконе низ ҳастанд, ки барои интиқол додани хусусиятҳои мусиқӣ ё тасвири бозӣ аз ихтироъ кардани ҳаракатҳои худ даст мекашанд. Онҳо ба нусхабардории ҳаракатҳои кӯдакон ё калонсолон шуруъ мекунанд. Барои чунин кӯдакон мустақилона ҳаракатҳои шиносро дар мусиқии нав иҷро кардан душвор аст. Ғайр аз ин, мо корҳои эҷодии асарҳои мусиқии кӯдаконро омӯхтем. Натиҷаҳо нишон доданд, ки 8 нафар кӯдакон қобилияти баланд, 14 нафар кӯдакон дараҷаи миёна ва 4 нафар кӯдакон дараҷаи паст доранд. Дар байни онҳо кӯдаконе ҳастанд, ки мушкилоти муайяни инкишоф доранд.

Зуҳуроти қобилиятҳои эҷодӣ дар кӯдакон метавонад дар шаклҳои гуногун ифода карда шавад. Баъзе кӯдакон тасаввуроти худро тавассути эҷоди ҳаракатҳои беназир, имову ишораҳо ва комбинатсияҳои аслӣ барои интиқоли хусусиятҳои мусиқӣ, тасвирҳо ё бозиҳо нишон медиҳанд.

Дар рафти иҷрои ин вазифа ба кӯдакон хислат, ҳаракат ва кирдорҳои қаҳрамон - Зебоҷон (мимика, пантомима) осон набуд. Баъзе кӯдакон шармгин буданд, вале аксарият нақшҳои худро бо шавқу ҳавас бозӣ мекарданд.

Баъди гузаронидани таҳқиқоти ташхисӣ дар марҳилаи аввал мо кӯшиш намудем, ки маълумотҳои бадастовардаро дуруст арзёбӣ намоем.

Дар озмоиши муайянкунанда гурӯҳи иборат аз 26 нафари кӯдакони синни калони томактабӣ ширкат варзиданд. Системаи нишондиҳандаҳо барои муайян кардани мушоҳидаҳо дар охири таҳқиқот ҷамъбаст карда шуд ва мо онро чунин арзёбӣ намудем:

1) Консепсияи қобилиятҳои эҷодӣ;

2) Таҳлили сатҳи инкишофи маҳорати мусиқию эҷодии кӯдакон дар фаъолияти хондани суруд ва иҷрои рақс;

3) Арзёбии дараҷаи инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон дар навохтани асбобҳои мусиқӣ;

4) Муайян кардани дараҷаи инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон дар зинаи таҳсилоти томактабӣ.

Ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали зерин оварда шудаанд.

Натиҷагирӣ дар давраи истифодаи ташхиси педагогӣ барои инкишоф додани рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони томактабӣ дар давраи муқарраркунанда.

**Ҷадвали 1.**

| **№** | **Ному насаби кӯдакон** | **Холҳо барои иҷрои супоришҳо** | | | | | **Холи умумӣ** | **Сатҳи қобилият** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | | |
| 1 | Ибрагимов Аҳмад | 4 | 4 | 4 | 5 | 4 | 21 | баланд |
| 2 | Муҳаммадзода Ёсуман | 4 | 4 | 4 | 3 | 5 | 20 | баланд |
| 3 | Ризоев Умар | 3 | 4 | 4 | 4 | 5 | 20 | баланд |
| 4 | Қобилов Билол | 3 | 3 | 4 | 4 | 3 | 17 | баланд |

**Давоми чадвали 1.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Сафаров Иброҳим | 3 | 3 | 4 | 3 | 3 | 16 | миёна |
| 6 | Қурбонзода Рустам | 1 | 3 | 3 | 4 | 4 | 15 | миёна |
| 7 | Ғиёсов Муҳаммад | 4 | 4 | 4 | 3 | 3 | 18 | баланд |
| 8 | Раҳимова Ҳумайро | 3 | 1 | 3 | 3 | 3 | 13 | миёна |
| 9 | Ризоева Моҳсиришт | 3 | 3 | 4 | 3 | 3 | 16 | миёна |
| 10 | Шарипова Сумая | 1 | 3 | 3 | 2 | 2 | 11 | миёна |
| 11 | Бурҳонова Шукрона | 3 | 4 | 4 | 2 | 2 | 15 | миёна |
| 12 | Қараев Абубакр | 3 | 1 | 1 | 3 | 4 | 12 | миёна |
| 13 | Самадова Нигина | 3 | 4 | 4 | 4 | 4 | 19 | баланд |
| 14 | Раҳимзода Нодира | 4 | 4 | 3 | 3 | 3 | 17 | баланд |
| 15 | Камилов Меҳрон | 3 | 2 | 3 | 3 | 3 | 14 | миёна |
| 16 | Қурбонзода Дониёр | 4 | 3 | 4 | 5 | 4 | 20 | баланд |
| 17 | Нажмиддинов Ҳаким | 4 | 3 | 4 | 2 | 3 | 16 | миёна |
| 18 | Зоиров Бенёмин | 3 | 4 | 3 | 4 | 5 | 19 | баланд |
| 19 | Бегназарова Фазила | 3 | 1 | 4 | 3 | 3 | 14 | миёна |
| 20 | Сунатов Лутфулло | 3 | 3 | 4 | 5 | 3 | 18 | баланд |
| 21 | Исоева Мунтахина | 1 | 0 | 2 | 1 | 3 | 7 | паст |
| 22 | Розиқов Вайсиддин | 2 | 3 | 4 | 4 | 2 | 15 | миёна |
| 23 | Қараева Фотима | 1 | 3 | 2 | 3 | 3 | 12 | миёна |
| 24 | Раҷабов Азамат | 2 | 3 | 3 | 3 | 3 | 14 | миёна |
| 25 | Нозимов Юсуф | 0 | 0 | 3 | 2 | 3 | 8 | паст |
| 26 | Шарипова Сумая | 1 | 3 | 3 | 3 | 1 | 11 | паст |

Эзоҳ: Илова бар ин, дар доираи омӯзиш дар 6 гурӯҳ корҳои психологию педагогӣ гузаронида шуданд, ки аз онҳо 3 гурӯҳ синни калони томактабӣ ва 3 гурӯҳ омодагии ба мактабро ташкил медоданд. Мақсади таҳқиқот муайян кардани сатҳи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ буд.

Натиҷаҳои холгузорӣ қариб баробар, бо ҳам монанд буданд. Мо сатҳи амиқи мобайнро интихоб намуда, ҷадвали мутааллиқ ба як гурӯҳи мазкурро таҳия ва баррасӣ намудем.




Аз ҷадвали дар асоси маълумотҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда маълум мегардад, ки аз 26 нафар иштирокчии ба ташхиси педагогӣ дохилшуда танҳо 10 нафар (39% аз шумораи умумии онҳо) сатҳи баланди инкишофи қобилияти мусиқию эҷодиро нишон медиҳанд. 11 нафари дигар (ё 42 %) дараҷаи миёна ва 5 нафар (ё 19 %) дараҷаи пастро нишон дод. Ҳангоми таҳияи ҷадвал ҳамаи холҳо ҷамъ карда шуданд ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар сатҳи муайян баррасӣ гардиданд.

Дар вақти тартиб додани ҷадвал ҳамаи нуқтаҳои дар вақти иҷрои супоришҳо гирифтаи иштирокчиён бодиққат ҷамъ карда шуда, дар бораи дараҷаи инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии онҳо суҳбати муфассал барпо гардид. Ҳамин тавр, 10 нафар кӯдакон дараҷаи баланди инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодиро нишон доданд. Супоришҳои ба кӯдакон пешниҳодшуда нисбатан сода буданд. Мо кӯшиш кардем, ки порчаҳои шунидаамонро муфассал шарҳ диҳем ва дар таҷассуми образҳои мусиқӣ маҳорат нишон диҳем. Раванди дар асбобҳои мусиқии кӯдакона офаридани суруд ва нақшҳои ритмикӣ ба мо ҳаловати зиёд бахшид.

Супоришҳоро бо иштироки мураббия, роҳбари мусиқӣ муҳокима намудем. Мо бо хушнудии зиёд қобилияти эҷодии кӯдаконро дар сурудхонӣ ва иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ, навохтани асбобҳои мусиқии бачагона низ таҳлил намудем. Аксарияти кӯдакон сатҳи миёнаи рушд доранд, ки 11 нафарро ташкил доданд.

Кӯдакон маҳорати расондани табъи асарҳои худро мукаммал азхуд кардаанд. Дар гузаронидани таҷриба панҷ нафар кӯдакон буданд, ки дараҷаи инкишофи онҳо дар сатҳи паст буд. Ин кӯдакон дар иҷрои супориш ба душвориҳои зиёд дучор меомаданд, дар онҳо бештар шармгинӣ зоҳир менамуданд.

Дар вазифаи аввалини оиди ба муайян намудани рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон сатҳи баланд нисбати сатҳи миёна камтар ҷой дошт. Онҳо комилан дарк намуданд, ки минбаъд чунин қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодиро инкишоф додан мумкин аст.

Дар таҳқиқотҳои илмии О.П. Радинова ҳангоми ташхиси сатҳи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ тавсия дода мешаванд, ки бояд кӯдакон нишондиҳандаҳои зеринро ба даст оварда тавонанд:

1. Мусиқиро кӯдакон бояд аз аввал то охир гӯш карда тавонанд ва номгӯи асарҳои мусиқӣ, номҳои бастакоронро дар хотир нигоҳ доранд.

2. Мустақилона ҳаракатҳои рақсиро иҷро намуда, супоришҳои калонсолонро бо хушнудӣ дар сурудхонӣ ва рақс кардан пазирой намоянд.

Бозиҳои дидактикии мусиқӣ қисми таркибии машғулиятҳои тарбияи мусиқиро ташкил намуда, барои азхуд намудани барномаи таълимиву тарбиявии мусиқӣ мусоидат мекунанд ва андешаи А.С. Макаренкоро тасдиқ менамоянд, ки «бозӣ ба бача хурсандии бепоён мебахшад. Ин ё он хурсандии эҷодӣ, ё хурсандии ғолибият, ё хурсандии эстетикӣ, ё хурсандии сифат мебошанд» [98, с.79].

Азбаски дар кори мо таҳқиқоти бозиҳои дидактикӣ-мусиқӣ ҳамчун воситаи муҳимми инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ вазифаи таҳқиқотӣ интихоб нагардида буд, мо дар ташхиси педагогӣ ба нақши он таваҷҷуҳ накардем, зеро он ба таҳқиқоти махсуси илмӣ эҳтиёҷ дорад. Иҷрои вазифаҳои инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар ҳаёти ҳаррӯза ташкил карда шуд. Онҳо ба таври фардию гурӯҳӣ, инчунин дастаҷамъона роҳандозӣ шуданд. ки дар онҳо мураббияҳо, роҳбари мусиқӣ, аҳли хонавода тавонистанд, ки маърифати кӯдаконро баланд бардоранд.

Дар марҳилаи якуми кори таҳқиқотӣ мушкилот ва фаъолияти роҳбари мусиқӣ ва ҳамкории он бо мураббия кори таҳқиқотӣ баррасӣ гардид:

- кам будани теъдоди роҳбарони мусиқӣ ва фаъолияти онҳо дар кӯдакистон ва кам будани соатҳои таълимӣ, барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ва сатҳи пасти нокифоягии фаъолияти касбии онҳо баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ дар МТТ;

- омода набудани худи мураббияҳо, ки онҳо бояд шахсони масъул ва ҷавобгар ба тарбия ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон бошанд.

- дар кӯдакистонҳо суст будани заминаи моддӣ-техникӣ.

Таҳқиқот ва мушоҳидаҳо нишон доданд, ки гуногунранг ва якхела будани асбобҳои мусиқӣ метавонад истифодаи онҳоро душвор гардонад.

Таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ, асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, инчунин таҷрибаи амалии омӯзгорони соҳаи санъати мусиқӣ ва мураббияҳо ба таври боварибахш собит мекунанд, ки ҳамаи намудҳои бозиҳои дар ихтиёри кӯдакон буда, ба инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат мекунанд.

Намунаи амсилаи истифодаи бозиҳоро дар иҷрои супоришҳо оид ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон баррасӣ намуда, онҳоро дар

раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мувофиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда истифода бурдем.

**Амсилаи истифодаи бозиҳо дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон**



Бояд тазаккур дод, ки салоҳиятҳои касбии роҳбарони мусиқӣ, ки бо кӯдакон дар доираи МТТ кор мекунанд, бояд дар маҳорати истифода бурдани бозиҳои миллии халқи тоҷик, иҷрои асарҳои фолклорӣ ва ғайра ифода ёбад. Қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар сатҳи баланди рушд қарор доранд. Кӯдакон дар ҷараёни фаъолияти бозӣ хоксор ва шармгин буданд ва дар иҷрои аксари корҳо душворӣ мекашиданд. Қобилияти эҷодии онҳо инкишоф ёфт, аммо онҳо ба эҷодиёти худ эътимод надоштанд ва аз хурдтарин нокомиҳо хафа мешуданд. Кӯдакон мушкилоти рушди малакаҳои хуби моторӣ, инчунин ба кор бо атрибутҳо ва асбобҳои мусиқии кӯдакона доштанд.

## 3.2. Кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он

Натиҷаи ташхиси педагогӣ ё худ марҳилаи муқарраркунандаи кори озмоишӣ нишон доданд, ки аз 157 кӯдак 49 нафар дар сатҳи баланд (31,0 %), 85 нафар сатҳи миёна (54,4 %) ва 23 нафар дар сатҳи пасти (14,6%) рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар фаъолияти бозикунӣ қарор доштанд. Мо ин натиҷагириро дар ҷадвал чунин тасвир намудем.

**Вазъи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар бозикунӣ дар марҳилаи муқарраркунанда:**

Ҷадвали 3

| **Сатҳи рушд** | **Озмоишшавандагон** | |
|---|---|---|
| | **Нафар** | **Ба ҳисоби %** |
| Баланд | 49 | 31 % |
| Миёна | 85 | 54 % |
| Паст | 23 | 15 % |
| Ҳамагӣ | **157 нафар** | **100 %** |

Маълумоти бадастомода моро ба таҳқиқи амалии фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ роҳнамоӣ карданд, ки ба рушди қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодӣ дар кӯдаконӣ синни томактабӣ равона намуданд. Маҷмуи

чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методӣ ба нақша гирифта шуданд.

Давраи дуюми кори таҷрибавӣ аз ду марҳила иборат буд.

Марҳилаи якум ба нақша гирифтани корҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ дар МТТ, муайян намудани мушкилоти гузаронидани чорабиниҳои мусиқию бозикунӣ, инчунин таъминоти моддӣ ва мавҷуд будани асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизоти зарурӣ ва вақти гузаронидани чорабиниҳо бо маводҳои таълимӣ ва асарҳои омода кардани матни шеъру суруд; фолклори бозӣ, сенарияи фаъолияти таълимӣ, бозиҳои шавқовар, фароғатӣ, ид ва ғайра ба назар гирифта мешаванд.

Марҳилаҳои дуюми татбиқи фарзия дар кори таҳқиқотӣ оид ба бозиҳои халқӣ бо истифодаи фолклори бозикунӣ ва бозиҳои эҷодии саҳнавикардашуда, бозиҳои нақшофарии мазмундорро ташкил мекарданд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми банақшагирии фаъолияти мусиқӣ-бозикунии кӯдакон иҷрои талаботҳои реҷаи рӯз, сатҳи тайёрии касбии мураббияҳо, роҳбарони мусиқӣ, шавқу рағбат ва хоҳишу талаботҳои худи кӯдакон ба ҳисоб гирифта шуданд. Инчунин, сатҳи омодагии касбии мураббия ва роҳбари мусиқӣ барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодкории кӯдакон дар фаъолияти бозикунӣ хеле муҳим аст.

Онҳо дар раванди фаъолияти бозикунии кӯдакон ба инкишофи психикӣ, азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Дар марҳилаи ташхисӣ-муқарраркунанда маълум гашт, ки истифодаи онҳо дар таълим, тарбия ва рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар раванди машғулиятҳои мусиқӣ ва бозикунӣ хеле кам дида мешаванд. Мо дар таҳқиқоти худ кӯшиш ба харҷ додем, ки дар кори озмоишии худ аз жанрҳои фолклорӣ барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ истифода барем ва фаъолияти бозикунӣ ва рушди қобилияти эҷодии кӯдаконро нишон диҳем.

Фолклоршиноси шинохтаи тоҷик Б. Шермуҳаммедов ҳангоми ҷамъоварӣ, таҳлил ва баррасии фолклори мавсимии бачаҳо ба фолклори бозикунӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст ва онҳоро вобаста ба вақту тарзи ба вуҷуд омаданашон, мутааллиқ буданашон ба ҳаёти яксолаи бачаҳо ба фолклори айёми баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон ҷудо кардааст [190, с.46-37].

Таъкид карда мешавад, ки фолклори мавсимии бачагонаро сурудҳои мавсимӣ бахшида ба идҳои Наврӯз, айёми гулгардонӣ, маросими сумалакпазӣ, айёми киштукор, ҳосилғундорӣ, ҳаёти парандаҳо, ҷонварон ва ғайраҳо ташкил намудаанд. Бачагон инчунин чистонгӯию чистонёбӣ, хондани сурудҳои ҳаҷвӣ ва ҳазломез, дуоҳои манзум, афсонагӯӣ, сурудхонӣ, дар оғози бозиҳо истифодаи шумуракҳо ва ғайраҳоро мавриди қабул медонистанд. Таҳлили маводҳои пешниҳод намудаи Б. Шермуҳаммедов гувоҳи онанд, ки фолклори мавсимии бачагона низ ифодагари қобилияти эҷодкорӣ, хотираи устувори кӯдакону наврасон аст, ки он аз насл ба насл гузашта, такмилу баррасӣ ёфтани мазмун ва муҳтавои худро вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа таъмин менамояд” [190, с.163].

Боиси таассуф аст, ки дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон анъанаи эҷод ва истифодаи фолклори мавсимии бачагон фақат дар деҳаю ноҳияҳои алоҳида арзи вуҷуд дорад ва таҳқиқу баррасии онҳо аз нигоҳи фолклоршиносҳо, мусиқишиносҳо, фарҳангшиносон, этнографҳо ва дигар мутахассисони соҳаи таълиму тарбия то андозае дур афтодааст. Инчунин, истифодаи онҳо дар заминаҳои барномавӣ-методии фаъолияти МТТ, дастурҳои таълимӣ, таҷрибаи амалии кормандон хеле кам дида мешавад.

Гурӯҳбандии сурудҳои халқии бачагона мувофиқи мундараҷа ва хусусиятҳои бадеии назми халқии бачагона аз тарафи Б. Шермуҳаммедов чунин пайгирӣ карда шудааст:

1) сурудҳои алла, ки объекти он кӯдак ба ҳисоб меравад;

2) сурудҳои навозишӣ ҳамчун бозӣ бо мақсади лаззат бурдан ва меҳру муҳаббати кӯдаконро нисбат ба модар бедор намудан, ки навъҳои онҳоро мо дар кори таҷрибавӣ истифода мебарем;

3) сурудҳои маросимӣ дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат, ки онҳо зери таъсири ҳодисаҳои табиат, мутааллиқ ба маросимҳои "Гулгардонӣ", "Бойчечак", "Баҳори нав муборак бод", "Гули лола" ва ғайраҳо эҷод шудаанд. Инчунин, сурудҳои халқии бачагона, ки ба воқеаҳо, қувва ва ҳодисаҳои табиат, ҷонварон ва ғайраҳо бахшида шудаанд.

4) сурудҳои ғайримаросимӣ, ки тасвиркунандаи ҳаёти маишӣ, ҳодиса ва воқеаҳои муҳимми зиндаги буда, ки онҳо метавонанд сурудҳои ҳаҷвиро низ фаро гиранд.

Албатта, чунин гурӯҳбандӣ аз нигоҳи фолклоршиносӣ пешниҳод карда шудааст, ки мо онро аз нигоҳи педагогӣ ва психологӣ, аввало, мутобиқ ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, сониян, вобаста ба аҳаммияти онҳо дар рушди қобилияту маҳорати эҷодии кӯдакон қобили қабул медонем. Маълум аст, ки сурудҳои халқӣ ва адабии бачагона одатан ҳаҷман хурд буда, дарку азхуд кардани онҳо ба хурдсолон тез муяссар шуда метавонад. Сониян, дар кӯдакон аз синни 2-3-солагӣ қобилияту маҳорати эҷоду истифодаи калимаю ибораҳои нав вуҷуд доранд ва онҳо дар забони тоҷикӣ минбаъд зиёдтар дар шакли қофиябозӣ зоҳир мегарданд. Ин раванд аз тарафи К.И. Чуковский дар асараш "От дувух до пяти" ("Аз ду то панҷсолагӣ") ифода гардидааст, ки сад сол муқаддам навишта шудааст ва то имрӯз арзишмандии худро гум накардааст" [180, с.308].

Дар адабиёти муосири бачагона шоира Л. Кенҷаева намунаи қофиябозиро дар эҷодиёти худ ба хурдсолон пешниҳод намудааст, ки он

низ дар рушди қобилияти эҷодкорӣ ва суханварии кӯдакон хеле муҳим аст [67, с.18].

Мушоҳидаҳо ва таҳлили рӯзномаю хотиранависии модарон, нақшаҳои тақвимии мураббияҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон мувофиқи рушди тафаккур, шавқу завқ, руҳияи эҳсосӣ, хушҳолию димоғчоқӣ, мавҷудияти захираи луғавӣ, тақлид кардан ба оҳангу мазмуни шеърҳо қобилияту маҳорати эҷодкории сухангӯӣ, қофиябозии худро нишон медиҳанд ва онро мунтазам такмил медиҳанд. Баъзан қофиябозиҳои онҳо ба суруди муайяни ҳаҷвӣ, ифодакунандаи руҳияи хушҳолию қаноатмандӣ мубаддал гашта метавонад. Ба кӯдакони синни томактабӣ шеъру сурудҳо ба истифодаи муколама хеле ҷаззобу ҳаловатбахш аст. Ба монанди шеъри халқии “Зоғи ало”, шеъри А. Азиз “Соат чӣ мегӯяд” ва ғайраҳо.

Имрӯз, ки раванди ҷаҳоншавӣ босуръат идома дорад ва тарбияи ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеа аст, хуб мешуд, барои иҷрои ин вазифа бештар:

- ба барномаи консертии кӯдакон ворид кардани рақсу сурудҳои бачагонаи халқҳои дигар дохил карда шаванд;

- шинос намудани кӯдакон бо асбобҳои мусиқии халқҳои дигар ва садои онҳо, инчунин усули истифодаи асбобҳои мусиқии бачагона амалӣ гарданд.

Додани маълумоти мухтасару дастрас доир ба жанрҳои мусиқӣ ва санъати рақсӣ (балет, опера, эстрада, фалак, шашмақом, рақси якка, марш, полка ва ғайраҳо), ки кулли онҳо дар чорабиниҳои фарҳангию сиёсӣ мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд, чунки онҳо ба мусиқидонию мусиқифаҳмӣ, рушди қобилияти эҷодкорӣ, ташаккулёбии шахсияти кӯдакони зираки ояндасоз, таҳаммулпазиру закӣ, соҳибзавқу эҷодкор мусоидат менамоянд.

Таҳлили барномаи чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, сиёсӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии МТТ нишон медиҳанд, ки на ҳама вақт мазмуну муҳтавои онҳо ба имконияту хусусиятҳои синнусолии кӯдакон мувофиқат мекунанд. Баъзан мазмун ва муҳтавои матнҳо ба дунёи маънавии калонсолон хос аст ва оҳангу услуби иҷрои он барои кӯдакон мушкил ва хастакунанда мегардад. На ҳама вақт муҳит ва вазъи ташкилу баргузории онҳо ба хусусиятҳои синнусолии хурдсолон мувофиқ карда мешаванд.

Омӯхтан ва таҳлили таҷрибаи МТТ нишон медиҳад, ки дар нақшаи барномаҳои (сенарияи) ташкилу баргузории идҳо бахшида ба санаҳои муҳимми таърихии кишвар мусобиқаҳои варзишӣ «О-фа-рин” иштирок дар озмуни “Ғунчаҳои санъат”, театри бозичаҳо, бозӣ зери ҳамсароӣ ва ғайраҳо на танҳо ба тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, инчунин ба рушди маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон таъсир мерасонад.

Шиносоӣ бо асбобҳои мусиқии миллии тоҷикӣ ва аврупоӣ, бозӣ бо онҳо ва иҷроиши мусиқӣ аз тарафи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимми педагогикаи мусиқӣ, инкишоф додани маҳорату малака, қобилияту истеъдоди мусиқафаҳмӣ ва эҷодкориро таъмин менамояд. Кулли шаклу намуд ва роҳу усулҳои фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ, мусиқӣ-эҷодии кӯдакону наврасон имрӯз ба таҳлилу таҳқиқи махсусу ҳаматарафаи илмӣ, илмӣ-методӣ ниёз дорад. Ҳангоми ташкилу баргузорӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҳқиқотӣ баҳисобгирии хусусияту имконияти таъсиррасонии оҳангу садои асбобҳои мусиқии миллӣ - дойра, таблак, чанг, дутор ва ғайраҳо хеле муҳим мебошанд. маҳорату қобилияти шунидану дарк кардан, дар хотир нигоҳ доштани онҳо имконият медиҳад, ки ба кӯдак садои асбобҳои мусиқии зарбӣ: дойра, таблак, дутор, қошуқҳои чӯбин; асбобҳои торӣ: дутор, рубоб, ғиҷҷак; асбобҳои нафасӣ: най, лабчанг, махсусан, асбобҳои мусиқии аврупоӣ-металафон, пианино, роял, гитара ва ғайраҳо мусоидат менамояд.

Иҷрои вазифаҳои зикргардида имконият медиҳанд, ки кӯдакон дар арафаи ба мактаб рафтан маҳорату қобилияти асарҳои мусиқии гуногунжанр, рақсҳо, сурудхонӣ, донистани қисматҳои асари мусиқӣ (оғоз, анҷом, такрор, нақарот), ифоданок суруд хондан, равиши мусиқӣ, бозиҳои халқиро аз дигар миллатҳо фарқ карда, маълумоти муфассал дошта бошанд.

Бозиҳои халқӣ, ки дар онҳо мусиқӣ, ҳазлу шӯхӣ, суруду таронаҳо, қофиябозию суханпардозиҳо, нақарот бо оҳанги дилчаспу навозишкорона садо медиҳанд, дар ташкилу баргузории фолклори бозикунӣ мақоми махсус доранд, дар инкишофи маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодкории кӯдакон низ нақши муҳимро бозӣ мекунанд. Дар рафти кори таҳқиқотӣ маълум гардид, ки онҳо на нигораҳои осорхонаҳо ҳастанд, ки даст расондану дигаргун сохтан ғайриимкон аст, балки вобаста ба имконият ва неруи тарбиявии худ, хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, муҳити таълиму тарбиявӣ, маҳорату малакаи ташкилу роҳбарии калонсол, шавқу рағбат, маҳорату малакаҳои худи кӯдакон доимо тағйиру такмил меёбанд.

Суханпардозию суханбозиҳо, ки ифодагари эҷодкории кӯдакони хурдсол низ мебошад, қофиябозӣ аст, ки онҳо ба гуфтану шунидани калимаю ибораҳои ҳамоҳанг, ҳаммаъно, ҳамрадиф, ҳамқофия майлу рағбати зиёд доранд. Ҳамқофия омадани овозу ҳиҷоҳо, калимаю ибораҳо вазну оҳанги махсуси онҳо форамиву таъсирбахширо ба шунаванда таъмин менамоянд. К. Чуковский санъату маҳорати суханэҷодкунии кӯдаконро таҳқиқ намуда навиштааст, ки қофияҳо дар назми хурдтаракон бояд дар фосилаи ба ҳам хеле наздик гузошта шаванд [182, с.263].

Мо мушоҳида намудем , на ҳама вақт қофиябандии онҳо мантиқан бо ҳам алоқаманд садо медиҳад ва барои таъмин намудани қофиябандӣ аз калимаҳои русӣ, узбекӣ, англисӣ истифода мебаранд. Ба андешаи мо,

маҳорату қобилияти қофиябандии кӯдак ба сатҳи забондонӣ ва суханварӣ, аз нигоҳи психологӣ ба тафаккури мантиқӣ-нутқии ӯ вобаста аст. Аввало, дар кӯдак маҳорати тез ба ёд овардану монандкунии калимаҳою ибораҳо аз рӯйи оҳанг ва вазн шакл мегирад. Сонияи, дар ин кӯдакон руҳия ва ҳисси эҷодӣ пайдо мешавад, ниҳоят, нозукиҳои забони модарии худро дар гуфтор дуруст талаффуз мекунанд, ки ин бо ҳама асоси инкишофи қобилияти бадеӣ, эҷодкорӣ, сурудхониро азхуд мекунанд.

Бинобар ин, барои қисми амалӣ-озмоишӣ мо ташкилу баргузории машғулиятҳоро дар мавзуъҳои "Лӯхтакҳоро алла мегӯем", "Ба лӯхтакҳо афсона нақл менамоем", "Лӯхтакҳо ба меҳмонӣ мераванд" - ро ба нақша гирифта, онҳоро ташкилу роҳбарӣ намудем ва онҳо мавриди натиҷагирӣ аз кори таҳқиқотӣ гардиданд.

Қимати машғулиятҳои мусиқии бозӣ дар он аст, талабот ва қобилиятҳои бадеӣ, мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ таъмин карда мешаванд ва ҳамаи кӯдакон аз аввали бозӣ то охири бозӣ ширкат меварзанд. Муҳаққиқон Б.З. Вулфов ва В.Д. Иванов таъкид менамоянд, ки шакли олии фаъолноки ин эҷодкорӣ аст ва ғояи олии педагогика-такмили сифати эҷодкории ҳар як кӯдаки тарбиятгиранда ва ҳар як мураббӣ мебошад [33, с.228].

Бозиҳои мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мувофиқи хусусиятҳои хоси онҳо метавонад хеле самаранок бошад. Ин ба рушди хаёлот, ки асоси тавоноии эҷодии кӯдак аст, мусоидат мекунад. Зуҳури фаъолияти эҷодии кӯдакон ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷаҳони атрофро беҳтар дарк кунанд ва ҷаҳони ботинии худро ошкор кунанд. Эҷодиёти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ дар инкишофи шахсияти кӯдакон нақши бениҳоят муҳим ҳисобида мешавад. Ин падида метавонад дар шаклҳои гуногуни эҷодиёти мусиқӣ, аз қабили санъати сурудхонӣ, иҷрои рақс ва навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона ифода ёбад.

Бозӣ омезиши кӯдаконро устувортар намояд. Зуҳуроти эҷодии онҳоро дар ритм, рақс нишон медиҳад. Дар раванди ташаккули эҷодиёти рақс кӯдак ба импровизатсия оғоз карда, симои мусиқию бозигарии худро эҷод мекунад ва онро дар рақс таҷассум мекунад. Барои ин зарур аст, ки кӯдак мусиқӣ, хусусиятҳо ва воситаҳои ифодаи онро фаҳмад, инчунин малакаҳои моториро дошта бошад.

Барои ташаккул додани маҳорати рақскунӣ лозим аст, ки кӯдакон вобаста ба мафҳуми мусиқӣ сарфаҳм рафта, дар рақс онро таҷассум намоянд инчунин ҳангоми иҷрои рақс бо ашёҳои хаёлӣ ҳаракат кунанд.

Ҳангоми иҷрои рақс фаъолияти кӯдакони таҳсилоти томактабӣ аз омӯхтани ҳаракатҳои мусиқӣ ва ритмикӣ вобаста аст. Яке аз шартҳои бомуваффақият истифода бурдани асбобҳо он аст, ки кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар навохтани асбоби мусиқии бачагона ва азхуд намудани усулҳои гуногуни ба вуҷуд овардани овоз маҳорати ибтидоӣ дошта бошанд.

Дар ҷараёни таълими мусиқӣ дар МТТ ва кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дарки хислат ва азхуд намудани образҳои мусиқиро дар ҳаракатҳо мақсаднок ташаккул додан лозим аст. Ин омӯзиш ба таҳияи усулҳои умумии фаъолияти мусиқӣ, ки барои ифодаи худшиносии эҷодӣ дар рақс заруранд, асос ёфтааст.

Дар кӯдакон майл ба иҷрои мустақилонаи ифоданоки ҳаракатҳо, тасвир кардани суруд ва асбоби мусиқӣ, инчунин муносибати эҷодӣ ба мусиқӣ ташаккул дода шавад. Эҷодиёти ҳамаҷонибаи рақсии кӯдак дар сурате имконпазир мегардад, ки қобилиятҳои мусиқӣ ва зебоипарастии ӯ пайваста ғанӣ гарданд ва ӯ имконияти мустақилият нишон диҳад.

Эҷодиёти кӯдакон дар таҳсилоти томактабӣ ба воситаи импровизатсия, ҳангоми навохтани асбобҳои мусиқӣ ва хондани суруд зоҳир хоҳад шуд, зеро ин ифодаи стихиявии таассурот дар асоси ҳаёт ва таҷрибаи мусиқии кӯдак мебошад. Барои инкишоф додани тафаккури

эҷодии кӯдакон таҷрибаи мусиқии онҳоро бой кардан лозим аст. Барои ин асарҳои машқ барои овоз ва асбобҳои мусиқӣ дар иҷрои мусиқачиёни касбӣ шунидан, воситаҳои ифодаи мусиқиро муҳокима кардан, тембрҳои асбобҳо ва имкониятҳои ифодаи онҳоро омӯхтан ва муқоиса кардан зарур аст.

Ҳангоми бозӣ ба воситаи машғулияти мусиқӣ ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки мутааллиқ ба мавқеи иҷтимоӣ (модар, бибӣ, апаи калон); одамони касбу кори гуногун (мураббия, духтур, омӯзгор, афсар, милитсионер, баҳрнавард); мутааллиқ ба қавму миллатҳои гуногун (аз рӯйи қиёфа, ранги пӯст, ороиши мӯй, либос) ва ғайраҳоро ифода намоянд. Умумияту хусусиятҳои лӯхтакҳоро ба ҳисоб гирифта, кӯдакон дар вақти хондани суруди “Алла”, бозиҳои нақшофарӣ, иҷрои рақсу суруди халқҳои гунонун, маҳорату қобилиятҳои бадеӣ-мусиқӣ-иҷрочигии худро зоҳир менамоянд ва такмил медиҳанд [190, с.35-40].

Дар фарҳанги тоҷикон санъати рақси миллӣ зиёдтар ба занон мутааллиқ дониста мешавад ва духтарчаҳо нисбат ба писарчаҳо бештар ба рақсу бозиҳои мусиқӣ, ки дар онҳо ҳам санъати рақс, қофиябозӣ ва ҳатто тақлидкунӣ ба усули иҷрочигии ҳунармандони шинохтаи санъату фарҳанг истифода бурда, амалу образҳои навро эҷод намоянд. Вазифаи педагогикаи томактабӣ, псхологияи бачагона ва соҳаи махсуси он назария ва амалияи таълим ва тарбияи мусиқӣ аз ин хусусиятҳои кӯдакон истифода бурдан аст.

Хусусияти таъсиррасонии психологӣ-педагогӣ ба бозиҳои мусиқӣ дар баробари мусиқӣ ва иҷрои амалҳои бозикунӣ аз либосҳои махсус мутааллиқ ба мазмун, тарзи истифодаи ашёву расмҳо, фаҳмондадиҳӣ, машқу такроркунӣ, суҳбат, руҳбаланду ҳавасмандкунӣ ва изҳори боварӣ ба неру ва тавоноии ҳар як кӯдак, баҳисобгирии майлу рағбат, маҳорату қобилият ва ғайраҳо таъсиррасонии мақсаднокро ба вуҷуд меорад.

Маҷмуи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдак дар раванди таълим ва тарбия инкишоф дода мешавад.

Бозиҳои ангуштӣ яке аз бозиҳои барои кӯдакони таҳсилоти томактабӣ хос мебошад. Онҳои боиси бо панҷаҳои даст ва фаъолияти узвҳои ҳискунӣ (ламскунӣ, шунавоӣ, биноӣ), мувофиқи мазмуни матн, бодиққат шунидан, зери оҳанги суруд ба ҳаракат овардани дасту панҷаҳо мегарданд. Аз иҷрои ин амалҳо ҳаловат бурдан, баъди такрори якчанд маротибаи бозӣ бо он тақлид кардан, истифодаи калимаю ибораҳои нав, минбаъд омӯзонидани бозиҳои ангуштӣ бо ҳамсолону хурдсолон, бо оҳангу суръати махсус ва ғайраҳо барои кӯдакон ҳаловатбахш аст. Маҳз аз насл ба насл гузаштани ин бозиҳо, тавлиди бозиҳои бо ҳам монанди ангуштӣ дар ҳамаи халқҳои дунё, дар тоҷикон низ дар ҳамин аст. Бозиҳои халқии “Омад - омад, чӣ омад” (бо тақлидкунӣ ба овози парандаҳо, ҳайвонҳо, техника), “Омад - омад, кӣ омад” (ба нишон додани ҳаракату амалҳои мутааллиқ ба одамони касбу кори гуногун, тасвирҳо), “Ҳавзак - ҳавзак” аҳаммияти тарбиявӣ доранд.

Кӯдакон дар марҳалаҳои ибтидоии инкишофи худ ба интонатсия ва тобиши забони модарӣ ва садову оҳанги мусиқӣ такя намуда, истифодаи калимаву ибораҳоро меомӯзанд, инчунин маънои матни шеъру сурудро мефаҳманд. Ин асоси омодагии ояндаи психологӣ, рушди зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ дониста мешавад.

Бозӣ воситаи инкишоф додани шуури қобилияти кӯдакон буда, барои онҳо василаи бой гардонидани таассурот, дониш ва эҳсосот мебошад. Инкишофи эҳсосӣ махсусан, дар ҷараёни бозии мусиқӣ самаранок сурат мегирад. Кӯдакон бо эҳсосот ва руҳияи қаҳрамонҳо шинос мешаванд, фаҳмидани зуҳуроти берунии онҳоро меомӯзанд ва сабабҳои пайдоиши ҳаловати мушаххасро мефаҳманд. Бозии театрӣ низ дар инкишофи нутқ нақши калон бозида, ба такмили муколама ва монологхо, инчунин маҳорати шифоҳӣ мусоидат мекунад.

Фаъолиятҳои бозии мусиқии кӯдакони синни томактабӣ шаклҳои гуногуни бозиро ифода мекунанд, ки онҳо ҳамчун воситаи таълими санъати мусиқӣ тавассути бозӣ хизмат мекунанд ва ба кӯдакон кумак мекунанд, ки ҷаҳони атроф ва худро беҳтар дарк кунанд. Ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, азхудкунии ин намудҳо ба инкишофи мусиқии кӯдакони синни томактабӣ таъсири мушаххас мерасонад. Аз ин рӯ, дар раванди тарбияи кӯдакон аз тамоми намудҳои фаъолияти мусиқӣ истифода бурдан ниҳоят муҳим аст.

Мушоҳида ва гузаронидани бозиҳо ба мо имконият дод, маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро боз ҳам такмил диҳем:

- иҷрои ҳаракати ангуштон нишон диҳед;

- тарзи иҷрои ҳаракати дасту ангуштон бо оҳанг ва мазмуни матн мувофиқат намояд;

- бо бозии худ шавқу рағбати кӯдаконро бо азхудкунии матн ва ҳаракати дасту панҷаҳо бедор намояд, то дар онҳо майлу рағбати бозикунӣ ва эҷодкорӣ, сурудхонӣ бедор гардад.

Дар МТТ тибқи талаботи барнома мураббӣ барои инкишоф додани эҳсос, идрок ва тасаввурот оид ба ранг, шакл, сифату хусусияти ашё, такмилдиҳии ҳаракати дасту ангуштон (муҳаррикҳои хурди ҳаракатӣ) маҷмуи махсуси бозӣ-машқҳо, бозӣ-машғулиятҳо, бозиҳои мусиқӣ-эҷодӣ, мусиқӣ-дидактикиро ба нақша мегирад.

Шартҳое, ки оид ба инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ ҳангоми бозикунӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бояд амалӣ гардонда шаванд, пеш аз ҳама, таъмини ҳолати мусбати эҳсосотии ҳар як кӯдак мебошад. "Арзишмандии таъмини ҳолати эҳсосотӣ-эмотсионалиро дар ташаккулёбии шахсияти кӯдак Б.В. Асафев чунин таъкид намудааст: "Эҳсоси ҳассосияти мусиқӣ ба омӯзонидани малакаҳои иҷтимоӣ таъсири зиёд мерасонад ва ҷабҳаҳои гуногуни характерро ташаккул медиҳад" [12, с.24].

Дар навбати худ, таваҷҷуҳи махсуси мо ба муносибати эҷодии роҳбари мусиқӣ ба фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ва ташкилу роҳбарии мураббия ба бозиҳои эҷодии онҳо алоқаманд буд.

Мушоҳида ва таҳлили фаъолияти роҳбари мусиқӣ нишон дод, ки қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро дар фаъолияти бозикунӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо намоем:

1. Фароҳам овардани шароити мусоид барои кӯдакон ва таъмин намудани муносибати эҳсосотии мусбат аз тарафи роҳбари мусиқӣ, мураббия ва ҳамсолон;

2. Таъмин намудани шароит барои худидоракунии ҳар як кӯдак ва имконияти зуҳуроти шавқу ҳаваси эҷодкорӣ;

3. Тарбия намудани муносибати арзишманди кӯдакон ба асарҳои бадеӣ ва мусиқӣ, фаъолияти бозикунӣ, дар ин раванд таъмини мунтазам, пай дар пай мақсаднок барои инкишоф додани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ;

4. Омӯзонидани тасвирҳои бадеӣ-нутқӣ бо истифода аз воситаҳои гуногуни баён дар фаъолияти бозикунӣ бо истифодаи мусиқӣ ва суханварӣ.

Дар фаъолияти таълимиву тарбиявии роҳбарони мусиқӣ дар МТТ-и пойгоҳӣ иҷрои сурудҳои “Баҳори нав муборак бод” - шеъри С. Саидҳомидов, суруди халқӣ “Гули лола”, “Офтоби ман” - шеъри Ю. Аҳмадзода, оҳанги Қ. Яҳёев, суруди халқии тоҷикӣ - “Кабки маст”, суруди “Биё, биё, обаки ширини мо” - шеъри М. Миршакар, оҳанги Ё. Сабзанов ва ғайраҳо бо иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ тибқи талаботҳои барномавӣ ворид карда шудаанд. Инчунин, шунидани мусиқӣ ва рақс зери оҳанги халқии тоҷикӣ “Рақс бо рӯймолчаҳо”, “Рақс бо гулҳо”, “Рақс бо кӯза”, “Рақс бо тоқӣ”, рақс зери оҳанги мусиқии халқҳои бародар - узбекӣ, туркманӣ, русӣ, озарӣ, қирғизӣ амалӣ гардонда шудаанд, ки дар онҳо зиёдтар, яъне 3/2 духтарҳо иштирок намуданд. Мо

ба кӯдакон пешниҳод намудем, ки ба рақс бо ашёҳо, рӯймолча, тоқӣ, кӯза амалу ҳаракатҳои навро ворид созанд. Онҳо чунин амалҳоро иҷро намуданд:

- дар анҷоми рақс бо гулҳо, онҳоро банавбат ба гулдонҳо гузошта, ба тамошобинон таъзим намудан;

- тоқӣ, кӯзаи дар даст бударо дар болои миз бо тартиб паси ҳам болои мизи махсус ва бонизом гузоаштан;

- баъди интиҳои рақс ба тамошобинҳо таъзим карданро фаромӯш накардан;

- ҳаракатҳои рақсии худро ба ҳаракати рафиқон мувофиқ кунондан ва ғайраҳо.

Сурудҳои халқӣ бо импровизатсияи ҳаракатҳои рақси миллӣ ҳангоми хондани сурудҳо дар бозиҳои мустақилонаи онҳо мавқеи хоссаро ишғол намудаанд.

Эҷодиёти халқӣ, аз он ҷумла, рақс ва мусиқии халқӣ дар худ андешаҳо, ғояҳои бадеӣ, орзую умед, шавқу рағбат, хоҳиш, табъу завқ, эҳсосоту ормонҳои мардумро вобаста ба синну сол, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию сиёсии мардум дар худ таҷассум менамоянд. Дарки онҳо баъд аз кӯдакистон, метавонад минбаъд воситаи муттаҳидии маънавии халқҳои дунё гардад.

Бояд қайд кард, ки олами маънавии кӯдакон мунтазам тағйирпазир ва гуногунранг аст. Ба мазмуни рақсу бозиҳои кӯдакон на танҳо шароиту имкониятҳои нави рақсу бозикунӣ, инчунин оҳангу савтҳои нави мусиқӣ, матни суруду таронаҳои халқҳои дунё ворид гардиданд, ки онҳо ба рушди қобилияту лаёқатмандии насли хурдсоли имрӯза таъсири муайян расониданд.

Албатта, гузаронидани машғулиятҳои мусиқӣ аз рӯи барномаи таълимии “Рангинкамон” дар МТТ бояд баргузор гардад. Гузаронидани чорабиниҳои кӯдакистон ҳатмӣ буда, дар доираи он кӯдакон сурудхонӣ,

гӯш кардани мусиқӣ ва сайру гашт кардан дар зери оҳанги мусиқӣ, иҷрои рақсҳои яккаю гурӯҳӣ, бозиҳои мусиқию варзишӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Ҷашнҳо бахшида ба фаслҳои сол ташкилу баргузор карда мешаванд: дар боби тирамоҳ 9 - сентябр Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи забони давлатӣ (5 - октябр), 22 - октябр иди Меҳргон, 6-ноябр Рӯзи Конститутсияи кишвар, Рӯзи кормандони милитсия; дар боби зимистон - ҷашни Соли нави мелодӣ, Иди Сада (30 - 31 -январ); Артиши миллӣ (23-феврал); дар боби баҳор - Рӯзи модарон (8 - март), Наврӯзи оламафрӯз, инчунин, дар давоми сол ҷашнҳои варзишӣ бо истифодаи мусиқӣ, бозиҳои мусиқию серҳаракат, рӯзи таваллуди кӯдакон дар доираи гурӯҳ дар нимаи дуюми рӯз ташкилу баргузор мегарданд, ки сохтори таркибии онҳоро суруду мусиқӣ, бозиҳои мусиқӣ, бозӣ-мусобиқаҳо, машқҳои варзишӣ ташкил менамоянд.

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ ба барномаи ҷашнвораҳои миллӣ “Наврӯз”, “Сада”, “Меҳргон”, “Иди Артиши миллӣ” ва ғайраҳо зиёдтар бозиҳои халқӣ ворид карда шуданд. Ҳангоми иҷрои амалҳои бозикунӣ инчунин мусиқиро ворид намудем. Махсусан, бозиҳои “Бандкашӣ”, “Хурӯсҷанг”, “Кӣ тезтар?” (давидан ва расидан ба марра) ва ғайраҳо барои кӯдакон шавқовару хотирмон буданд. Дар сафкашӣ ва қадампартоӣ дар ҷашни Рӯзи Артиши миллӣ ва дигар иду ҷашнвораҳо аз оҳанги “Марш”-и М. Раухвергер ва дигарон истифода бурда шуданд [142, с.36].

Дар МТТ пойгоҳӣ кӯдакони гурӯҳҳои озмудашаванда дар ҳамаи ҷашну идҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ фаъолона иштирок намуданд ва пешравию дастовардҳои онҳо дар ҳамаи марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ ба дафтари мушоҳидаҳо қайд ва натиҷагирӣ карда шуданд. Инчунин, нақш ва мавқеи саркардаҳо (сармирҳо) ва сарбайтхонҳо, ки бо маҳорати ташкилотчигӣ ва қобилияти эҷодкории худ дар ташкилу баргузорӣ ва рафту ҷамъбасти бозиҳои серҳаракат ҳиссагузор мебошанд,

махсус тавзеҳ дода шудааст. Иҷрои нақши саркарда (лидер) ва сарбайтхонро соҳиб гардидан ба шавқу завқи бозикунӣ, маҳорату қобилияти истифодаи жанрҳои хурди фолклорӣ, матнҳои бадеӣ-адабии мувофиқ ба мазмун, муҳтаво, роҳу усулҳои ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти якҷояи бозикуниро талаб менамояд.

Дар таҳқиқоти худ Г.А. Қурбонова инчунин, ба хулоса омадааст, ки дар 75% бозиҳои серҳаракати миллӣ кӯдакон аз фолклори бозикунӣ истифода мебаранд. Муҳаққиқ ҳангоми иҷрои кори таҳқиқотӣ муайян намудааст, ки дар 16 номгӯи бозиҳои серҳаракат, ки аз оғоз то интиҳо ва дар 4 номгӯи бозиҳо дар анҷом аз фолклори бозикунӣ истифода бурда шуданд. Инчунин, нақши анъанавии сармир (лидерҳо) ва сарбайтхонии кӯдакон дар ташкилу баргузории бозиҳои серҳаракати миллӣ махсус таъкид гардидаанд [82, с.13].

Бояд иброз намуд, ки нақши кӯдакони сармир (ташкилу роҳбарикунандаи бозиҳо) ва сарбайтхонро асосан кӯдакони бомаҳорату қобилиятноке ба зимма мегиранд, ки онҳо аз тарафи ҳамсолон эътироф ва интихоб шудаанд.

Мо ҳангоми баргузории кори озмоишӣ меъёрҳои баҳодиҳӣ ё худ нишондиҳандаҳои асосии қобилияти мусиқӣ-эҷодиро, ки аз таҳқиқоти олимон Н.А. Ветлугина, А.И. Ходкова, К. Сишор ва дигарон бармеояд, қобили қабул донистем ва онҳо чунинанд [28, с.63]:

1. Инкишофи муошират ва муносибатҳои байнишахсии кӯдакон дар эҷодиёти гурӯҳӣ, колективӣ, ки онҳо ифода мегарданд; дар хайрхоҳӣ, кушодадилӣ, майлу хоҳиши бо ҳамсолон дар якҷоягӣ амал кардан ва бо калонсолон дар ҳамкорӣ иҷро намудани фаъолиятҳо, маҳорату малакаҳои риояи одоби муошırату муносибат, импровизатсияи оҳангу суруд ва бозиҳои нави мусиқӣ, суръат ва ё ҷараёни нутқронӣ, баланду паст, кӯтоҳу дароз будани раванди нутқронӣ;

2. Инкишоф додани қобилияти мусиқӣ, азхуд кардани маҳорати эҷодии онҳо дар фаҳмиш ва дарки суруду мусиқӣ ва амалҳои мусиқӣ ҳангоми бозӣ (дохил кардан ба бозӣ, то охир иҷро намудани амалҳо), нигоҳ доштани оҳангу садои табиӣ дар ритм ва тембри мусиқӣ ҳангоми бозикунӣ.

Бо мақсади муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон тибқи методикаи дар боло зикргардида мо 9 супориши махсусро коркард намудем ва иҷрои мустақилонаи онҳоро ба кӯдакони гурӯҳи озмудашаванда пешниҳод намудем.

Машқ - супориши 1.

Роҳбари мусиқӣ пешниҳод намуд:

Ман оҳангро менавозам. Шумо зери ин оҳанг суруди дӯстдоштаатонро мехонед. Пешниҳод карда шуд, суруди халқии тоҷикӣ «Зебоҷон».

Меъёри баҳогузорӣ:

а) оҳанг ба матни суруд мувофиқат намояд;

б) кӯдак месарояд, вале ба дуруст сурудхониаш боварӣ надорад;

в) ба сурудхонии мустақилона кӯшиш намекунад.

Машқ - супориши 2.

Роҳбари мусиқӣ таъкид менамояд, ки ман сурудхониро сар мекунам, шумоён онро давом диҳед. Пешниҳод карда шуд: Суруди Наврӯзӣ, шеъри халқ, оҳанги З. Ховарӣ. Ӯ сатри аввали матни шеъриро бо оҳанг месарояд. Меъёри баҳогузорӣ:

а) кӯдакон мувофиқи оҳанг бо шавқу ҳавас суруд мехонанд;

б) кӯдак суруд мехонад, аммо роҳбари мусиқӣ то ба охир расидани ӯ интизор шуда, ӯро дастгирӣ мекунад;

в) кӯдак ба дуруст талаффуз кардани матн ва оҳанги суруд аҳаммият намедиҳад.

Машқ - супориши 3.

Машқи мусиқӣ. Роҳбари мусиқӣ оҳангро менавозад. Шумо мувофиқи оҳанг, сурудро бахшида ба гули аввали баҳорӣ хонед. Пешниҳод карда шуд:

Шеъри халқӣ «Бойчечак», оҳанги Ш. Бобокалонов.

## БОЙЧЕЧАК




Меъёри баҳодиҳӣ:

а) тез ба хотир овардани матну якҷоя оғоз кардани сурудхонӣ;

б) шунидан, дарку фаҳмидани оҳанг;

в) иштироки фаъолона ва бо маҳорату қобилияти махсус иҷро кардани суруд.

Машқ - супориши 4.

Зери оҳанги мусиқӣ сурудхонӣ ва бозӣ мекунем, пешниҳод карда шуд: Шеър ва оҳанги халқӣ бозӣ зери ҳамсарой «Харгӯшакҷон-харгӯшак». Меъёри баҳодиҳӣ:

а) маҳорату қобилияти тез сарҷамъ ва омодашавӣ ба бозии якҷоя аз тарафи кӯдакон;

б) маҳорату қобилияти муттаҳидшавӣ ва дар самти муайян ҳаракат намудан;

в) идора карда тавонистани руҳия, эҳсосоти шахсӣ, дуруст ва бехато хондани матн ва эҷодкорӣ дар иҷрои ҳаракатҳо аз тарафи харгӯшак (дар мобайн нишаста, ки гӯё ба «хоб» рафтааст).

Оҳанги 3. Ховарӣ ба матни суруди «Ман рост мегӯям», шеъри М. Миршакар. Оҳанг навохта мешавад. Кӯдакон мувофиқи матни шеър ва оҳанг ҳаракату амалҳои ҳамсолашон - “ростгӯӣ”-и худро исбот намуда, бадеҳагӯӣ мекунанд.

Меъёрҳои арзёбӣ:

а) матнро зуд азёд карда, якҷоя сурудхонӣ кардан;

б) шунидан, фаҳмидан, қабул кардани оҳанг;

в) иштироки фаъолона ва маҳорати махсус дар иҷрои суруд.

2

## "РОСТ МЕГӮЯМ"

**Шеъри Мирсаид Миршакар**




Меъёри баҳодиҳӣ:

а) маҳорату қобилияти дар шакли театришуда иҷро кардани амалҳо дар ҳаракати рақсӣ (бо ҷорӯб ҳавлӣ рӯфтан, бо кӯза дар даст

барои об рафтан, ба самти «модар» нигоҳ кардан, чархзанӣ баъди иҷрои амалҳо ва ғайра);

б) ҳаракату қиёфаро ба матн мувофиқ кардан;

Машқ - супориши 6.

Навохтани оҳанги М. Раухвенгер «Офтоб ва борон», суҳбат дар бораи ҳодисаҳои баромадани офтоб аз як самт ва фурӯ рафтани он ба самти дигар, он ифодагари рӯзи равшани офтобӣ, хурсандӣ, айёми давутоз, варзишу сайругашт, саёҳату хушҳолиҳо аст. Боридани борон, ки ба инсон ҳаловат мебахшад.

Бозии «Офтобак ва боронак»-оҳанги М. Раухвенгер. Роҳбари мусиқӣ менавозад ва мегӯяд: офтоб баромад ва оҳиста - оҳиста нурҳои худро парешон мекунад. Кӯдакон шӯхию хурсандӣ намуда, ба атроф паҳн мешаванд. Баъди 2-3 дақиқа роҳбари мусиқӣ мегуяд: абрҳо омада истодаанд!

Суръати мусиқӣ ва оҳанги он тағйир меёбад ва кӯдакон ба осмон нигоҳ карда, омадани боронро гӯё дарк карда, ба паноҳгоҳ (дар майдонча зери чатр, айвончаи болопӯшдор ҷамъ меоянд. Ин амалҳо бо ишораи мураббия якчанд маротиба такрор меёбанд.

Машқ - супориши 7. Мо мисли онҳо ҳаракат мекунем.

Мувофиқ ба либосу ниқоби интихобкарда иҷро намудани ҳаракату амалҳои қаҳрамонони афсонавӣ, чеҳраи хотирмони мусбату манфии кӯдакон ҳангоми иҷрои ҳаракатҳои тақлидию рақсии қаҳрамонон.

Роҳбарони мусиқӣ мусиқиро интихоб намуда, бо суръат ва оҳанги ба кӯдакон хос оҳангро навохт. Онҳо бонавбат мувофиқ ба ниқобҳо ҳаракатҳои тақлидӣ-рақсиро иҷро мекунанд: рӯбоҳ, хирс, масхарабоз, Буратино, Нодонхӯҷа, харгӯшак, мушча, Аҷузкампир ва ғайраҳо. Меъёри баҳодиҳӣ:

а) маҳорату қобилияти бодиққат шунидану дарк намудани оҳанг;

б) мутобиқгардонии ҳаракатҳои рақсӣ, роҳгардӣ, тағйирдиҳии қиёфа, ҳаракатҳои пой, гардан, даст ва ғайраҳо.

в) фаъолнокӣ ва маҳорати қобилияти эҷодкорӣ дар иҷрои ҳаракатҳои рақсӣ.

Машқ - супориши 8. Хондани шеъри М. Миршакар «Ман калон мешавам» ва тақлид ба ҳаракату амалҳои сарбозон.

Рӯзи Артиши миллӣ ҳамчун ид қайд карда мешавад ва ташкилу баргузории он баъди машғулиятҳои таълимӣ дар толори мусиқӣ таъмин мегардад. Дар он кӯдакони таҳсилоти томактабӣ маҳорату қобилияти иҷрои сурудҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ: «Кай аскарӣ меравам» - шеъри О. Аминзода, оҳанги Ш. Сайфиддинов; «Ватан» - шеъри М. Миршакар, оҳанги Ш. Соҳибов (роҳбари мусиқӣ метавонад мувофиқи синну соли кӯдакон мусиқӣ ва сурудро интихоб намояд).

Меъёри баҳодиҳӣ:

а) маҳорати дар сурудхонӣ саросема нашуда ва рост истода, бо овози табиӣ суруд хондан;

б) руҳияи махсуси хушнудона, аниқ дар ҳамовозӣ бо оҳанг сурудхонӣ;

в) қадампартоии якнафарӣ, дунафарӣ ва чорнафариро бо низому тартиби муайян иҷро кардан.

Машқ-супориши 9.

Шунидан ва фарқ карда тавонистан, фаҳмидани мазмун ва ғояи мусиқии таҳамтан, шӯх, ором дар заминаи гӯшкунии махсус ва такрор намудани «Суруди миллӣ», шеъри Гулназар Келдӣ, оҳанги С. Юдаков.

## Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шеъри Г. Келдӣ                                        Мусиқии С. Юдаков




Меъёри баҳодиҳӣ:

а) азхуд кардани матн ва қисмҳои онро дар хотир нигоҳ доштан;

б) самти садоҳо, гузаштан аз баланд ба паст, аз боло ба поён;

в) мустаҳкамкунии донишу тасаввуротҳо оид ба садодиҳии суруди миллӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ.

Суруди миллӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ банд ба банд омӯзонида мешавад, зеро ин суруд аз кӯдакистон омӯзонида шуда, то даврони пирӣ на танҳо дар муассисаҳои таҳсилотӣ, балки дар маҷлису ҷамъомадҳо, пеш аз оғози ҳамаи ҷашнвораҳо бо фармони Пешвои

миллат Эмомалӣ Раҳмон садо медиҳад. Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ муҳаббати онҳо ба Ватан ва миллат зиёд гашта, ҳисси миллии худро аз хурдӣ меомӯзанд.

Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-сентябр), ҷашнҳои варзишӣ, Рӯзи модарон (8-март), Артиши миллӣ (23-феврал), Ваҳдати миллӣ (27-июн), Парчами Тоҷикистон (16-ноябр), Қабули Конститутсияи Тоҷикистон (6-ноябр), Иди Ғалаба (9-май), идҳои миллӣ-Наврӯз, Меҳргон, Сада, чорабиниҳои сиёсӣ ва ғайраҳо. Минбаъд шунидани мусиқии тантанавӣ ва иҷрои машқ-супоришҳои 4,8,9 такрор карда мешаванд.

Сурудҳои мардумии кӯдакон бо забони тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссаеро ишғол мекунанд, зеро онҳо анъана ва арзишҳои фарҳангии мардумро инъикос мекунанд. Яке аз ин таронаҳо «Баҳори нав муборак!» мебошад, ки ба боби зебои сол бахшида шуда, таҷассуми дилрабоию шодиовари он аст. Ин таронаро фарорасии баҳор ва таҷлили Наврӯзро, ки аз ҷашнҳои аслии фарҳанги тоҷикон маҳсуб мешавад, ифода мекунад.

## Баҳори нав муборак бод.

(Суруди халқии тоҷикӣ)

такмили С.Саидхомидов



Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии зардӯзӣ,
Баҳори нав муборак бод!

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суруди мардумии «Баҳори нав муборак!» то имрӯз дар тамоми гӯшаву канори кишвар садо медиҳад ва онро месароянд. Дар ин давраи фарахбахш мо ҳамдигарро бо фарорасии баҳори деринтизор табрик мекунем. Кӯдакон ин сурудро дар андозаи 7/8 месароянд, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидааст ба синну соли онҳо мувофиқ буда, бо суръати суст сароида мешавад, инчунин ин суруд ба кӯдакон имкон медиҳад, ки тарзи дурусти қироатро омӯзанд. Ин суруд дар чорабиниҳои баҳорӣ, ки замин сабз, гулҳои хушбӯи баҳорӣ қомат афрохта, шукуфта мавсими киштукор оғоз мегардад, омӯзонида мешавад.

Барои ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии томактабии кишвар ворид намудани чунин сурудҳо ба воситаи ба нота гирифтан, аз ҷумла оҳангҳои пурмазмун вазифаи ҷонии олимону оҳангсозони соҳаи санъати мусиқии тоҷик мебошад.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мо аз дилхушиҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ба монанди дойра ва таблак ҳамчун асбобҳои мусиқӣ-зарбӣ зиёд истифода бурдем. Мо онҳоро ҳамчун асбоби мусиқии маъмул, дастрас, тантанавӣ ва махсус садодиҳанда қабул намудем. Ин амал имконият дод, ки дойра ва таблак дар оғоз, равиш ва анҷоми кулли чорабиниҳои озмоишӣ вазифаи сарҷамъсозии кӯдаконро иҷро намоянд.

Ҳангоми иҷрои амалҳои бозикунӣ ва ҳаракатҳои рақсӣ вобаста ба иҷрои супоришҳои мақсадноки таҳқиқотӣ мо муайян намудем, ки ҳар як кӯдаки озмудашаванда дар бозиҳои мусиқӣ ба олами тахайюлот ва эҷодкорӣ ворид гардида, метавонад қобилияту маҳорати худро пурра нишон диҳад. Маҳз таъсири фаъолияти комплексӣ-маҷмуии фаъолияти

мусиқӣ; яъне шунидану фаҳмидани мусиқӣ, азхудкунии матни адабӣ ва маҳорати сурудхонӣ, рақскунӣ зери оҳанги мусиқӣ, бозиҳои мусиқӣ - ба инкишофёбӣ ва такмилёбии сифатҳои шахсиятии кӯдак мусоидат намуданд. Кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни азхуд кардани мусиқӣ ба зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ ворид шуда, ба ин восита ҷаҳонбиниашонро бой гардонданд, муносибат, барои андеша ва ғояҳои навро тавлиду амалӣ гардондан кӯшиш намуданд. Фаъолияти мусиқӣ бо бозикунӣ ба рушди эҷодкорӣ ва ҷисмонии кӯдакон низ таъсир расонданд. Онҳо ба воситаи бозӣ ба ақиб, паҳлуи росту чап бо суръати муайян дар ҳамоҳангӣ ба матни суруду мусиқӣ, хаму рост шудан, тоб додани ҷисм ва ғайраҳо инкишоф ёфтаанд, ки кулли ҳаракаткуниҳо на танҳо ба солимии равонию ҷисмонӣ, инчунин шаклгирии қадду қомати мавзун, роҳгардии зебо, тез мутобиқшавӣ ба иҷрои ҳаракату амалҳои зарурӣ мусоидат намуданд.

Фаъолияти амалияи мусиқӣ иродаи кӯдакро дар раванди омӯзиш самаранок ва фаъол мегардонад. Аммо, дар баъзе номгӯи фаъолияти мусиқӣ ва бозингари қобилиятҳои муайян бештар инкишоф дода мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки дар раванди таълим ҳар қадар бештар унсурҳо дохил карда шаванд, кӯдакон ҳамон қадар бо арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ фаъолонатар ошно мешаванд. Ташаккули завқи мусиқӣ асоси фарҳанги мусиқии кӯдакон ва қисми ҷудонашавандаи фарҳанги умумии маънавии онҳо дар оянда мегардад.

Роҳбари мусиқӣ ва мутахассисон ба хулосае омаданд, ки фаъолияти мусиқӣ дар ҳар як кӯдак шавқу рағбатро ба вуҷуд оварда, асоси қобилиятҳои мусиқии ӯро ташкил медиҳад. Дар рафти омӯзиш баъзе кӯдакон дарҳол қобилиятҳои асосии мусиқӣ ва эҳсосиро нишон доданд, ки онҳоро баъдтар инкишоф дода тавонистанд. Онҳо қобилияти махсуси дарк кардани баландӣ ва ҳисси ритмро инкишоф доданд ва эҷодиёти онҳо мусиқиро бо мазмуни нав пурра кард.

Бо афзоиши басомади истифодаи ин унсурҳо, таъсири онҳо ба ташаккули дарки арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ меафзояд. Ташаккули завқи мусиқӣ ҷанбаи асосии фарҳанги мусиқии кӯдак буда, баъдтар асоси фарҳанги умумии маънавии ӯ мегардад. Роҳбари мусиқӣ ва мураббӣ инчунин ба хулосае омаданд, ки фаъолияти мусиқӣ ба ҳар як кӯдак фоида меорад ва барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ замина мегузорад.

Тавассути шиносоӣ бо санъати мусиқӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ неруи эҷодӣ фаъол мегардад, рушди оғози зеҳнӣ ва ҳассосӣ ба амал меояд. Ҳарчи бештар тамрин намудани сурудҳо мувофиқи синну соли хонандагон бештар истифода бурда шавад, таъсири он ба инкишофи дарку ҳиссиёти арзишҳои фарҳангӣ зиёд хоҳад гашт. Инкишоф додани шавқу рағбати санъати мусиқӣ ба кӯдакон имконият дод, ки ҷанбаи асосии фарҳанги онҳо бой гашта, нутқи онҳо дар ҷодаи санъат бештар ба чашм мерасад. Фаъолияти мусиқӣ ҳамон вақт манфиатдор мегардад, ки роҳбари мусиқӣ ва мураббӣ ҳамкориро мустаҳкам намоянд, то ин ки ташаккулёбии қобилиятҳои мусиқии кӯдакон беҳтар карда шавад.

Инкишофи қобилияти мусиқӣ яке аз вазифаҳои асосии тарбияи мусиқии кӯдакон мебошад. То вақтҳои охир ҷараёни таълими мусиқӣ асосан характери репродуктивӣ дошт. Танҳо дар солҳои охир педагогика ва психологияи мусиқӣ ҳамчун усулҳои асосии таълим ба эҷодиёти кӯдакон рӯ овард.

Дар рафти таҳқиқот баъзе кӯдакон қобилиятҳои махсуси мусиқӣ ва ҳиссиро муайян карданд, ки дар оянда онҳоро инкишоф дода тавонистанд. Ин кӯдакон дорои дарки беҳамтои баланд ва ҳисси ритм мебошанд, ки мусиқиро бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад.

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ маълум гардид, барои инкишоф додан ва ҳавасманд гардонидани кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ташкили гӯшаи мусиқӣ нақши муҳим дорад.

Махсусан, кӯдакони нав ба гурӯҳҳои калони томактабӣ қабулшуда шармгин ва дорои мушкилотҳои шахсиятӣ (нуқсони нутқронӣ, камҷуръатӣ, дараҷаи сабуки боздории рушди равонӣ, аломатҳои геперактивидошта, майл ба пургӯӣ дошта ва ғайраҳо) кори фардии доимиро талаб намуданд.

Тибқи натиҷагирӣ ҷадвали 4 таҳия ва баррасӣ карда шуд:

**Ҷадвали 4.**

**Вазъи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодкории кӯдакон дар бозиҳо дар марҳилаи ташаккулдиҳанда**

| | **Сатҳи рушд** | **Озмудашавандагон** | |
|---|---|---|---|
| | | Нафар | Ба ҳисоби % |
| | Баланд | 86 | 55 % |
| | Миёна | 55 | 35 % |
| | Паст | 16 | 10 % |
| | Ҳамагӣ | **157 нафар** | **100 %** |

Баъд аз гузаронидани таҳқиқот мо ҷараёни бозиро таҳқиқ карда, бо роҳбарони мусиқӣ ва мураббияҳо суҳбатҳо ташкил намудем. Аз суҳбат маълум гашт, ки фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон танҳо ба воситаи бозӣ инкишоф дода мешавад, чунки фаъолияти бозикунӣ яке аз омилҳои пешбарандаи кӯдакон ва рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо ба ҳисоб рафта, созҳои мусиқиро аз хурдӣ бояд омӯзонида шуда, хондани суруд, иҷрои рақс маҳз аз синну соли томактабӣ таъсирбахш буда, ба ин раванд мусоидат хоҳад кард.

Мо робитаи мутақобилаи фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикуниро дар нақша ба таври зайл ифода намудем:




Чӣ тавре ки аз кулли фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикунии кӯдакон, бармеояд, онҳо мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд буда, дар ҳаёти кӯдакон ва рушди шахсияти онҳо нақши муҳим доранд.

Роҳбари мусиқӣ дар раванди таълими мусиқӣ ба кӯдакони синни томактабӣ аз байни кӯдакон овозхонҳои боистеъдодро муайян намуда, онҳоро ба иҷрои порчаи мусиқии омӯхташаванда даъват мекунад. Ин

метавонад як иҷрои якка ва ё иҷрои муштарак бошад. Ин таҷриба ба кӯдакон кумак мекунад, ки фаъолияти худ ва иҷрои кӯдакони дигарро беҳтар дарк кунанд ва барои равшанӣ ва ифоданокӣ кӯшиш кунанд.

Барои ба даст овардани сифати баланди машғулиятҳо тавсия дода мешавад, ки сурудҳои одии халқиро барои иҷро интихоб кунед. Кӯдакон онҳоро бозавқ иҷро карда, бо олами мусиқии мардумӣ, ки унсури муҳимми инкишофи онҳост, шинос мешаванд. Роҳбари мусиқӣ оид ба иҷрои суруд ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ мефаҳмонад, ки ибораҳои алоҳидаи асари мусиқӣ, нақл ё иҷрокунии суруд бояд фаҳмо ва тоза анҷом дода шаванд. Дар раванди омӯзиши суруд ба кӯдаконе, ки онро бо иштибоҳ иҷро мекунанд ва ё номуайянанд, таваҷҷуҳи хосса дода, онҳоро дар қатори онҳое, ки возеҳ ва бехато месароянд, ҷой додан тавсия дода мешавад. Ҳангоми омӯхтани суруд шумо метавонед ба кӯдакон тартиби нишастанро пешниҳод кунед:

**Дар қатори 1-ум** ба роҳбари мусиқӣ наздиктар кӯдаконе, ки ба МТТ нав омадаанд ва ё муддати дароз дар машғулиятҳои мусиқӣ иштирок накардаанд, шинонед ё рост монед.

**Дар қатори 2-юм** кӯдаконе меистанд, ки овозашон ҳанӯз пурра инкишоф наёфтааст ва баъзан ҳангоми сурудани суруд ба хатогӣ роҳ медиҳанд.

**Дар қатори 3-юм** кӯдаконе меистанд, ки равшан ва озод суруд мехонанд.

Омӯзиши суруд аз шунидани оҳанги пурраи он оғоз мешавад. Агар сурудро худи роҳбари мусиқӣ иҷро кунад, пас ҳангоми иҷрои оҳанги пурра, яъне ибтидо, сароидан ва анҷоми он бояд бо маҳорати баланд ва ифоданок иҷро карда шавад. Дар ин сурат, диққати кӯдакон бештар ба мазмун, характер ва образҳои суруд ҷалб карда мешавад ва иҷрои он бомуваффақият мегузарад.

Агар ритми композитсия мураккаб бошад, шумо метавонед қарсакзаниро ҳамчун ҳамроҳӣ истифода баред. Дар ин ҳолат тавсия дода мешавад, ки порчаро якчанд маротиба иҷро кунед. Матни шеър бояд бо истифода аз оҳанг интиқол дода шавад. Ҳангоми омӯхтани сурудҳои аввал ҳамоҳангии асбоби мусиқӣ, ки ҳамроҳӣ ном дорад, ҳатмӣ нест.

Тавсия дода мешавад, ки навохтани оҳанги суруд зери ҳамсарой роҳбари мусиқиро водор менамояд, ки ҳамаи кӯдакон дар як вақт, бо як овоз, бо ҳамоҳангсозии мусиқӣ сароянд. Аз ин лиҳоз, роҳбари мусиқӣ бояд ба кӯдакон дар вақти махсус муайяншуда ва дар доираи машғулияти мусиқӣ сурудхониро омӯзонад, на берун аз он. Дар доираи машғулияти мусиқӣ ба ғайр аз порчаи пешниҳодшуда барои омӯзиш иҷро кардани сурудҳои ба кӯдакон шинос муфид аст.

Дар як машғулияти мусиқӣ як ё ду машқи овозӣ, як суруд барои омӯхтан ва як суруд барои такрор иҷро карда мешавад. Дараҷаи сурудхонии кӯдакон тавассути иҷрои фардӣ санҷида мешавад. Бо ин мақсад, аз машқҳои хурд ва сурудҳо истифода бурдан фоиданок аст. Машқ ё суруди кутоҳро интихоб карда, ба хонандагон фаҳмондан лозим аст, ки сарояндаи якум ҷумлаи якуми сурудро месарояд ва сарояндаи дуюм ҷумлаи дуюмро мехонад. Азбаски мақсади асосии сурудхонӣ иҷрои табиӣ ва тару тозаи суруд аст, аз машғулиятҳои аввал роҳбари мувиқӣ бояд ба садои табиии овозхонии кӯдакон диққати махсус диҳад.

Хулосаҳое, ки дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои калони таълими томактабӣ санҷида шуданд, асоси инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ба ҳисоб меравад, ки шаклу мазмуни ташкили фаъолияти мусиқию эҷодии кӯдаконро мувофиқи хоҳиши онҳо нишон доданд. Бо талаботи структураи барнома, усулҳои амалӣ ҷорӣ карда мешаванд. Аммо ташкил ва идоракунии фаъолияти мусиқию эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои

таълимии давлатӣ ва хусусӣ ва марказҳои рушди кӯдакон дар шаҳру деҳот хусусияти хоси худро дорад.

**Хулосаи боби сеюм**

Вазъи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодӣ ва кори озмоишӣ дар МТТ дар гурӯҳҳои синну соли калони томактабӣ (аз панҷ то шашсолаҳо) ва омодагӣ ба мактаб (шаш ва ҳафтсолаҳо) мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Он фарогири баргузор гардида, ду марҳилаи муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда буд.

Натиҷагирӣ аз марҳилаи аввал ду зинаро дар бар гирифт. Дар зинаи аввал ба вазъи таълим ва тарбияи мусиқӣ ва фаъолияти мусиқӣ-бозикунии кӯдакон бахшида шуд. Мақсади зинаи дуюм муайянкунӣ, ё ташхиси педагогии дараҷаи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони озмудашавандаро фарогирӣ намуд. Дар заминаи натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ аз ин марҳила мақсаду вазифаҳои марҳилаҳои минбаъдаи таҳқиқотро ташаккулдиҳанда муайян намудем.

Ташхиси педагогӣ барои муайян кардани дараҷаи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар кӯдакон нишон дод, ки натиҷаҳо қариб бо ҳам баробар буданд. Холҳое, ки кӯдакон дар дараҷаи баланд ва миёна ба даст оварданд, аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доштанд ва фақат дараҷаи миёна 90% - ро ташкил намуд (нигаред ҷадвали 4). Дар чунин дараҷа қарор доштани дараҷаи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон, зарурияти истифодаи иҷрои супоришҳои амалӣ, таҳлили вазъи фаъолияти мусиқӣ ва бозикунии кӯдаконро дар ҳаёти мусиқӣ ворид карда шавад. Онҳо алоқамандии каломи бадеиро бо оҳангу матни лафзи модарӣ таъмин намуда, барои тарбия намудан ва инкишофи маҳорату қобилияти эҷодии кӯдакон мусоидат намуданд. Дар ҷараёни ташкилу баргузории кори озмоишӣ дар гурӯҳҳои калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаби, ки мақсади он ба инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон равона карда шуда буд, нишон дод, ки мазмун ва шаклҳои

ташкили фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон тибқи талаботи заминаҳои барномавӣ-методии соҳа амалӣ гардонда мешаванд.Ин андешаи моро иҷрои муваффақонаи машқ - супоришҳо, ки аз 9 номгӯ иборат буданд, исбот намудаанд. Дар асоси омӯхтану таҳлил намудани асосҳои назариявӣ, таҳқиқоти амалии МТТ, ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ ва натиҷаҳои он модули инкишофи қобилияти мусиқию эҷодии онҳоро дар ҷараёни фаъолият тартиб додем ва вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеа ва дигар омилҳо метавонанд онро мукаммал намоянд. Новобаста ба он, баъзе мушкилотҳо дар МТТ мавҷуд аст: ба монанди кам будани барномаҳои таълимӣ, инчунин нарасидани кадрҳои мусиқӣ ва паст будани музди моҳонаи роҳбарони мусиқӣ, ки дар ин бора бояд чораҳои махсус андешид.

Аз мушоҳидаи таҷрибаҳои роҳбарони мусиқӣ ва мураббияҳо бар меояд, ки фаъолияти мусиқӣ барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии МТТ нақши бориз дорад.

